# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
тел: +992 (44) 600-32-49
e-mail: majalla@nbt.tj

МАҶАЛЛАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ИЮЛ-СЕНТЯБРИ 2017

**ЧЕҲРАҲО / ЛИЦА / FACES**

**Ҷамолиддин Нуралиев,** иқтисодчӣ
**Андрей Филатов,** коршиноси IT
**Муҳаммад Зубайр,** иқтисодчӣ
**Изатулло Маҳмудов,** иқтисодчӣ
**Давлатбек Ҳалимов,** коршинос



БМТ: МАҚСАД ДАР ДОИРАИ НИШОНДИҲАНДАИ ЯКРАҚАМА НИГОҲ ДОШТАНИ ТАВАРРУМ МЕБОШАД 12

АҲДИ ИСТИСНОЪ 39

МУҲАММАД ЗУБАЙР: БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ БА ТОҶИКИСТОН САРМОЯИ ЗИЁД МЕОРАД! 30

52 МУАММОҲО ДАР ГАРДИШИ ҲАҶМИ ПУЛИ МИЛЛӢ

42 «СКОРОСТЬ И МАСШТАБ ЦИФРОВОЙ ТРАНСФОРМАЦИИ БИЗНЕСА НЕДООЦЕНИВАЮТСЯ ВЛАДЕЛЬЦАМИ БАНКОВ»

## Истиқлолият бақои миллат ва кафили фардои дурахшон аст!





Дар танзими расму ойинҳо, маъракаҳои хурсандиву маросими азодорӣ, пеш аз ҳама, модарону хоҳарони мо бояд фаъол бошанд ва талаботи қонунро риоя карда, ба зиндагии хонадон ва оилаи худ сабукиҳо оваранд. Онҳо бояд бо сабру таҳаммул бошанд, ба зоҳирпарастиву худнамоӣ, кибру ғурур ва кӯшишҳои худро аз дигарон боло гузоштан роҳ надиҳанд, аз сарфу хароҷоти зиёдативу нораво ва гузаронидани маъракаҳое, ки қонун онҳоро манъ намудааст, худдорӣ кунанд. Дар арафаи идҳо хариди маводи ғизоӣ ва маҳсулоти дигар чунон зиёд мешавад, ки гӯё имрӯз ё пагоҳ зиндагӣ ба охир мерасида бошад. Дар ҳоле ки мо бояд фикри фардоро кунем ва барои оростани дастурхони якрӯзаи идона маблағи чандмоҳаи буҷети оилавиро сарф насозем.

**Эмомалӣ Раҳмон**

# ДАР ИН ШУМОРА


**3 | ЭМОМАЛӢ РАҲМОН: БИГЗОР, НУРИ ХУРШЕДИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ТО АБАД РАВШАНГАРИ ҲАЁТИ ҶОМЕАИ МО ГАРДАД!**

**12 | БМТ: МАҚСАД ДАР ДОИРАИ НИШОНДИҲАНДАИ ЯКРАҚАМА НИГОҲ ДОШТАНИ ТАВАРРУМ МЕБОШАД**

Ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии мамлакат дар нимсолаи аввали соли 2017 дар нишасти матбуотие, ки 24 июли соли равон барои хабарнигорони Воситаҳои ахбори оммаи дохиливу хориҷии кишвар баргузор гардид, мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**21 | НИЗОМИ БОНКӢ ВА ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ ОН ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2017**

Ҷаласаи васеъи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ 28 июли соли равон баргузор гардид ва дар он ҷамъбасти фаъолияти низоми бонкӣ дар нимсолаи якум ...

**34 | ҲАМКОРӢ БО ШИРКАТИ “MOODY’S INVESTORS SERVICE” ТАВСЕА МЕЁБАД**

Раванди кор дар ин ҷо аз он шаҳодат медиҳад, ки корҳои зиёде анҷом дода шудаанд ва таассуроти мо барои ҳамкориҳои минбаъда заминаи хубе фароҳам хоҳад овард.


12



30




**30 | МУҲАММАД ЗУБАЙР: БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ БА ТОҶИКИСТОН САРМОЯИ ЗИЁД МЕОРАД!**

Мурабаҳа ва салам усулҳои нисбатан содаи бонкдории исломӣ буда, ҳадафи аслии онҳо бунёди тиҷорати хурду ҷойҳои корӣ . . .

**37 | БМТ: БА ГАРДИШИ ПУЛИ НАҚД ВА ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ҒАЙРИНАҚДӢ ДИҚҚАТИ ҶИДДӢ ДОДА МЕШАВАД**

Шакли ҳисоботии №23 оид ба “Гардиши пули нақд” ва тарзи дурусти пешниҳоди он, лоиҳаи Дастурамали №173 “Оид ба ташкили корҳои хазинавӣ дар БМТ, ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ” . . .

**39 | АҲДИ ИСТИСНОЪ**

Шартномаи “истисноъ” метавонад байни бонк ва фармоишгар баста шавад, агар бонк қабл аз бастани шартнома предмети шартнома ва ё ашёеро, ки аз он тайёр карда мешавад, ба даст оварда бошад.

# В ЭТОМ НОМЕРЕ




21 | НИЗОМИ БОНКӢ ВА ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ ОН ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2017





42 | «СКОРОСТЬ И МАСШТАБ ЦИФРОВОЙ ТРАНСФОРМАЦИИ БИЗНЕСА НЕДООЦЕНИВАЮТСЯ ВЛАДЕЛЬЦАМИ БАНКОВ»

59 | РУБЛРО ЧӢ ИНТИЗОР АСТ?


Нишондиҳандаи 4,4% дар моҳи июн барои ман ҳам ногаҳонӣ буд, вале боз ҳам болоравии таваррум дар семоҳаи дуюм ногузир буд, мо онро дар сатҳи 4,2-4,3% пешгӯйи карда будем. Сабабаш маълум аст: дар охири март ва аввали апрел рубл аз мустаҳкамшавӣ боз истод, дар моҳи май ба заифшавӣ . . .


52 | МУАММОҲО ДАР ГАРДИШИ ҲАҶМИ ПУЛИ МИЛЛӢ


Масъалаҳои тағйирёбии сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пули нақд, аз ҷумла ҷанбаҳои дигари марбут ба гардиши пули нақд ва аз соли 2016 инҷониб бо суръати баланд афзудани ин нишондиҳанда . . .


55 | MASTERCARD БО TJS КОР МЕКУНАД!


Барои низомҳои пардохтии MasterCard ва VISA фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушди амалиёт бо кортҳо дар бонкҳо ва тавсеаи пардохтҳои электронӣ дар байни . . .


**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

МАҶАЛЛАИ ТАҲЛИЛИИ БОНКӢ
3 (78) ИЮЛ-СЕНТЯБР, 2017



**ТЕЛ:** +992 (44) 600-31-24
**ФАКС:** +992 (44) 600-32-49
**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
E-mail: **majalla@nbt.tj**



РАИСИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:
Ҷ.Нурмаҳмадзода
АЪЗОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:
Ф.Ҳамрализода, Ҷ.Нуралиев, С.Икромӣ, Л. Салимова, А.Миралиев, Н.Абибуллоев, А.Қурбонов

ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:
Сармуҳаррир: А.Қурбонов
Сармутахассис: А.Мӯминов
Мутахассиси пешбар: З.Ҷамолов
Мутахассиси пешбар: М. Бурҳонов



Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи қайд: №02031/мҷ, аз 15 июли 2015 с.



Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.



Теъдоди нашр: 315 нусха. Дар матбааи ҶДММ “POLYGRAPHGROUP” чоп шудааст. ш. Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев, 113.



# Бигзор, нури хуршеди истиқлолият то абад равшангари ҳаёти ҷомеаи мо гардад!

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи истиқлолияти давлатӣ

**ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!**
**ҲОЗИРИНИ ГИРОМӢ!**

Бо камоли ифтихору самимият тамоми мардуми шарифи кишвар, аз ҷумла сокинони пойтахти Тоҷикистони озоду соҳибихтиёр – шаҳри Душанбе ва кулли ҳамватанони бурунмарзиамонро ба муносибати ҷашни муборагу муқаддаси миллиамон - бистушашсолагии истиқлолияти давлатӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар фарди худогоҳу худшиноси мамлакат бахту саодат ва дастовардҳои рӯзафзун орзу менамоям.

Истиқлолият ва озодӣ дар сарнавишти миллати тоҷик гардиши куллӣ ба вуҷуд овард ва оғози марҳалаи сифатан нави таърихӣ гардид.

Марҳалаи нав дар назди мардуми Тоҷикистон иҷрои вазифаи бисёр пурмасъулияти таърихӣ, яъне бунёди давлати мутамаддини ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқу кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосирро ба миён гузошт.  Дар зарфи бисту шаш сол мо ба шарофати заҳмати софдилонаи халқамон дар роҳи таъмини рушди сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии мамлакат ба натиҷаҳои намоён ноил гардидем. Дар ин давра барномаи мукаммали ислоҳоти куллии сиёсӣ ва ҳуқуқиро татбиқ намуда, барои рушди иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам овардем, дар соҳаҳои ҳаётан муҳимми кишвар, аз ҷумла саноату энергетика, нақлиёту коммуникатсия, кишоварзӣ ва бахшҳои дигар ба дастовардҳои назаррас муваффақ шуда, дар соҳаҳои иҷтимоӣ, бахусус, илму маориф ва тандурустиву фарҳанг таҳаввулоти сифатиро таъмин намудем.

Соҳибистиқлолӣ ва хусусан, солҳои аввали он барои мардуми мо марҳалаи бисёр вазнин ва озмоишҳои сангин буданд.

Кишвари мо дар натиҷаи фитнаву дасисаи қувваҳои бадхоҳи дохиливу хориҷӣ ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор шуда, хатари аз байн рафтани давлати ҷавони тоҷикон ва пароканда гардидани миллат ба воқеияти талху даҳшатнок табдил ёфта буд.

Вале мардуми шарифи Тоҷикистон бо саъю талоши ватандӯстонаву фидокорона ба хотири ҳимояи истиқлолияти давлати ҷавони худ ин имтиҳони

сахту сангини таърихро паси сар намуданд.

Дар як муддати кӯтоҳ мо на танҳо мушкилоти зиёди баъдиҷангиро бартараф карда, сулҳу суботро дар мамлакат барқарор сохтем, балки барои пешрафти бомароми кишвар асоси мустаҳкаму боэътимод гузоштем.

Ҳоло бо ифтихору сарфарозӣ изҳор медорем, ки ҳамаи корҳои азими созандагиро, ки то имрӯз дар кишвари маҳбубамон амалӣ намудем, ба номи муборак у муқаддаси истиқлолият анҷом додем. Зеро истиқлолият барои мо рамзи пойдории давлат, ҳастии миллат ва шарафу эътибори Тоҷикистони азизамон мебошад.

Гузашта аз ин, истиқлолият тантанаи хирад ва андешаи миллати солору куҳанбунёди тоҷик, оғози марҳалаи навини давлатдории миллӣ, омили иттиҳоду сарҷамъии мардуми фидокору ватандӯсти мо, василаи муҳимтарини ҳифзи асолату ҳувияти миллӣ ва муҳимтар аз ҳама, нишонаи возеҳи ҳастии миллат ба шумор меравад.

Бо истифода аз фурсат, бори дигар хотирнишон месозам, ки дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ мардуми шарифи Тоҷикистон бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд барои ҳифзу нигоҳдории давлати навини тоҷикон, пешрафту ободии сарзамини муқаддаси аҷдодӣ ва эҳё намудану гиромӣ доштани



арзишу суннатҳои миллӣ саҳми бесобиқа гузоштанд.

Ман ҳамчун Роҳбари давлат ҳамеша бо чунин халқи заҳматкашу сарбаланд ифтихор мекунам ва дар ин лаҳзаҳои пурҷалоли ҷашнӣ ба халқи азизам сипоси самимии хешро изҳор менамоям.

## ҲАМВАТАНОНИ ГИРОМӢ!

Бисту шаш соли даврони истиқлолият дар муқоиса бо таърихи бостонии халқи тоҷик ва ҳатто аз нигоҳи раванди бунёди давлати муосир фосилаи чандон тӯлонӣ нест.

Сарфи назар аз мушкилоту монеаҳои сахту сангине, ки дар ин муддат вуҷуд доштанд, мо тавонистем бо такя ба ақлу заковат ва дастгирии самимонаву заҳмати софдилонаи мардуми сарбаландамон дар роҳи эъмори давлати муосири демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ қадамҳои устувор гузорем.

Дар тӯли солҳои истиқлолият тавассути амалисозии барномаву стратегияҳои давлатӣ ва сафарбарсозии тамоми захираву имкониятҳо сатҳу сифати зиндагии мардум бамаротиб баланд бардошта шуд.

Бо дарназардошти он, киояндаи ҷомеа, идораи давлату миллат, ҳифз кардан ва афзун намудани дастовардҳои истиқлолият аз наврасону ҷавонони имрӯза вобаста мебошад, мо таълиму тарбияи шоистаи насли наврасро яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлату Ҳукумат эълон кардаем.

Чунки бунёди ҷомеаи демокративу дунявӣ ва соҳиб шудан ба мақоми арзанда дар арсаи байналмилалӣ бе рушди сармояи инсонӣ, яъне бидуни тарбия ва ба воя расонидани насли донишманду соҳибмаърифат ва ватандӯсту ободгар, инчунин, тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ғайриимкон аст.

Маҳз бо дарназардошти аҳаммияти бузурги ин масъала

мо соли 2017-ро дар мамлакат “Соли ҷавонон” эълон кардем.

Ман ҳамеша ба ақлу заковат, нерӯи созанда ва ҳисси миллии ҷавонони саодатманду ватанпарвар ва бонангу номуси кишвар, яъне фарзандони даврони истиқлол бовар дорам ва бо итминон изҳор менамоям, ки онҳо минбаъд низ ба хотири ҳифзи арзишҳои истиқлолият чун сипари боэътимод хизмат мекунанд.

## ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!

Истиқлолияти давлатӣ дар баробари он, ки неъмати бузург мебошад, ҳифзу таҳкими он ба дӯши мардуми кишвар масъулияти азимеро низ мегузорад.

Яке аз омилҳои расидан ба қадри ин неъмати бузург ва ҳимояи он дар зеҳну шуури ҳар як соҳибватан ташаккул додани эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватандорӣ ва ҳувияти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Имрӯз ҳамаи мо шоҳиди воқеаҳои даҳшатноку фоҷиабор дар як қатор кишварҳои олам ҳастем, ки бар асари шиддати бесобиқа пайдо кардани бархӯрди манфиатҳои қудратҳои ҷаҳонӣ ва таҳдиду хатарҳои нав, аз ҷумла торафт вусъат гирифтани фаъолияти гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ амнияту суботи баъзе давлатҳои як вақтҳо ороми сайёра аз байн рафтааст.

Тоҷикистони мо аз лиҳози ҷуғрофӣ ва бо дарназардошти вазъи минтақа дар чорсӯйи бархӯрди манфиатҳо қарор гирифтааст. Бо дарназардошти чунин вазъи ноорому хатарзои ҷаҳони муосир ва бо мақсади таъмин намудани рушду инкишофи давлату миллатамон вазифаи муҳимтарини ҳар яки мо ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, суботу оромии комили ҷомеа ва тақвияти ваҳдату ҳамдигарфаҳмии кулли сокинони кишвар мебошад.

Барои ҳалли ин вазифаҳо зарур аст, ки ҳар фарди бонангу номуси миллат ва тамоми мардуми Тоҷикистон сарҷамъу муттаҳид бошанд ва дар татбиқи сиёсати ободгаронаву созандаи давлату Ҳукумати мамлакат фаъолона ширкат намоянд.

Бисёр муҳим аст, ки ҳар як сокини мамлакат қимату арзиши озодиву соҳибихтиёрӣ ва давлати миллиро амиқан дарк намояд ва аз имконияте, ки таърих барои мо фароҳам овардааст, пурсамар истифода барад. Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки танҳо бо доштани давлати соҳибистиқлол, Ватани соҳибихтиёр ва ҷомеаи пешрафта метавонем дар дунёи мутамаддин мақоми арзанда дошта бошем.

Хотирнишон месозам, ки дар шароити бисёр мураккабу печидаи ҷаҳони муосир мо танҳо бо ваҳдату сарҷамъӣ, заҳмати аҳлона ва саъю талоши ватандӯстонаи тамоми сокинони кишвар метавонем истиқлолияти Ватани маҳбубамонро ҳимоя кунем, давлати соҳибихтиёрамонро пешрафта гардонем ва ҳамаи нақшаву ҳадафҳои миллиамонро амалӣ намоем.

Дар ин лаҳзаҳои пуршукӯҳи идона бори дигар кулли мардуми сарбаланди Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзиамон ва ҳамаи шумо, ҳозирини арҷмандро ба ифтихори ҷашни бузурги бистушашсолагии истиқлолияти давлатӣ самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо зиндагии орому осуда ва бароруу комёбӣ орзумандам.

Бигзор, сулҳу субот дар Тоҷикистони азизамон ҳамеша ҳукмрон ва истиқлолияти миллати фарҳангсолорамон ҷовидону бегазанд бошад!

Бигзор, нури хуршеди истиқлолият то абад равшангари ҳаёти ҷомеаи мо гардад!

Бигзор, ҷашни муқаддаси истиқлолият барои ҳар фарди соҳибдилу озодаи кишвар саломатӣ, бахту саодат ва фатҳу кушоишҳо оварад!

Ҷашни истиқлолият ва соҳибдавлативу соҳибихтиёрӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!

**www.president.tj**

## >> БМТ ВА ШИРКАТИ “UNIONPAY”: САТҲИ НАВИ ҲАМКОРӢ



Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода 3 июли соли равон ҳайати намояндагии Ширкати “UnionPay”-ро таҳти роҳбарии Президенти Ширкати зикршуда ҷаноби Ши Венчао, ки бо сафари хизматӣ дар Тоҷикистон қарор дошт, ба ҳузур пазируфт.

Зимни мулоқот Раиси Бонки миллии Тоҷикистон изҳор намуд, ки пардохтҳои ғайринақдӣ барои Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, новобаста аз таъсири омилҳои беруна ва бӯҳронӣ, соҳаи мазкур рушд меёбад. Зикр гардид, ки азбаски қисми асосии истифодабарандагони кортҳои пардохтиро бахши иҷтимоӣ (нафақа, музди меҳнати соҳаи буҷет) ташкил медиҳанд, соҳаи мазкур ба хизматрасонии босифат ва сариваҷтӣ ниёз дорад. Дар робита ба ин, таъкид гардид, ки Бонки миллии Тоҷикистон омодааст дар ҳамкорӣ ва бо истифода аз таҷрибаи Ширкати “UnionPay” ин соҳаро рушду тавсеа диҳад.

Президенти Ширкати “UnionPay” ҷаноби Ши Венчао барои ҳамкории дуҷонибаи судманд изҳори омодагӣ баён намуда, аз рушди ширкат дар самти ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ бо технологияҳои пешрафта, аз ҷумла амалӣ кардани пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути пардохти мобилӣ маълумоти мушаххас пешниҳод намуд. Ҷаноби Ши Венчао дар хусуси ҳамкорӣ бо Низоми пардохти миллии “Корти миллӣ”, ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо бонкҳои тиҷоратӣ тавассути татбиқи лоиҳаҳои якҷоя бо пешниҳоди хизматрасониҳои нави муосир дар самти пардохти ғайринақдӣ ибрози назар кард. Зикр карда шуд, ки ширкати “UnionPay” омода аст, бо Бонки миллии Тоҷикистон ҳамкории судмандро дар самти хизматрасониҳои кортҳои“UnionPay” ба роҳ монад.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар идомаи мулоқот ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷонибаи судмандро таъкид намуда, иброз дошт, ки зимни аз ҷониби Ширкати “UnionPay” дар оянда амалӣ кардани лоиҳаҳо дар низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ хусусиятҳои миллии аҳолӣ, сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии кишвар, дастрасӣ ба хизматрасониҳои имтиёзнок ва таъмини бехатарӣ ба инобат гирифта шаванд. Тазаккур дода шуд, ки ҷиҳати татбиқи қарори Ҳукумати ҶТ таҳти №815 “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ” дар самти тавсеа бахшидани ҳисоббаробкуниҳои ғайринақдӣ корҳои назаррас анҷом дода



шуданд, аммо дар ин самт Бонки миллии Тоҷикистон ба таҷрибаи пешрафтаи ширкати мазкур, аз ҷумла дар самти насби терминалҳои электронӣ ва омӯзонидани мутахассисон ба кӯмаки техникӣ ниёз дорад.

Дар ҷамъбасти вохӯрӣ пешниҳоди мазкур аз тарафи ҷаноби Ши Венчао дастгирӣ ёфт ва қарор дода шуд, ки ҳамкорӣ дар ин самт бо таъсис додани Гурӯҳи корӣ бо ҳайати намояндагони ҳарду ҷониб идома дода шаванд.

Дар мулоқот инчунин муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳамидулло Машрабзода, сардорони Идораҳои дахлдори БМТ ва намояндагони Ширкати UnionPay ширкат варзида, оид ба масъалаҳои рӯзномаи мулоқот табодули назар намуданд.

**www.nbt.tj**

## >> МУЛОҚОТИ ҶАМОЛИДДИН НУРАЛИЕВ БО ВАЗИРИ МОЛИЯИ ШВЕЙТСАРИЯ УЛИ МАУРЕР

9 июли соли 2017 Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев Мушовири Федералӣ-Вазири молияи Швейтсария ҷаноби Ули Маурерро, ки дар



доираи сафари кории ҳайати баландмақоми Швейтсария рӯзҳои 8-9 июли соли равон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт, ба ҳузур пазируфт.

Ҷаноби Ули Маурер дар ин мулоқот Сафири фавқулодаи Швейтсария дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Урс Шмидт, Котиби давлатӣ оид ба масъалаҳои байналмилалии молиявии Вазорати молияи Швейтсария ҷаноби Йорг Гассер, Мушовири дипломатӣ оид ба масъалаҳои байналмилалии молиявии Вазорати молияи Швейтсария хонум Даниела Штоффел, Директор, Мушовир ва Консули Дафтари ҳамкориҳои Швейтсария дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Валбурга Роз, сардори Раёсати муносибатҳои берунаи Вазорати молияи Швейтсария ҷаноби Питер Миндер ва сардори Раёсати институтҳои байналмилалии молиявии Вазорати молияи Швейтсария хонум Фридерике Поленс ҳамроҳӣ доштанд.

Дар оғози мулоқот Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев меҳмононро бо шарҳи мухтасари вазъи кунунии макроиқтисодӣ ва низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос намуда, изҳор дошт, ки новобаста аз таъсири бӯҳрони иқтисодӣ ва мушкилиҳои низоми бонкӣ, Бонки миллии Тоҷикистон тавонист бо татбиқи як қатор ислоҳотҳо ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад ва устувории молиявиро дар сатҳи муътадил нигоҳ дорад.

Зимни вохӯрӣ Ҷамолиддин Нуралиев инчунин аз сатҳи ҳамкориҳои судманд дар доираи Гурӯҳи Бретон-Вуд, аз ҷумла шарикӣ бо Швейтсария дар ҳошияи ҳамкориҳо бо Хазинаи байналмилалии асъор ва Бонки Ҷаҳонӣ ибрози қаноатмандӣ намуд.

Ҷамолиддин Нуралиев аз вусъат бахшидани ҳамкориҳо дар доираи дигар институтҳои байналмилалии молиявӣ, аз қабили Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва Бонки Осиёгии сармоягузорӣ ва инфрасохторӣ (Asian Infrastructure Investment Bank, AIIB) ва таҳкими шарикӣ дар ин ҳошия ибрози назар намуд.

Илова ба ин, дар рафти вохӯрӣ ҷонибҳо оид ба вазъи феълии иқтисодиву молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкат дар татбиқи лоиҳаи глобалии иқтисодии (Хитой) "Як камарбанд – як роҳ", ки бо ҷаҳонишавии мавқеи худ таваҷҷуҳи аксари давлатҳои пешрафтаро ҷалб намудааст, мулоҳамаи ҷолиб доир намуданд.

Дар навбати худ, Мушовири Федералӣ - Вазири молияи Швейтсария, ҷаноби Ули Маурер, аз сатҳи ҳамкориҳои Бонки миллии Швейтсария ва Бонки миллии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ карда, барои тавсеа бахшидани ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд дар самти устувории низоми бонкӣ, аз ҷумла фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва бахшҳои гуногуни иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии хешро баён намуд.

Дар рафти муҳокимаронӣ Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев аз таҷрибаи ғании Швейтсария дар бахши фаъолияти бонкдорӣ ибрози назар намуда, тавсеа бахшидани ҳамкориҳои ҷойдоштаро дар самти табодули таҷриба ва такмили ихтисоси кормандони низоми бонкӣ тавассути пешниҳоди кӯмакҳои техникӣ хуб арзёбӣ намуд. Вобаста ба ин, заруратро бештар дар самти гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррумӣ дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, сиёсати идоракунии хавфҳо, таъмини суботи молиявӣ, назорати бонкӣ ва идоракунии захираҳои байналмилалӣ, ки омӯзиши дақиқи ин самтҳо барои Бонки миллии Тоҷикистон афзалият доранд, махсусан қайд гардида, аз тарафи ҷаноби Ули Маурер қобили дастгирӣ қарор гирифт.

Қайд карда шуд, ки бо назардошти муносибати хуби ҳамкориҳои тарафайн ва обрӯю нуфуз доштани ширкатҳои швейтсариягӣ дар самти тасфияи филизоти қиматбаҳо, Бонки миллии Тоҷикистон бо Ширкати бонуфузи "Металор"-и

Швейтсария ҳамкориҳоро ба роҳ мондааст.

Ҳамзамон, ҷонибҳо дар хусуси ҳамкории минбаъда дар самти ҷалби сармоягузорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози ақида намуданд. Ҷаноби Ули Маурер шаффофият ва дастрасӣ ба маълумоти фарохтар оид ба муътадилии сиёсӣ ва самтҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистонро яке аз заминаи асосии ҷалби сармоягузории хориҷӣ, ки имконияти пайдо кардани ҳавасмандӣ ва маълумоти бештарро аз соҳаҳои мухталифи Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меоварад, зарур арзёбӣ намуд.

Дар идомаи вохӯрӣ, ки роҳбарони воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳайати Вазорати молияи Швейтсария дар он ширкати фаъол доштанд, дар самтҳои гуногуни ҳамкорӣ муҳокимаи ҷолиб ба амал омад.

**www.nbt.tj**

## >> ОМӮЗИШИ УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ҚАРЗҲОИ ҒАЙРИФАЪОЛ



Дар Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Корпоратсияи байналмилалии молиявии Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ давраи омӯзишӣ дар мавзӯи “Идоракунии қарзҳои ғайрифаъол” барои намояндагони ташкилотҳои қарзӣ баргузор шуд.
Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ мақсад аз баргузории ин давраи омӯзиширо баланд бардоштани савияи донишу малакаи кормандони низоми бонкӣ дар самти идоракунии қарзҳо ва пешбурди сиёсати қарзӣ унвон кард.

Зикр карда шуд, ки мавзӯи давраи омӯзишӣ ба мушкилоти мубрами рӯз дар фаъолияти бонкӣ бахшида шуда, баргузор намудани он барои огоҳ намудани ташкилотҳои қарзӣ аз мушкилоти ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли онҳо мусоидат хоҳад кард.

Дар давраи омӯзишӣ тренерҳои ботаҷрибаи Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ Фергус Кларк ва Натаниэл Дикерсон ба намояндагони ташкилотҳои қарзӣ бо усули интерактивӣ дар мавзӯи кор бо қарзҳои мушкилситон, андӯхтани таҷриба ва вазъи бозори қарзӣ дарс доданд.

Ин давраи омӯзишӣ дар доираи Лоиҳаи таҳким бахшидани инфрасохтори молиявӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон бо дастгирии Корпоратсияи байналмилалии молиявии Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ бо кӯмаки Ҳукумати Швейсария ва Британияи Кабир амалӣ гардид.

**Хабарнигори “БТҶ”**

## >> ШАРҲИ ТАНЗИМИ АНЪАНА ВА ҶАШНУ МАРОСИМҲО ДАР БМТ



Масъалаи риояи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зимни як ҷамъомад дар Бонки миллии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин ҷаласа, ки бо иштироки муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова ва намояндагони Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кормандони Бонки миллии Тоҷикистон баргузор шуд, дар бораи аҳамият ва зарурати танзими анъана ва ҷашну маросимҳо сухан рафт.

Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова омилҳои муҳими зарурати таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро номбар карда, татбиқи онро барои ҷомеа боаҳамият ва боманфиат арзёбӣ кард. Ӯ зикр намуд, ки қонуни мазкур дар асоси пешниҳоди дархостҳои мардум қабул шудааст ва барои ба танзим овардани расму

анъанаҳо нигаронида шуда, татбиқ ва риояи талаботи он аз ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ вобаста аст. Таъкид гардид, ки агар мо пойбанди таассубу хурофот нашуда, талаботи қонунро риоя кунем, натиҷаи он ба шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии мо таъсири мусбат хоҳад расонд.

Муслиҳиддин Хоҷаамиров, мутахассиси Раёсати танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бандҳои алоҳидаи ин қонунро бори дигар ба иштирокдорон шарҳ дода, гуфт, мақсади ин қонун, пеш аз ҳама, ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои пешгирии хароҷоти барзиёд, ки ба иқтисодиёт ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамояд, иборат аст.

Мутахассиси шуъбаи равобити байналмилалӣ ва ташкили маросимҳои ҳаҷи Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо Мансур Назаров ба иштирокдорон дар хусуси расмиёти зиёрати ҳаҷ ва ғайриқонунӣ будани зиёдаравӣ ҳангоми бозгашти ҳоҷиён маълумот дод.

Дар ҷамъомад зикр карда шуд, ки хушбахтона, муқаррароти қонуни мазкур аз ҷониби кормандони Бонки миллии Тоҷикистон риоя карда мешаванд ва тибқи нақшаи кории комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар байни кормандони бонк мунтазам дар ин самт корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда мешаванд.

**Хабарнигори "БТҶ"**

## >> МУЛОҚОТ БО ҲАЙАТИ ШИРКАТИ "ISRA CONSULTANCY SDH"



Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ 17 июли соли равон бо ҳайати машваратии ширкати байналмилалии "ISRA Consultancy Sdh"таҳти роҳбарии профессор Ашраф Ҳошим, ки аз 17-ум то 29 июл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сафари корӣ қарор доштанд, мулоқоти корӣ доир намуд.

Дар ҷараёни вохӯрӣ Сироҷиддин Икромӣ нахуст аз натиҷаи корҳои дар марҳилаи аввал дар якҷоягӣ бо Гурӯҳи корӣ анҷомдодаи Ширкати машваратии байналмилалии "ISRA Consultancy Sdh", аз ҷумла оид ба мувофиқа намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, таъкид кард, ки барои ҷоннок намудани кор дар ин самт дар таркиби Департаменти назорати бонкии Бонки миллии Тоҷикистон воҳиди нави сохторӣ - Шуъбаи назорати



бонкдории исломӣ таъсис дода шудааст.

Номбурда дар идомаи андешарониаш қайд намуд, ки фаъолияти ташкилоти қарзии исломӣ хусусияти ба худ хос дошта, танзиму назорати он бояд тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ, аз ҷумла стандартҳои Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломӣ (IFSB) ва Ташкилоти баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит барои институтҳои молиявии исломӣ (AAOIFI) сурат бигирад. Бинобар ин, лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳз бо назардошти муқаррароти стандартҳои зикршуда бояд таҳия шаванд.

"Маҳз бо ҳамин мақсад Бонки миллии Тоҷикистон шартномаи ҳамкорӣ бо "ISRA Consultancy Sdh"-ро ба имзо расонид, то ҷараёни татбиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ тавассути пешниҳоди кӯмаки машваратӣ ба Гурӯҳи корӣ пурра ва дуруст амалӣ шавад", -таъкид намуд Сироҷиддин Икромӣ.

Дар навбати худ намояндагони ширкати машваратии байналмилалии "ISRA Consultancy Sdh" ба фаъолияти Гурӯҳи корӣ дар марҳилаи якуми ҳамкорӣ баҳои хуб дода, омодагии хешро барои идома додани ҳамкорӣ

дар ин самт бо Бонки миллии Тоҷикистон баён намуданд.

Қобили қайд аст аст, ки ҳанӯз 23.10.с. 2015 бо Фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи фаъолияти бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон Гурӯҳи корӣ бо ҷалби мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон, намояндагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶСП “Бонки рушди Тоҷикистон”, ҶСК “Ориёнбонк” ва як қатор ташкилотҳои маблағгузории хурд таъсис дода шудааст, ки дар ҳамкорӣ бо “ISRA Consultancy Sdh” лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро барои таъсиси ташкилотҳои қарзии исломӣ мавриди баррасӣ ва мувофиқа қарор дода истодаанд.

Дар марҳилаи якуми ҳамкорӣ (аз моҳи феврал то моҳи июни соли 2017) якчанд лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди таҳия, баррасӣ ва такмил қарор дода шуда, баъди бо “ISRA Consultancy Sdh” мувофиқа гардидан, аз ҷониби Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ карда шуданд. Ва феълан 4 адади он дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузашта, 2 адади он ба тавръ расмӣ интишор гардидаанд аз ҷумла, “Низомнома оид ба Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломӣ; Тағйиру иловаҳо ба Тартиби гузаронидани санҷиши тахассусии номзадҳо ба вазифаи кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ; Тартиби табдили ташкилоти қарзии анъанавӣ ба ташкилоти қарзии исломӣ; Тартиби таъсиси Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ, ваколатҳо ва талабот ба аъзои он; Дастурамал “Дар бораи амалиётҳое, ки мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ дар ташкилотҳои қарзии исломӣ анҷом дода мешаванд”.

Дар айни замон, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо коршиносони “ISRA Consultancy Sdh” мувофиқа гардида, дар баррасии воҳидҳои дахлдори сохтории БМТ қарор дорад, ки баъдан барои мувофиқа ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол мегардад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ин сафари дуюми роҳбарият ва коршиносони “ISRA Consultancy Sdh” ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад ва зимни ин ташриф натиҷаи корҳои анҷомдода дар марҳилаи якум баррасӣ мегарданд. Сипас, дар доираи нақшаи кории Гурӯҳи корӣ ва “ISRA Consultancy Sdh” барои марҳилаи дуюм лоиҳаи якчанд санади нав ва лоиҳаи тағйироту иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода мешаванд.

**www.nbt.tj**

## >> ПОДПИСАН МЕМОРАНДУМ О СОТРУДНИЧЕСТВЕ И ВЗАИМОПОНИМАНИИ

4 июля 2017 года ЗАО «Международный Банк Таджикистана» совместно с ЗАО «Банк Эсхата» и ЗАО «Спитамен банк» под-



писали Меморандум О сотрудничестве и взаимопонимании с Международной платежной системой Китая - Union Pay International.

Основной целью Меморандума является обсуждение потенциального сотрудничества и развития взаимоотношений между Сторонами, связанное с совершенствованием местной платежной системы и расширением сети приема платежей для карт Union Pay, а также предоставление новых технологических продуктов Union Pay в Таджикистане.

Председатель Международного банка Таджикистана И.Раджабов отметил, что ЗАО «Международный банк Таджикистана» несомненно, поддерживает инициативу компании Union Pay и готов вместе способствовать развитию безналичных расчетов в Республике Таджикистан. Он подчеркнул, что Международный банк Таджикистана активно принимает участие в усовершенствовании и развитии платежных карт, продвижении качественного обслуживания клиентов с использованием новейших технологий. В связи с чем подписание данного меморандума является одним из

важных шагов для достижения стратегических целей банка.

В свою очередь, Президент компании Union Pay International господин Ши Венчао выразил готовность для двустороннего сотрудничества, и поделился успехами компании в сфере безналичных расчетов с использованием передовых технологий, в том числе осуществления безналичной оплаты посредством мобильных технологий. Касаясь сотрудничества между Платежной системой и коммерческими банками Таджикистана, господин Ши Венчао заявил, что сотрудничество будет налажено на основе взаимовыгодных совместных проектов, с помощью новых современных банковских технологий и услуг.

**news.tj**

## > > РУШДИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ТАВАССУТИ КОРТҲОИ ПАРДОХТӢ



Таҳти роҳбарии муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳамидулло Машрабзода 1 августи соли равон бо иштироки намояндагони ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ ҷаласаи корӣ баргузор гардид.

Нахуст Ҳамидулло Машрабзода дар мавриди рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №815 аз 31 декабри соли 2014 "Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ" ва иҷрои Амрномаи Бонки миллии Тоҷикистон дар ин маврид аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ суханронӣ намуд. Номбурда диққати аҳли нишастро ба вазъи ҷории бозори кортҳои пардохтӣ дар кишвар ва рафти иҷрои амру қарори зикргардида ҷалбнамуда, зарурати боз ҳам васеътар роҳандозӣ намудани муомилоти ғайринақдӣ дар низоми молиявии кишварро таъкид кард.

Дар идомаи ҷаласа ба иштирокдорони он оид ба мавзӯи "Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ" муаррифии васеъ пешниҳод карда шуд. Дар ҷараёни муаррифӣ дар бораи нишондиҳандаҳои асосии бозори кортҳои пардохтӣ, муқоисаи нишондиҳандаҳои бозори кортҳои пардохтӣ бо кишварҳои ҳамсоя, ҳисоботи семоҳаи насби терминалҳои электронӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ, раванди иҷрои Амрномаи БМТ ва натиҷаҳои фаъолияти ҳайати муштараки кории БМТ ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои Қарори №815 ба иштирокдорон маълумоти муфассал манзур гардид.

Дар робита ба ин, зикр карда шуд, ки мушкилоти асосӣ зиёд нашудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ пеш аз ҳама, тарифҳои баланди бонкӣ, аз он ҷумла ҳангоми насб ва хизматрасонии терминалҳои электронӣ, суст ба роҳ монда шудани корҳои ташвиқотӣ бо муассисаҳои савдою хизматрасонӣ, малакаи пасти кордонии хазиначиёни муассисаҳои савдою хизматрасонӣ ва сатҳи пасти дастгирии техникии терминалҳои электронӣ дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ ба шумор меравokand.

Дар қисмати ҷамъбастии ҷаласа ба ташкилотҳои қарзӣ дастур дода шуд, ки тарифҳои бонкӣ, аз ҷумла тарифҳои байнибонкии Низоми пардохти миллии "Корти миллӣ"-ро таҷдиди назар намуда, теъдоди хизматрасониҳои муосири бонкӣ бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкиро зиёд намоянд. Илова бар ин, масъулини ин бахши бонкҳои кишвар мувваззаф гардиданд, ки ҷиҳати бештар намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва таъмини иҷрои Амрномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон оид ба насби терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ тамоми чораҳои заруриро андешанд.

**www.nbt.tj**

# БМТ: Мақсад дар доираи нишондиҳандаи якрақама нигоҳ доштани таваррум мебошад

Ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии мамлакат дар нимсолаи аввали соли 2017 дар нишасти матбуотие, ки 24 июли соли равон барои хабарнигорони Воситаҳои ахбори оммаи дохиливу хориҷии кишвар баргузор гардид, мавриди баррасӣ қарор гирифт.



**Дар оғози мулоқот ва зимни суханронии худ дар назди намояндагони матбуот Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев изҳор дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2017 бо мақсади мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ фаъолияти худро барои дар амал татбиқ кардани сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо дар доираи ваколатҳои муайяншуда, рушди боэътидоли ҳаҷми пул дар иқтисодиёт ва таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ равона намуд.**

> Дар интиҳои давраи ҳисоботӣ ҳаҷми пулҳои захиравӣ 12,3 млрд. сомонӣ ва ҳаҷми пули нақд дар муомилот 9,9 млрд. сомониро ташкил доданд, ки нисбат ба аввали соли ҷорӣ пулҳои захиравӣ 1,7 фоиз ва пули нақд дар муомилот 17,8 фоиз зиёд гардиданд.

## НИШОНДИҲАНДАҲОИ МАКРОИҚТИСОДӢ МУСБАТАНД

Аз ҷумла, Ҷамолиддин Нуралиев қайд кард, ки нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли равон ба таври мусбат арзёбӣ шудаанд. Афзоиши воқеии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) 6,0 фоизро ташкил дод ва суръати афзоиши он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,6 банди фоизӣ камтар мебошад.

Таъкид гардид, ки рушди иқтисодиёти кишвар асосан аз ҳисоби бахшҳои саноат (21,3 фоиз), кишоварзӣ (6,4 фоиз) ва гардиши савдои чакана (3,6 фоиз) ба даст омад. (Барои маълумот: Ҳиссаи соҳаи сохтмон, ки солҳои қаблӣ ҳамчун яке аз бахшҳои назаррас дар рушди ММД ба ҳисоб мерафт, дар ин давра 17,2 фоиз коҳиш ёфт.)

## ТАВОЗУНИ ПАРДОХТ: ВОРИДОТ КАМУ СОДИРОТ ЗИЁД ШУДААСТ

Дар давраи ҳисоботӣ гардиши савдои хориҷӣ 1,6 млрд. долл. ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,4 фоиз ё 37,5 млн. долл. ИМА зиёд мебошад. Аз ҷумла, ҳаҷми воридоти мол 15,0 фоиз (186,1 млн. долл. ИМА) кам ва содирот дар маҷмуъ 73,9 фоиз (223,6 млн. долл. ИМА) зиёд шудааст.

Дар тақвияти фикри боло қайд карда шуд, ки афзоиши содирот аз ҳисоби тилло 2,4 маротиба (41,1 фоизи афзоиши содирот), маҳсулоти маъданӣ 2,1 маротиба, воситаҳои нақлиёт 2,8 маротиба, филизоти арзон ва маснуоти

он 82,6 фоиз, сангу филизоти қиматбаҳо 28,6 фоиз ва нерӯи барқ 11,6 фоизро ташкил намуд. Коҳишёбии воридот бошад, аз ҳисоби мошинолот ва таҷҳизот 53,2 фоиз, филизоти арзон ва маснуоти он 33,1 фоиз, маснуот аз санг, гулгаҷ ва семент 14,9 фоиз, маҳсулоти растанӣ 10,1 фоиз, маҳсулоти маъданӣ 4,2 фоиз ва маҳсулоти нафтӣ 2,5 фоиз ба амал омад.

## АФЗОИШИ ТАВАРРУМ БЕШТАР ХУСУСИЯТИ ҒАЙРИМОНЕТАРӢ ДОШТ

Муовини якуми Раиси БМТ дар идомаи нишаст таъкид кард, ки мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи нишондиҳандаи муътадили якрақама нигоҳ доштани меъёри таваррум ба шумор меравад. Сатҳи таваррум дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ба 5,9 фоиз баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 2,8 банди фоизӣ зиёд гардид. (Таварруми солона бошад, дар моҳи июн то 9,0 фоиз афзоиш ёфта, дар муқоиса ба аввали соли ҷорӣ 2,9 банди фоизӣ зиёд мебошад.)

Бояд қайд кард, ки афзоиши сатҳи таваррум бештар хусусияти ғайримонетарӣ дошта, асосан аз ҳисоби маҳсулоти хӯроквории 8,3 фоиз (4,8 банди фоизии таваррум), маҳсулоти ғайрихӯроквории 1,3 фоиз (0,4 банди фоизии таваррум) ва хизматрасониҳо 4,9 фоиз (0,7 банди фоизии таваррум) ба амал омад.

Изҳор гардид, ки истеҳсол ва ба бозори истеъмолӣ пешниҳод намудани маҳсулотҳои алоҳидаи кишоварзӣ дар давраи ҳисоботӣ



бо сабаби номусоидии обу ҳаво ва ба таъхир афтодани ҷамъоварии ҳосил нокифоя буд. Аз ҷумла, дар 6 моҳи аввали соли ҷорӣ суръати афзоиши тавлиди маҳсулоти умумии кишоварзӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,5 банди фоизӣ кам гардид, бахусус истеҳсоли картошка, ки яке аз маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ ба ҳисоб меравад (вазни он дар сабади истеъмолӣ ба 7 фоиз баробар аст), 33,1 банди фоизӣ коҳиш ёфт.

## СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ВА АСЪОРӢ
### ҚУРБИ ПУЛИ МИЛЛӢ НИСБАТАН МУЪТАДИЛ АСТ

Ба ғайр аз омилҳои қайдгардида, дар ин давра афзоиши ҳаҷми пул дар муомилот ва сармоякунонии эмиссионии бонкҳои муаммодор боиси тағйирёбии қурби пули миллӣ ва фишорҳои таваррумӣ гардиданд.

Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ намудани сиёсати қурбиро дар асоси реҷаи “шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб” идома дода истодааст ва қурби расмии сомонӣ дар асоси талабот ва пешниҳоди асъори хориҷӣ дар бозори дохилӣ муайян мегардад.

Дар давраи ҳисоботӣ қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 11,9 фоиз коҳиш ёфт, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,1 банди фоизӣ зиёд аст. Қурби фурӯши бозории доллари нақди ИМА бошад, ба андозаи 11,7 фоиз баланд шуд. Айни ҳол, фарқияти байни қурби расмӣ ва қурби фурӯши бозории доллари нақди ИМА 0,6 фоизро ташкил медиҳад.

Зимни таҳлили паҳлуҳои ин мавзуъ Ҷамолиддин Нуралиев диққати намояндагони матбуоти дохилию хориҷиро ба ҷиддӣ будани масъала ҷалб намуда, иброз дошт, ки коҳишёбии қурби сомонӣ чун солҳои пешин дар моҳҳои январ-май, ки хусусияти



мавсимӣ дорад, ба вуҷуд омад. Пеш аз ҳама, метавон гуфт, ки омилҳои таъсиррасон инҳоянд: зиёд шудани ҳаҷми пул дар иқтисодиёт, бинобар сабаби сармоякунонии бонкҳои муаммодор, маблағгузории асъории лоиҳаҳои муҳими давлатӣ ва хизматрасонии қарзҳои беруна, инчунин ба таври назаррас кам шудани ҷалби маблағҳо бо асъори хориҷӣ ба иқтисодиёт ва зиёд шудани талабот ба доллари нақди ИМА.

Дар интиҳои давраи ҳисоботӣ ҳаҷми пулҳои захиравӣ 12,3 млрд. сомонӣ ва ҳаҷми пули нақд дар муомилот 9,9 млрд. сомониро ташкил доданд, ки нисбат ба аввали соли ҷорӣ пулҳои захиравӣ 1,7 фоиз ва пули нақд дар муомилот 17,8 фоиз зиёд гардиданд.

Дар ин давра ҷиҳати таъмини талаботи иқтисодиёт бо пули миллӣ, 2,4 млрд. сомонӣ ба муомилот бароварда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 14,3 фоиз зиёд мебошад.

> Дар натиҷаи дар амал татбиқ намуданиислоҳоти гузариши низоми бонкӣ аз шумора ба сифат, фаъолияти 2 бонк, 5 ташкилоти амонатии қарзӣ, 9 ташкилоти қарзии хурд ва 3 фонди маблағгузории хурд, ки ба устувории низоми бонкӣ таҳдид менамуданд, сарвақт қатъ карда шуд.

Бо мақсади ба танзим даровардани ҳаҷми пул дар муомилот, кам кардани фишорҳои қурбию таваррумӣ ва де-долларикунонии иқтисодиёт, баланд бардоштани сатҳи эътимоднокии пули миллӣ, Бонки миллии Тоҷикистон маҷмӯи тадбиру воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ ва чораҳои фаврии назоратиро амалӣ намуда истодааст. Вобаста ба ин, меъёри бозтамвил давра ба давра аз 11,0 то 16,0 фоиз, инчунин меъёри фоизи захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ аз 1,5 то 3,0 фоизи солона ва бо асъори хориҷӣ аз 7,0 то 9,0 фоизи солона зиёд карда шуданд.

(Самараи кор чунин аст: сатҳи таварруми аслӣ аз 3,9 фоиз то 1,4 фоиз кам гардид, суръати афзоиши пулҳои захиравӣ аз 71 фоиз то 1,7 фоиз коҳиш дода шуд, фоизи фишангҳои монетарӣ ба меъёри бозтамвил вобаста карда шуд.)

Илова бар ин, дар нимсолаи якуми соли равон 87 музоядаи коғазҳои қиматноки Бонки миллӣ баргузор шуд, ки ҳаҷми фурӯши онҳо қариб 4,0 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,3 маротиба (2,3 млрд. сомонӣ) зиёд мебошад.

Чанде пеш Бонки миллии Тоҷикистон сабикаҳои ченакии тиллоии 5, 10, 20, 50 ва 100 граммиро ба муомилот баровард ва имрӯз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд бе мамониат онҳоро бо пули миллӣ харидорӣ намоянд.

Ҳамзамон бо мақсади васеъ намудани имкониятҳои сиёсати монетарӣ, ислоҳоти сохтории нав пайваста идома ёфта, фишангҳои нави амалиётии қарзҳои шабонарӯзӣ (овернайт), қарзҳои рӯзона (интрадей) ва музоядаҳои қарзӣ татбиқ гашта истодаанд. Истифодаи фишангҳои мазкур амалиётҳои монетариро шаффоф ва самаранок намуда, ба ташкилотҳои қарзӣ имконият дод, ки эҳтиёҷоти худро бо қарзҳои кӯтоҳмуҳлат ба маблағи

66,6 млн. сомонӣ қонеъ гардонанд.

Ба андешаи мо, -суханрониашро идома дода гуфт Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев, -новобаста аз вазъи иқтисодиёт ва номуайянии падидаҳои бухронӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон, ҳар як кишварро зарур аст, ки ҷиҳати таъмини устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, эмин нигоҳ доштани осебпазирии иқтисодиёти худ аз таъсири омилҳои беруна, баланд бардоштани рейтинги кишвар ва ҷолиб намудани фазои сармоягузорӣ фишангҳои муосири сиёсати фискалӣ ва монетариро истифода барад.

Ӯ ҳамчунин таъкид кард, ки яке аз омилҳои устувории иқтисодиёт ин, пеш аз ҳама, нигоҳ доштан ва афзун гардонидани ҳаҷми захираҳои байналмилалии ин ё он давлат ба шумор меравад. Дар нимсолаи якуми соли 2017 ҳаҷми захираҳои умумии байналмилалии Бонки миллии Тоҷикистон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 16,8 фоиз афзуда, дар қиёс ба меъёри таъминнокии моҳи воридотӣ ба 3,9 моҳ баробар гардиданд, ки ин нишондиҳанда дар таърихи Бонки миллии Тоҷикистон аз нишондиҳандаҳои беҳтарин ба ҳисоб меравад. Дар давоми ду соли охир бошад, ҳаҷми онҳо беш аз 50 фоиз зиёд шудааст.

(Тибқи методологияи Тавозуни пардохт: нишондиҳандаи мазкур дар ҳамин давраи соли гузашта ба 2,6 моҳ ва дар моҳи марти соли 2015 ба 1,7 моҳи воридотӣ баробар буд).



> Ҳаҷми амалиётҳо бо истифодаи кортҳои пардохтӣ 3 879,8 млн. сомониро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 17,5 фоиз зиёд шудааст.

Бояд гуфт, ки дар амал татбиқ намудани ислоҳотҳо дар доираи Стратегияи солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои беҳтар намудани вазъи молиявии бонк ва самаранок гардонидани амалиётҳои бонкӣ, аз ҷумла кам намудани сармояи манфии Бонки миллии Тоҷикистон равона карда шудааст.

Тибқи хулосаи аудити берунӣ, ки бо мақсади таъмини шаффофият дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон интишор гардидааст, сармояи манфии Бонки миллӣ дар давоми ду соли охир аз -6,1 млрд. сомонӣ то -5,1 млрд. сомонӣ, яъне ба андозаи 1,0 млрд. сомонӣ кам карда шудааст. Роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки дар давраи миёнамуҳлат вазъи молиявии онро боз ҳам беҳтар намояд.

### РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ – ГУЗАРИШ АЗ ШУМОРА БА СИФАТ (КАМ БОШАДУ ХУБ БОШАД)

Имрӯз дар ҷумҳурӣ 96 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 16 бонк, 34 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 13 ташкилоти қарзии хурд ва 33 фонди қарзии хурд фаъолият доранд.



Дороиҳои умумии онҳо дар ин давра қариб 20 млрд. сомониро ташкил доданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 1,3 фоиз зиёд мебошанд.

Ӯҳдадориҳои умумии ташкилотҳои қарзӣ ба 14,5 млрд. сомонӣ баробар шуда, 14,4 фоиз коҳиш ёфтанд. Сармояи тавозунӣ бошад, 2,0 маротиба (бо назардошти сармоякунонии бонкҳои муаммодор) афзоиш ёфта, 5,3 млрд. сомониро ташкил намуд.

Бояд қайд кард, ки бинобар сабаби таъсири омилҳои беруна ва паст будани сатҳи идоракунии хавфҳо дар низоми бонкӣ, сатҳи қарзҳои батаъхирафтода дар сандуқи қарзӣ 55,4 фоизро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 1,3 банди фоизӣ ва нисбат ба аввали сол 2,7 фоиз коҳиш ёфтааст. Дар навбати худ, нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазири қарзҳо нисбат ба қарзҳои батаъхирафтода дар сатҳи хеле паст (35,2 фоиз) қарор дошта, аз таъмин набудани миқдори зиёди онҳо дар ташкилотҳои қарзӣ шаҳодат медиҳад.

Дар ҷараёни нишасти матбуотӣ изҳор карда шуд, ки мушкилоти феълии низоми бонкиро метавон мероси фаъолияти бесамари солҳои гузашта номид, ки дар ниҳояти кор сабабгори осебпазир гаштан ва тобовар нашудани бонкҳои муаммодор ба таъсири бӯҳронҳои молиявӣ гардид. Махсусан, идоракунии ғайрисамараноки корпоративӣ ва хавфҳо, хусусан дар бонкҳои низомсоз ба зиёд гардидани хавфҳои қарзӣ, сариваҷт ташкил накардани фонди пӯшонидани талафоти имконпазир ва дар маҷмӯъ ба коҳиш ёфтани вазъияти молиявии онҳо оварда расонид.

Дар натиҷаи дар амал татбиқ намудани ислоҳоти гузариши низоми бонкӣ аз шумора ба сифат, фаъолияти 2 бонк, 5 ташкилоти амонатии қарзӣ, 9 ташкилоти қарзии хурд ва 3 фонди маблағгузории хурд, ки ба устувории низоми бонкӣ таҳдид менамуданд, сариваҷт қатъ карда шуд.

## ҚАРЗ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ СОҲАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ

Вобаста ба ин, бақияи умумии сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ 12,6 фоиз кам гардид ва имрӯз он 9,5 млрд. сомониро ташкил медиҳад. Ҳиссаи бақияи қарзҳои низоми бонкӣ бо пули миллӣ 38 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 62 фоизро ташкил дод. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ҳаҷми онҳо мутаносибан 11,2 фоиз ва 13,4 фоиз коҳиш ёфт.

Мутаасифона, ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда низ коҳиш ёфта, 3,3 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 34,3 фоиз кам мебошад. Инчунин, дар ин давра ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда ба 1,9 млрд. сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба нимсолаи аввали соли гузашта 8,1 фоиз кам аст.

Агар ба сохтори ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда назар андозем, маълум мегардад, ки 38,2 фоизи он ба соҳибкорони истеҳсолӣ дода шудааст. Аз рӯи соҳаҳо бошад, ба савдои хориҷӣ 33,5 фоиз, саноат 19,9 фоиз, истеъмолот 18,6 фоиз, кишоварзӣ 10,5 фоиз, хизматрасонӣ 7,9 фоиз, сохтмон 4,6 фоиз, нақлиёт 2,3 фоиз, миёнаравии молиявӣ 1,1

фоиз ва дигар соҳаҳо 1,6 фоиз рост меоянд.

## ПАСАНДОЗҲО

Бақияи умумии пасандозҳо дар нимсолаи якуми соли равон 9,0 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4,9 фоиз кам мебошад. Ҳаҷми бақияи пасандозҳо бо пули миллӣ 2,6 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 6,0 фоиз коҳиш ёфт. Ҳиссаи онҳо дар таркиби бақияи умумии пасандозҳо бо пули миллӣ 34,8 фоиз (3,1 млрд. сомонӣ) ва бо асъори хориҷӣ 65,2 фоиз (5,9 млрд. сомонӣ)-ро ташкил медиҳад.

Ҷамолиддин Нуралиев, Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон иброз намуд, ки бо мақсади коҳиш додани хавфҳои қарзӣ, аз ҷумла таъмини баргардонидани қарзҳои ғайрифаъол, ба ташкилотҳои қарзӣ дастур дода шуд, ки мунтазам мониторинги сандуқи қарзӣ ва истифодабарии мақсадноки қарзҳоро гузаронида, ҷиҳати баргардонидани онҳо, зиёд намудани пасандозҳо ва ҳаҷми маблағгузории қарзӣ ба иқтисодиёт чораҳои саривақтӣ андешанд.

Меъёри кифоятии сармоя, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявии низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад, дар ин давра 20,5 фоизро ташкил намуда, аз меъёри муқарраршуда 8,5 банди фоизӣ зиёд гардид.

Ӯ қайд намуд, ки бо мақсади муайян кардани вазъи воқеии молиявии бонкҳо дар ин давра аз ҷониби Бонки миллии



Тоҷикистон тибқи нақшаи корӣ 37 санҷиши ҳамаҷониба ва 35 санҷиши мавзӯӣ, аз ҷумла 12 санҷиш дар асоси дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва 14 таштхиси хазинаҳои бонкҳо гузаронида шуданд. Аз рӯи натиҷаи онҳо ба шӯрои нозирони бонкҳо оид ба хавфҳои ҷойдошта маълумотнома барои ислоҳи камбудиҳои ошкоршуда ирсол карда шуд. Инчунин, нисбат ба ташкилотҳои қарзӣ чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ татбиқ гардида, дар маҷмӯъ 46 адад амрнома тартиб дода шуд ва зиёда аз 2,5 млн. сомонӣ ҷарима ситонида шуд.

Ҳамчунин дар ин давра ҷиҳати пешгирӣ намудани хавфҳои эҳтимолӣ дар ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" бо қарорҳои дахлдори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон то ба эътидол овардани вазъи молиявӣ ва иҷрои меъёрҳои мақбул, гузаронидани амалиётҳои хавфдор аз ҷониби бонкҳои мазкур маҳдуд карда шуд.

Илова бар ин, дар доираи ҳамкориҳо бо Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) бо истифода аз таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳон, ҷиҳати таъмини суботи молиявӣ ва идоракунии зиддибуҳронӣ, баҳогузории сифати дороиҳои (AQR) 5 бонки низомсоз гузаронида шуд. Дар натиҷа аз тарафи бонкҳои мазкур нақшаи чорабиниҳо барои бартараф намудани камбудиҳо таҳия ва мавриди амал қарор дода шудааст.

## НИЗОМИ ПАРДОХТ ВА КОМЁБИҲОИ ЧАШМРАС

Бо мақсади рушди низоми пардохт ва зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар низоми бонкӣ шумораи умумии суратҳисобҳои барои мизоҷон кушодашуда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 11,4 фоиз афзоиш ёфта, зиёда аз




3,3 млн. ададро ташкил намуд.

Ба иштирокдорони нишасти матбуотӣ иттилоъ дода шуд, ки шумораи умумии кортҳои пардохтии аз ҷониби бонкҳои ватанӣ ба муомилот баровардашуда дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 1 686,4 ҳаз. ададро ташкил дод ва ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,1 фоиз зиёд мебошад.

Бояд тазаккур намуд, ки шумораи банкоматҳо ва терминалҳои электронӣ мутаносибан 737 адад ва 2985 ададро ташкил намуда, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи банкоматҳо 42 адад кам ва терминалҳои электронӣ 690 адад зиёд шудаанд. Аз ин миқдор терминалҳои электронӣ 1 586 адад дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд ва 1 399 адад дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ насб гардидаанд.

Ба туфайли андешидани тадбирҳои пайдарпайи моҳҳои охир, дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ 574 адад терминалҳои электронӣ насб карда шуда, 523 дархости соҳибкорон дар баррасии ташкилотҳои қарзӣ қарор доранд.

Бояд тазаккур намуд, ки шумораи банкоматҳо ва терминалҳои электронӣ мутаносибан 737 адад ва 2985 ададро ташкил намуда, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи банкоматҳо 42 адад кам ва терминалҳои электронӣ 690 адад зиёд шудаанд.

Ҳаҷми амалиётҳо бо истифодаи кортҳои пардохтӣ 3 879,8 млн. сомониро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 17,5 фоиз зиёд шудааст. Бо вуҷуди он ки барҳамхӯрии баъзе ташкилотҳои қарзӣ, якҷояшавӣ, муфлисшавӣ ва аз байн рафтани онҳо боиси паст шудани сифати сандуқи қарзӣ, берун шудани сармоя ва маблағҳои амонатӣ гардида бошанд ҳам, нишондиҳандаҳои дар боло зикргардида аз он шаҳодат медиҳад, ки боварӣ ва эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ мутлақан коста нагардидааст.

Бо истифода аз таҷрибаи зимни ҳамкории самаранок бо ширкати “VISA” ҳосилшуда ва ҷиҳати вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳо бо пули миллӣ, инчунин бартараф кардани амалиёти иловагии мубодилаи асъор ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои дохилӣ, моҳи майи соли 2017 бо ширкати “Mastercard” созишнома ба имзо расонида шуд.

## НАВГОНИҲО ДАР СОХТОРИ БМТ

Муовини якуми Раиси БМТ оид ба навовариҳои охир дар сохтори бонк изҳор намуд, ки бо мақсади таҳкими рушди соҳаи назорати суғуртавӣ ва мутобиқ намудани фаъолияти низоми суғуртавӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти давлатии назорати суғуртавӣ аз сохтори Вазорати молия ба Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида шуд. Дар айни замон сохтор ва низомномаи нави Идораи назорати суғуртавӣ таҳия ва тасдиқ гарди-

да, заминаи ҳуқуқӣ барои фаъолияти он фароҳам оварда шудааст ва боварӣ дорем, ки дарояндаи наздик фаъолияти Идораи мазкур ба рушди бозори молиявӣ ва зиёд гардидани сармоягузориҳои дохилӣ мусоидат хоҳад кард.

Ӯ махсус қайд кард, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ қабули муроҷиати шаҳрвандонро тариқи хаттӣ, телефонӣ, шифоҳӣ ва тавассути сомонаи расмӣ ба роҳ монда, дар ин давра 1216 адад дархосту шикоятҳои муштариёнро мавриди ҳаллу фасл қарор додааст (нисбат ба соли гузашта 458 адад ё 60,4 фоиз зиёд). Қисми зиёди муроҷиатҳо ба паҳлуҳои гуногуни қарздиҳӣ ва пасандозҳо алоқаманд мебошанд.

## ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ТАВСЕА МЕЁБАНД

Бояд зикр намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи ислоҳоти низоми бонкӣ ва барои бартараф намудани таъсири омилҳои берунӣ, таъмини тағйирёбии мӯътадили қурби пули миллӣ ва рушду устувории низоми бонкии кишвар корҳои назаррасро анҷом дода, ҳамкории судмандро бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ (Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ, Хазинаи байналмилалии асъор, БАТР, Ҷамъияти ҳамкориҳои Олмон (GIZ), Бонки осиёии рушд, Бонки исломии рушд ва ғайраҳо) ба роҳ мондааст.

Қобили тазаккур аст, ки тайи се соли охир дар асоси шартномаҳои бо Бонки миллии Тоҷикистон ба-



имзорасида, ширкатҳои рейтингии байналмилалии Standard & Poor's (S&P) ва Moody's Investors Service (Moody's) рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баҳогузорӣ менамоянд.

Баҳодиҳии рейтингӣ шаффофияти маълумоти омории кишварро таъмин намуда, барои муаррифӣ намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, беҳтар намудани фазои ҷалби сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ кардани иншооти муҳими стратегӣ мусоидат менамояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки новобаста аз идомаёбии вазъи номуайянии сиёсию иқтисодӣ ва тағйирёбиҳо дар бозорҳои молиявӣ, дурнамои иқтисодиёти ҷаҳон мӯътадил арзёбӣ гардида, дар аксар кишварҳои пешрафта ва рушдёбанда (ИМА, кишварҳои Аврупо, Ҷопон, Хитой ва Русия) тамоюли беҳтаршавӣ ба назар мерасад. Ҳолати мазкур сиёсатмадоронро водор месозад, ки дар раванди қабули қарорҳо вобаста ба вазъи кунунии иқтисодиёти ҷаҳон ва эҳтимолияти бавуҷудоии мушкилиҳои нав (аз ҷумла, пастравии нархи нафт, лаппишҳои қурбӣ, номуътадилии бахши молиявӣ ва шиддати геосиёсӣ), сиёсати пешгирифтаи худро вобаста ба хусусиятҳои хоси иқтисодиёти худ амалӣ гардонанд.

## НАҚШАҲОИ СОЗАНДА АМАЛӢ МЕГАРДАНД

Дар қисмати ҷамъбастии суханронии худ дар назди намояндагони воситаҳои ахбори омма Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев иброз дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ



бо мақсади таъмини устувории вазъи макроиқтисодӣ, бахши молиявӣ ва низоми бонкӣ, инчунин бартараф намудани таъсири манфии омилҳои берунӣ, дар амал татбиқ намудани чораҳои зеринро пешбинӣ ва идома медиҳад:

- вусъат додани фаъолияти сохторҳои нави таъсисёфтаи Бонки миллӣ, аз ҷумла Идораи назорати суғуртавӣ, Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, Шуъбаи назорати бонкдории исломӣ ва Шуъбаи махсус оид ба идоракунии мудирияти муваққатии Департаменти назорати бонкӣ;
- мусоидат ба рушди бозори коғазҳои қиматнок ва бозори дуюмдараҷаи он, инчунин дар бозори молиявии ҷаҳонӣ ҷойгир намудани коғазҳои қиматноки давлатӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузории хориҷӣ;
- ҷорӣ намудани фишангҳои нави муосири монетарӣ ва ба роҳ мондани истифодаи самараноки онҳо;
- идомаи ислоҳоти низоми бонкӣ, такмил додани идоракунии босамари дороиҳо ва ухдадориҳо, таъмини шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ;
- беҳтар гардонидани чараёни қарздиҳӣ, паст намудани хавфҳои қарзӣ, мусоидат намудан ба самаранокии фаъолияти бюроҳои қарзӣ;
- беҳтар кардани вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ, зиёд намудани эътимоди мардум ба низоми бонкӣ ва аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ васеъ намудани доираи хизматрасониҳои муосири бонкӣ;
- мунтазам таъмин намудани назорати қатъӣ аз болои фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ.

Барои ҳамкориҳои доимию босамар ба намояндагони воситаҳои ахбори омма изҳори сипос намуда, умед бар он карда шуд, ки робитаю ҳамкории созандаи ҷонибҳо минбаъд низ дар асоси эътимоду эҳтиром ва дастгирию ҳамдигарфаҳмии мутақобила идома хоҳад ёфт.

Ва ниҳоят, дар бахши саволу ҷавоби нишасти матбуотӣ, ки барои ҳарду ҷониб хеле ҷолиб ва шавқовар буд, намояндагони Воситаҳои ахбори оммаи дохилию хориҷӣ ба саволҳои худ дар бораи вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва саҳми БМТ дар он, гуфтушунидҳо бо Хазинаи байналмилалии асъор оид ба оғози барномаи нави ҳамкорӣ, дастгирии устувории пули миллӣ, эмиссия ё барориши евробондҳо дар ҷумҳурӣ, ҳамкорӣ бо низомҳои пардохтии байналмилалӣ, фарҳанги истифодаи пули миллӣ ва кор бо пулҳои фарсуда, оид ба ҷалби бонувони соҳибмаълумоту баландихтисос барои кор дар БМТ, дар бораи таъмини иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби кормандони бонк, рушди коғазҳои қиматнок, сабабҳои кам шудани пешниҳоди қарз, болоравии нархи маҳсулот, тағйирёбии қурби асъор, рушди низоми бонкдории исломӣ дар кишвар, вазъи пули миллӣ, коҳишёбии нархи нафт ва таъсири он ба қурби пули миллӣ, ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёт посухҳои мукаммал ва мушаххас гирифтанд.

**Таҳияи**
**Абдуғаффор Қурбонов,**
**"БТҶ"**




# Низоми бонкӣ ва ҷамъбасти фаъолияти он дар нимсолаи якуми соли 2017

**Ҷаласаи васеъи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ 28 июли соли равон баргузор гардид ва дар он ҷамъбасти фаъолияти низоми бонкӣ дар нимсолаи якум ва вазифаҳои навбатӣ барои нимсолаи дуюми соли 2017 мавриди баррасии иштирокдорон қарор дода шуд.**

Зимни ифтитоҳи кори ҷаласа Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода изҳор кард, ки дар давраи ҳисоботӣ низоми бонкӣ дар баробари дигар соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат дар фазои мураккаби таъсирҳои омилҳои берунӣ, бухронҳои сиёсию молиявӣ дар ҷаҳон фаъолияти худро идома дод ва то андозае нишондиҳандаҳои мусбати макроиқтисодӣ ба даст овард.

Номбурда махсусан қайд кард, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ бо мақсади таъмини устувории вазъи макроиқтисодӣ, бахши молиявӣ ва низоми бонкӣ, инчунин бартараф намудани таъсири манфии омилҳои берунӣ, фаъолияти худро ҷиҳати дар амал татбиқ намудани сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, нигоҳдории сатҳи мӯътадили нархҳо, рушди боэътидоли ҳаҷми пул дар иқтисодиёт ва таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ равона намуд.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар идомаи суханронии худ диққати аҳли нишастро ба иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои дар ҷаласаи навбатии Ҳукумати ҷумҳурӣ додашуда, аз ҷумла дар самти дастрасӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон, ҷалби амонатҳои аҳолӣ, пешниҳоди қарз, бахусус қарзҳои хурд, вусъат бахшидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, бартараф намудани камбудиҳо ва қонунвайронкуниҳо аз ҷониби кормандони ташкилотҳои қарзӣ ва пурзӯр намудани назорат ҷалб кард.

Сипас, бо маърӯзаи муфассал ва таҳлили ҳамаҷониба оид ба мавзӯи “Вазъи низоми бонкӣ дар нимсолаи якум вазифаҳои нав барои нимсолаи дуюми соли 2017” Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Икромӣ Сироҷиддин суханронӣ намуд. Номбурда роҳбарони ташкилотҳои қарзиро бо вазъи низоми бонкии кишвар, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва низоми бонкӣ, сиёсати пулию қарзӣ, хавфҳо ва камбудиҳои мавҷуда, сохтор ва нишондиҳандаҳои низоми пардохт, шикоятҳои ба Бонки миллӣ воридшуда, тадбирҳои андешидашуда дар ин самт ва нақшаҳои минбаъдаи низом шинос намуд.

Дар баробари ин, ба камбудию норасоиҳо дар фаъолияти



Тоҷикистон ворид намудани як қатор тағйиру иловаҳо ба меъёри пардохтпазирӣ, захираҳои ҳатмӣ ва ба Қонуни ЧТ “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” дар назар дошта шудааст.

Дар рафти ҷаласаи ҷамъбастии нимсолаи якуми соли равон сардори Шуъбаи ҳуқуқи Бонки миллии Тоҷикистон Беҳзод Расулов



ташкилотҳои қарзӣ, аз қабили назорати ғайрисамаранок аз ҷониби мақоми идоракунии ташкилотҳои қарзӣ, дуруст ба роҳ монда нашудани аудити дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, пурра ба талабот ҷавобгӯ набудани идоракунии корпоративӣ, зиёд шудани ҳолатҳои қонуншиканӣ, махсусан азхудкунии маблағҳо, идоракунии нодурусти дороиву уҳдадориҳо, сатҳи пасти фарҳанги қарздиҳӣ ва таъмин накардани қарзҳо бо гаравҳои зарурӣ, нагузаронидани таҳлилҳои кофӣ ҳангоми додани қарз, махсусан қарзҳои калонҳаҷм, ҷобаҷогузории ғайрисамараноки кадрҳо, фаъолияти ғайрисамаранок ва зараровари воҳидҳои сохторӣ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии носаҳеҳ ва нодуруст, кам будани амалиётҳои ғайринақдӣ ва риоя накардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ ба таври мушаххас ишора карда шуд.

Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Икромӣ Сироҷиддин изҳор намуд, ки барои паст намудани сатҳи долларикунонӣ дар иқтисодиёт, баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, зиёд намудани ҷалби пасандозҳо бо пули миллӣ, пешгирии хавфи пардохтпазирӣ ва дуруст ба роҳ мондани идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳо дар ташкилотҳои қарзӣ аз ҷониби Бонки миллии

мактуби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи қонуншиканиҳое, ки аз ҷониби баъзе кормандони ташкилотҳои қарзӣ содир карда шудаанд, ба самъи иштирокдорон расонид ва мазмуни нома мавриди баррасии ҳозирин қарор дода шуд.

Роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ, аз қабили ЧСК “Тоҷиксодиротбонк”, ЧСК “Агро-

инвестбонк", БДА ҶТ "Амонатбонк", ҶСК "Ориёнбонк", ҶСК "Эсхата" ва дигарон дар бахши муҳокимаи ҷаласа иштирок намуда, оид ба фаъолияти Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, пешниҳоди қарз ва баргардонидани он, меъёри бозтамвил, захираҳои ҳатмӣ, ҷалби сармоя аз хориҷи кишвар, кушодани хатҳои қарзӣ, таъмини саривақтии пули нақд, беҳтар кардани механизми додани он, дедолларикунонии иқтисодиёт, истифодаи дурусти кортҳои пардохтӣ ва вусъат додани пардохтҳои ғайринақдӣ фикру андешаҳо ва пешниҳодоти худро манзур намуданд.

Дар фуроварди ҷаласа Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода иброз дошт, ки ҷиҳати устувории вазъи макроиқтисодӣ, бахши молиявӣ ва низоми бонкӣ, инчунин бартараф намудани таъсири манфии омилҳои берунӣ, дар нимсолаи дуюми соли ҷорӣ БМТ чораҳои зерин, аз қабили идома додани ислоҳоти низоми бонкӣ, такмил додани идоракунии босамари дороиҳо ва уҳдадориҳо, таъмини шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, беҳтар намудани вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ, зиёд намудани эътимоди мардум ба низоми бонкӣ ва аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ васеъ намудани доираи хизматрасониҳои муосири бонкӣ, ҷорӣ намудани фишангҳои нави муосири монетарӣ ва ба роҳ мондани истифодаи самараноки онҳо, беҳтар гардонидани ҷараёни



қардиҳӣ, баргардонидани қарзҳои батаъхирафтода, паст намудани хавфҳои қарзӣ, мусоидат намудан ба самаранокии фаъолияти бюроҳои қарзӣ, мусоидат ба рушди бозори коғазҳои қиматнок ва бозори дуюмдараҷаи он, инчунин дар бозори молиявии ҷаҳонӣ ҷойгир намудани коғазҳои қиматноки давлатӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузории хориҷӣ, мунтазам таъмин намудани назорати қатъӣ аз болои фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ андешида хоҳанд шуд.

Ҳамчунин аз ҷониби роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои қарзӣ барои нимсолаи дуюми соли 2017 вазифа гузошта шуд, то ки ҷиҳати ҷалби бештари сармояи арзон ва дарозмуҳлат чораҳои воқеӣ андешида, барои баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба низоми бонкии мамлакат аз имкониятҳои мавҷуда ҳамаҷониба истифода баранд, дар баланд бардоштани фарҳанги қарздиҳӣ, такмил ва таҷдиди сиёсати қарзӣ ва идоракунии хавфҳо, пурзӯр намудани фаъолияти аудити дохилӣ ва низоми назорати дохилӣ, беҳтар кардани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ, тавсеа бахшидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, такмили низоми автоматишудаи бонкӣ, зиёд намудани қарздиҳӣ дар ноҳияҳои дурдасти кишвар саҳми босазо гузоранд.

**Таҳияи**
**А. Ардамехр,**
**"БТҶ"**

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-ИЮНИ СОЛИ **2017** **ДОРОИҲО** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли **2017** | Соли **2016** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 4 311 302 026 | 4 371 691 869 | -60 389 843 | -1,4% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 099 705 800 | 2 715 589 281 | 384 116 519 | 14,1% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 693 699 995 | 2 694 722 183 | -1 022 188 | 0,0% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 755 915 361 | 1 595 902 931 | 160 012 430 | 10,0% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 1 152 876 623 | 738 487 376 | 414 389 247 | 56,1% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 512 559 359 | 530 661 977 | -18 102 618 | -3,4% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 500 151 084 | 281 061 450 | 219 089 634 | 78,0% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 331 582 964 | 298 109 069 | 33 473 895 | 11,2% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 240 310 712 | 143 831 077 | 96 479 635 | 67,1% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 220 411 435 | 205 021 940 | 15 389 495 | 7,5% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 153 560 937 | 136 149 646 | 17 411 291 | 12,8% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 108 873 969 | 110 199 213 | -1 325 244 | -1,2% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 108 704 910 | 138 772 111 | -30 067 201 | -21,7% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 104 547 523 | 107 318 671 | -2 771 148 | -2,6% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 78 403 188 | 242 068 712 | -163 665 524 | -67,6% |

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-ИЮНИ СОЛИ **2017** ҚАРЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2017 | Соли 2016 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 1 143 283 458 | 1 475 762 577 | -332 479 119 | -22,5% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 995 657 757 | 1 222 471 873 | -226 814 116 | -18,6% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 327 004 670 | 2 127 673 473 | 199 331 197 | 9,4% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 212 684 417 | 1 037 447 676 | 175 236 741 | 16,9% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 205 077 939 | 207 617 360 | -2 539 421 | -1,2% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 269 253 635 | 249 968 354 | 19 285 281 | 7,7% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 32 558 827 | 25 982 799 | 6 576 028 | 25,3% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 15 813 965 | 18 454 901 | -2 640 936 | -14,3% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 73 413 360 | 39 968 948 | 33 444 412 | 83,7% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 29 856 064 | 34 626 563 | -4 770 499 | -13,8% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 33 091 095 | 46 256 741 | -13 165 646 | -28,5% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 6 267 293 | 2 204 844 | 4 062 449 | 184,3% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 42 481 732 | 70 809 407 | -28 327 675 | -40,0% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 22 873 774 | 36 378 828 | -13 505 054 | -37,1% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 53 499 567 | 151 376 363 | -97 876 796 | -64,7% |

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-ИЮНИ СОЛИ **2017** **УҲДАДОРИҲО** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2017** | **Соли 2016** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 1 770 812 198 | 3 660 689 359 | -1 889 877 161 | -51,6% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 2 765 400 027 | 2 473 155 520 | 292 244 507 | 11,8% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 148 270 474 | 2 145 190 943 | 3 079 531 | 0,1% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 467 900 541 | 1 303 434 358 | 164 466 183 | 12,6% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 1 075 663 442 | 674 314 223 | 401 349 219 | 59,5% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 446 979 326 | 464 138 148 | -17 158 822 | -3,7% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 413 438 748 | 207 623 677 | 205 815 071 | 99,1% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 278 749 431 | 234 768 905 | 43 980 526 | 18,7% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 144 119 724 | 59 261 494 | 84 858 230 | 143,2% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 236 556 022 | 145 188 425 | 91 367 597 | 62,9% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 72 792 577 | 63 639 589 | 9 152 988 | 14,4% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 58 694 203 | 60 966 242 | -2 272 039 | -3,7% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 56 589 553 | 76 217 671 | -19 628 118 | -25,8% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 1 577 315 | 4 336 416 | -2 759 101 | -63,6% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 68 882 676 | 209 041 624 | -140 158 948 | -67,0% |

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-ИЮНИ СОЛИ **2017** ◘ **ПАСАНДОЗҲО** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2017** | **Соли 2016** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 1 058 910 745 | 1 713 129 558 | -654 218 813 | -38,2% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 1 601 405 819 | 1 378 755 670 | 222 650 149 | 16,1% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 294 126 543 | 1 183 312 119 | 110 814 424 | 9,4% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 838 658 751 | 663 030 647 | 175 628 104 | 26,5% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 818 886 991 | 381 985 080 | 436 901 911 | 114,4% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 394 838 721 | 350 268 295 | 44 570 426 | 12,7% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 299 066 109 | 116 030 376 | 183 035 733 | 157,7% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 4 489 364 | 2 982 655 | 1 506 709 | 50,5% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 127 476 335 | 55 103 179 | 72 373 156 | 131,3% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 33 911 347 | 33 841 449 | 69 898 | 0,2% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 35 173 885 | 43 292 715 | -8 118 830 | -18,8% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 31 852 590 | 34 691 536 | -2 838 946 | -8,2% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 43 624 274 | 57 061 858 | -13 437 584 | -23,5% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 274 100 | 1 057 679 | -783 579 | -74,1% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 17 989 893 | 35 267 326 | -17 277 433 | -49,0% |

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-ИЮНИ СОЛИ **2017** **САРМОЯ** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2017** | **Соли 2016** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 2 540 489 828 | 711 002 510 | 1 829 487 318 | 257,3% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 334 305 773 | 242 433 761 | 91 872 012 | 37,9% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 545 429 521 | 549 531 240 | -4 101 719 | -0,7% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 288 014 820 | 292 468 573 | -4 453 753 | -1,5% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 77 213 181 | 64 173 153 | 13 040 028 | 20,3% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 65 580 033 | 66 523 829 | -943 796 | -1,4% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 86 712 336 | 73 437 773 | 13 274 563 | 18,1% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 52 833 533 | 63 340 164 | -10 506 631 | -16,6% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 96 190 988 | 84 569 583 | 11 621 405 | 13,7% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | -16 144 587 | 59 833 515 | -75 978 102 | -127,0% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 80 768 360 | 72 510 057 | 8 258 303 | 11,4% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 50 179 766 | 49 232 971 | 946 795 | 1,9% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 52 115 357 | 62 554 440 | -10 439 083 | -16,7% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 102 970 208 | 102 982 255 | -12 047 | 0,0% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 9 520 512 | 33 027 088 | -23 506 576 | -71,2% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-ИЮНИ СОЛИ 2017 ФОИДА | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2017 | Соли 2016 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 45 561 530 | 173 186 | 45 388 344 | 26207,9% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 14 973 810 | -6 829 436 | 21 803 246 | 319,3% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 36 624 361 | 80 575 938 | -43 951 577 | -54,5% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 13 397 153 | 9 776 863 | 3 620 290 | 37,0% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | -2 556 934 | -4 630 052 | 2 073 118 | 44,8% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 2 515 472 | -12 561 828 | 15 077 300 | 120,0% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 14 166 939 | 10 148 477 | 4 018 462 | 39,6% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | -10 301 497 | 5 353 491 | -15 654 988 | -292,4% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 9 628 884 | 2 518 530 | 7 110 354 | 282,3% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | -78 759 539 | 4 824 101 | -83 583 640 | -1732,6% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 5 868 793 | 4 240 776 | 1 628 017 | 38,4% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 926 468 | -602 656 | 1 529 124 | 253,7% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | -3 042 428 | -8 560 260 | 5 517 832 | 64,5% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 22 574 | 244 513 | -221 939 | -90,8% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | -11 574 301 | -18 518 688 | 6 944 387 | 37,5% |

## Муҳаммад Зубайр:

# БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ БА ТОҶИКИСТОН САРМОЯИ ЗИЁД МЕОРАД!



Мусоҳиба бо **Муҳаммад Зубайр,** мушовири "Барномаи саводнокии касбӣ барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон"ва мудири Маркази бонкдорӣ ва иқтисоди исломии "Алҳудо"-и Покистон

Дар доираи "Барномаи саводнокии касбӣ барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон" (VOLIP), ки дар асоси созишномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Исломии Рушд амалӣ мешавад, ташкилотҳои қарзии кишвар нахустин бор қарздиҳӣ бо усулҳои бонкдории исломиро таҷриба мекунанд. Тибқи ин барнома ташкилотҳои қарзӣ хизматрасониҳои молиявиро бар асоси қоидаҳои бонкдории исломӣ барои ҷавонони аз 15 то 24-сола ва занони аз 24 то 49-сола, ки курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзии барномаи мазкурро хатм кардаанд, ба роҳ мемонанд. Хатмкардагони курсҳои касбомӯзӣ бар асоси ин барнома ва тибқи қоидаҳои бонкдории исломӣ қарзҳои хурди имтиёзнок дарёфт намуда, фаъолияти соҳибкории худро ба роҳ мемонанд. Бинобар ин, дар Бонки миллии Тоҷикистон барои омода кардани кормандони ташкилотҳои қарзӣ ва дар сатҳи зарурӣ ташкил намудани хизматрасонии молиявӣ бар асоси принсипҳои маблағгузории исломӣ дар бонкҳо як давраи омӯзишӣ дар мавзӯи "Маблағгузории хурд мувофиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ" баргузор шуд. Дар ҷараёни ин давраи омӯзишӣ дар назди иштирокдорони он Муҳаммад Зубайр, мушовири байналмилалии "Барномаи саводнокии касбӣ барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон" ва мудири Маркази бонкдорӣ ва иқтисоди исломии "Алҳудо"-и Покистон бо силсиладарсҳои муфассал ва машғулиятҳои амалӣ суханронӣ намуд.

Хабарнигори маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" бо мақсади ошно намудани хонандагон бо аҳдофи ин барнома бо Муҳаммад Зубайр суҳбатеро

анҷом дод, ки инак, муҳтавои онро манзури хонандагон мегардонем.

**– Дар амал татбиқ намудани барномаи VOLIP то кадом андоза заминаро барои ҷорӣ намудани бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон фароҳам меорад?**

– Аслан, VOLIP яке аз лоиҳаҳои асосии Бонки Исломи Рушд ба шумор меравад, ки айни замон дар якчанд кишварҳои ҷаҳон, аз он ҷумла, дар Тоҷикистон татбиқ шуда истодааст. Ҳадафи ниҳоии ин барнома паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба воситаи баланд бардоштани малакаи касбии шаҳрвандон ва таъмини ҷавонон ва занон бо маблағгузории хурд барои ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Бо истифода аз имкониятҳои васеи ин лоиҳа, мо занон ва ҷавононро бо донишҳои техникӣ таъмин менамоем ва баъдан ба воситаи қарздиҳии хурди исломӣ фаъолияти соҳибкории онҳоро маблағгузорӣ мекунем. Бахрагирандагони лоиҳаи мазкур дар доираи барномаи VOLIP яке аз 36 касбҳои техникиро аз худ карда, нақшаи тиҷорати худро таҳия месозанд ва ба воситаи қарздиҳии хурди исломӣ бо маблағ таъмин шуда, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд. Яқин аст ва мо итминон дорем, ки бо ин роҳ онҳо вазъи молиявии худро беҳтар мекунанд. Бояд зикр намоям, ки дар татбиқи ин барнома Бонки миллии Тоҷикистон нақши муҳим дорад. Айни замон Бонки миллии Тоҷикистон барои дар амал ҷорӣ намудани бонкдории исломӣ корҳои заруриро анҷом дода истодааст. Дар доираи ин барнома Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзӣ дар амал татбиқ намудани бонкдории исломиро таҷриба мекунад.

> Мурабаҳа ва салам усулҳои нисбатан содаи бонкдории исломӣ буда, ҳадафи аслии онҳо бунёди тиҷорати хурду ҷойҳои корӣ ва дастгирии мардуми камбизоат ба шумор меравад.

Ман хушбин ҳастам ва боварӣ дорам, ки бо ёрии Бонки миллии Тоҷикистон дар раванди иҷрои муваффақонаи ин барнома сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон паст мешавад ва ҷавонону занон бо оғоз намудани тиҷорати худ соҳиби ҷойи кор мешаванд ва сатҳу сифати зиндагии худро беҳтар мекунанд. Ҷанбаи дигари муҳими навоварӣ ин дастрасии молиявӣ аст, ки дар кишвар тавсиа меёбад. Тавре маълум аст, 99 фоизи аҳолии Тоҷикистон мусулмон мебошанд ва одамоне ҳастанд, ки аз бонкдории анъанавӣ истифода намекунанд, ҷорӣ намудани бонкдории исломӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки тибқи қавонини шариат қарз дарёфт кунанд. Ин барнома нахустин барномаест, ки дар доираи он ташкилотҳои қарзӣ бо риояи талаботи бонкдории исломӣ дар кишвар қарз медиҳанд. Дар робита ба ин, гуфтан мумкин аст, ки барои ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон ин нахустин таҷриба барои ҷорӣ намудани бонкдории исломӣ мешавад.

**– Таъсири ин барномаро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

– Ба андешаи ман, дар амал татбиқ шудани ин барнома таъсири хеле калон ва мусбат дорад. Он, пеш аз ҳама, ба рушди тиҷорат ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ мусоидат мекунад. Қарздиҳии хурди исломӣ ба фарқ аз бонкдории анъанавӣ ба мизоҷон ба ҷойи пул моликият пешниҳод мекунад ва фаъолияти мизоҷро пурра таҳти назорат мегирад. Масалан, дар бонкдории анъанавӣ вақте ягон мизоҷ ё нафари камбизоат аз бонк қарз мегирад, минбаъд бонк фаъолияти онро назорат намекунад. Дар ин сурат мизоҷ имкон дорад, пулро ба ҷойи ба рушди тиҷорати худ сарф кардан, ба соҳаи дигар харҷ намояд ва эҳтимол меравад, ки вазъияти молиявии худро беҳтар накунад. Аммо дар бонкдории исломӣ вақте мизоҷ барои гирифтани қарз меояд, бонк ба вай пул не, балки моликият ва ё таҷҳизот харида медиҳад.

Барои мисол, мизоҷ бо нақша ё барномаи тиҷоратӣ ба бонк меояд ва изҳор менамояд, ки

ман мехоҳам фаъолияти худро ҳамчун устои барқ ба роҳ монам ва барои ин ман ба маблағи муайяне зарурат дорам. Бонке, ки аз рӯйи талаботи бонкдории исломӣ фаъолият мекунад, ба мизоҷ таҷҳизотеро, ки барои пешбурди кори устои барқ зарур аст, харида медиҳад, вале он таҷҳизот дар сармояи бонк қарор мегирад. Устои барқ бо таҷҳизоти дастрасшуда кор карда, даромад ба даст меорад. Бо ин роҳ мизоҷ соҳиби касбу кор мешавад ва оҳиста-оҳиста сатҳи зиндагиаш боло меравад. Дар робита ба ин, метавон гуфт, ки бонкдории исломӣ барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон таъсири назаррас хоҳад дошт.

**– Лутфан бигӯед, ки дар чараёни машғулиятҳои назариявию амалии гузаронидашуда Шумо кадом усулҳои бонкдории исломиро дарс додед ва кормандони ташкилотҳои қарзӣ дар навбати худ дарсҳои шуморо чӣ гуна дарёфтанду қабул карданд?**

– Дар ин давраи омӯзишӣ тибқи барнома мо ду намуди маҳсулоти бонкдории исломӣ - салам ва мурабаҳаро ба кормандони ташкилотҳои қарзӣ омӯзондем ва минбаъд онҳо бо ин усулҳо кор хоҳанд кард. Илова бар ин, мо ҳамчунин ба иштирокдорон дар бораи асосҳои маблағгузории исломӣ, маблағгузории хурди исломӣ ва имкониятҳои истифодаи он дар шароити Тоҷикистон, чараёни татбиқи низоми бонкдории исломӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, шарту шароитҳои созишномаҳои фаръӣ, шарту талаботҳо ва амалиётҳои маблағгузории хурди исломӣ дар доираи барномаи VOLIP маълумоти муфассал додем. Ба назарам, кормандони ташкилотҳои қарзӣ дар машғулиятҳо хеле фаъол буданд ва зимни давраи омӯзишӣ ба саволҳои худ посухҳои мукаммал гирифтанд.

> Ман хушбин ҳастам ва бовар дорам, ки бо ёрии Бонки миллии Тоҷикистон дар раванди иҷрои муваффақонаи ин барнома сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон паст мешавад ва ҷавонону занон бо оғоз намудани тиҷорати худ соҳиби ҷойи кор мешаванд ва сатҳу сифати зиндагии худро беҳтар мекунанд.

**– Метавонам аз Шумо пурсон шавам, ки чаро дар мадди аввал ба кормандони ташкилотҳои қарзӣ омӯзишро аз дигар намудҳои бонкдории исломӣ нею маҳз аз усулҳои салам ва мурабаҳа оғоз намудед?**

– Бояд изҳор намоям, ки дар айни замон ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон ба захираҳои зиёди кадрии бонкдории исломӣ ниёз доранд. Зеро бонкдории исломӣ дар ин ҷо консепсияи нав аст ва аксари мардум бо вуҷуди он ки дар бораи бонкдории исломӣ шунида бошанд ҳам, вале маълумоти зиёд надоранд. Бо назардошти ин ҳолат мо дар ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон ба қароре омадем, ки барои ҷорӣ кардани бонкдории исломӣ аз татбиқи усулҳои аз ҳама осони маблағгузории исломӣ оғоз намоем. Маҳз бо ҳамин мақсад, дар ин давраи омӯзишӣ мо ду намуди маҳсулоти бонкдории исломиро омӯзонидем, ки яке аз он мурабаҳа ва дигараш салам аст. Мурабаҳа ва салам усулҳои нисбатан содаи бонкдории исломӣ буда, ҳадафи аслии онҳо бунёди тиҷорати хурду ҷойҳои корӣ ва дастгирии мардуми камбизоат ба шумор меравад. Гузашта аз ин, ёд гирифтан ва дар амал ҷорӣ намудани онҳо, ба андешаи мо, осонтар аст.

**– Хеле хуб. Дар робита ба посухҳои боло ба таври мушаххас гуфта метавонед, ки дар ояндаи наздик татбиқи бонкдории исломӣ ба кишвари мо чӣ манфиат меорад?**

– Тавре дар ибтидои суҳбат иброз доштам, ман хушбин ҳастам ва бовар дорам, ки бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон ояндаи хуб дорад. Дуруст аст, ки шояд бархе аз одамон пурсанд, ки ин хушбинию хушбоварӣ аз куҷо маншаъ мегирад? Қабл аз ҳама, бояд зикр намоям, ки истифодаи бонкдории исломӣ аввалан барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ, дуюм барои рушди дастрасии молиявӣ, сеюм барои эҷоди ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад. Ман боварӣ

дорам, ки танҳо бо ёрии лоиҳаи VOLIP ва қарздиҳии исломӣ дар Тоҷикистон аз 40 то 50 ҳазор ҷойҳои нави корӣ пайдо мешаванд. Зеро ба туфайли дар амал татбиқ гардидани ин лоиҳа 7000 иштирокдорон бо корхонаҳои хурди соҳибкорӣ ва тиҷорати нав ба кор оғоз мекунанд. Ва бубинед, ҳар яки онҳо дар навбати худ 6-7 нафарро ба кор ҷалб мекунанд.

Манфиати чоруми он ин аст, ки Тоҷикистон маҳсулоти нав истеҳсол мекунад. Панҷум, дар Тоҷикистон як қатор ташкилотҳои нави бонкдории исломӣ ба мисли ширкатҳои қарзии хурди исломӣ, ширкатҳои суғуртаи исломӣ, бозори коғазҳои қиматноки исломӣ, бозори сармояи исломӣ ва ғайра фаъолияти худро оғоз мекунанд. Шашум, барои Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам хоҳад шуд то ҷиҳати рушду тавсеаи бонкдории исломӣ сармояи хориҷиро ҷалб кунад. Ҳафтумаш ин аст, ки агар бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон ҷорӣ шавад, тиҷорат ҳам дар Тоҷикистон тавсиа меёбад. Зеро бонкдории исломӣ ба ҷои пул ба қарзгиранда, моликият, масалан коргоҳу таҷҳизот ва мошинолот медиҳад. Ҳаштум, бонкдории исломӣ сукуқ (авроқи гаронбаҳо дар бонкдории исломӣ) дорад, ки барои рушди инфрасохтори Тоҷикистон метавонад, миллиардҳо доллари ИМА сармоя ҷалб кунад.

**– Шумо ҳамчун коршинос, ки дар ин соҳа таҷрибаи ғанӣ андӯхтаед, дурнамои бонкдории исломиро дар кишвари мо чӣ гуна мебинед? Он то чӣ андоза рушд мекунад ва дар низоми бонкии ҷумҳурӣ ба чӣ комёбиҳо ноил мегардад?**

– Ман комилан мутмаинам, ки бо талошҳои Бонки миллии Тоҷикистон бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон амалӣ мешавад ва ояндаи хубу самаранокро низ дар пай хоҳад дошт. Зеро барои ин кор шароити мусоид муҳайё аст, яъне аксари мардуми Тоҷикистон мусулмон мебошанд ва онҳо табиист, ки хоҳиш пайдо мекунанд, то аз хизматрасониҳои бонкдории исломӣ истифода баранд. Бо мурури замон ва дар натиҷаи рақобати солим талабот ба ин тарзи бонкдорӣ зиёд мешавад. Вақте бонкдории исломӣ ҷорӣ мешавад, шумо хоҳед дид, ки аҳолӣ бинобар пайдо шудани интихоби зиёду озод дар баробари хизматрасониҳои бонкдории анъанавӣ аз маҳсулотҳои бонкдории исломӣ низ ба таври васеъ истифода хоҳанд бурд. Дар натиҷаи истифодаи васеъ аз имкониятҳои мавҷуда тиҷорат пеш рафта, ҷойҳои кории нав эҷод мешаванд, маҳсулоти нав тавлид мегардад, сатҳи камбизоатӣ паст ва сатҳи зиндагии мардум баланд мешавад. Ва ниҳоят ман бар ин боварам, ки бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон ба таври назаррас рушд хоҳад кард.

**Мусоҳиб:**
**Аслам Мӯминов,**
**"БТҶ"**

**МАЪЛУМОТНОМАИ "БТҶ":**



Муҳаммад Зубайр, мушовири "Барномаи саводнокии касбӣ барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон" ва мудири Маркази бонкдорӣ ва иқтисоди исломии "Алхудо"-и Покистон, муассис ва мудири созмони Шабакаи исломии маблағгузории хурд ва мудири ташкилоти Шӯрои Тадқиқоти Ҳалол дар Покистон мебошад. Вай ҳамчунин узви Агентии Рушди Ҳалол ва Кумитаи рушди парки саноати Ҳалоли Ҳукумати Покистон аст. Дорандаи унвони илмии доктор дар соҳаи бонкдории исломӣ мебошад.
Ӯ ҳамчун коршиноси аршади соҳаи бонкдорӣ ва молияи исломӣ дар доираҳои бонкдории исломӣ машҳур аст ва мутахассиси соҳаҳои ВАО, риёзиёту омору иқтисод мебошад.
Муҳаммад Зубайр ҳамчунин сармуҳарририи маҷаллаи «Бонкдории ҳақиқӣ»-ро ба зимма дорад, ки баёнгари дидгоҳи ӯ дар бораи бонкдории исломӣ ва молияи исломӣ мебошад.
Вай 11 соли охир дар соҳаи бонкдорӣ ва молияи исломӣ, моделсозӣ, таҳияи маҳсулоти гуногуни молиявӣ, машварат мувофиқи шариат, таҳқиқу таҳлили бозори молияи исломӣ фаъолият дорад. Ӯ содиқона ва бо ғайрати том барои пешрафти молияи исломӣ ба воситаи таълиму таҳқиқот, омӯзишу иштирок дар конфронсҳои сатҳи ҷаҳонӣ пайваста кор мекунад.
Муҳаммад Зубайр дар ҳамкорӣ бо созмонҳои гуногуни маҳаллӣ ва байналмилалӣ аз қабили Бонки Ҷаҳонӣ, Барномаи Рушди СММ, Бонки Исломии Рушд ва USAID барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар бештар аз 30 кишвари олам саҳм гузоштааст. Ӯ таҳқиқоти худро дар саноати ҳалол дар конфронсҳои байналмиллалӣ дар Русия, Чин, Африқои Ҷанубӣ, Кения, АМА, Қазоқистон, Урдун, Афғонистон ва Ироқ муаррифӣ ва пешниҳод намудааст.
Ӯ аз ҷониби ташкилотҳои муътабари ҷаҳонӣ барои хизматҳо ва дастовардҳояш дар таҳқиқоти илмӣ, таълим, машварат ва рушди маҳсулот дар соҳаи молия ва бонкдории исломӣ қадрдонӣ шудааст.





# ҲАМКОРӢ БО ШИРКАТИ “MOODY’S INVESTORS SERVICE” ТАВСЕА МЕЁБАД

**Намояндагони ширкати рейтингии байналмилалии “Moody’s Investors Service” хонум Атси Шет ва ҷаноби Матю Киркоста, коршиноси ширкати “Oppenheimer” хонум Натали Маршик, ки барои тавсеаи ҳамкориҳои дуҷонибаи самарабахш бо сафари корӣ ба Душанбе ташриф оварда буданд, аз ҷониби Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ба ҳузур пазируфта шуда, бо онҳо мулоқоти судманд доир гардид.**

> Раванди кор дар ин ҷо аз он шаҳодат медиҳад, ки корҳои зиёде анҷом дода шуданд ва таассуроти мо барои ҳамкориҳои минбаъда заминаи хубе фароҳам хоҳад овард.

Нахуст ба меҳмонон дар бораи вазъи феълии низоми бонкии ҷумҳурӣ, гузаронидани ислоҳот дар ин бахш, самтҳои гуногуни рушди бахши молия, имкониятҳои мавҷуда дар самти ҷалби сармоягузорӣ ба бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт маълумот пешниҳод карда шуд. Аз он ҷумла, Ҷамолиддин Нуралиев изҳор намуд, ки нишондиҳандаи рейтингии ин ё он кишвар барои ҷалби ҳарчи бештари сармоягузорӣ ба иқтисоди ҷумҳурӣ омили асосӣ ба шумор рафта, дар муайянку-





нии эътибор ва нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ нақши муҳим мебозад.

Зимни машварати корӣ ҳозирин ҳамчунин дар мавриди нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ва рушди минбаъдаи воқеии иқтисодиёт изҳори ақида намуда, ҷанбаҳои молиявию буҷетӣ ва иҷтимоию иқтисодиро, ки барои омодагӣ ва баҳодиҳии рейтингии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 заруранд, баррасӣ намуданд.

Дар робита ба ин, коршиноси ширкати "Moody's Investors Service" Матю Киркоста бо муаррифии муфассалу ҷолиб оид ба методологияи гузаронидани рейтинг ва омилҳои асосии муайянкунии он, аз ҷумла аз рӯи нишондиҳандаҳои суботи молиявӣ, сиёсати фискалӣ, суботи ниҳодӣ ва хавфҳои эҳтимолии ҳолатҳои ғайричашмдошт дар назди аҳли нишаст суханронӣ кард. Атси Шет, коршиноси дигари ҳамин ширкат бошад, вобаста ба омӯзиш ва натиҷагирӣ аз вазъи низоми бонкӣ, аз ҷумла ташкилотҳои маблағгузории хурд, захираҳои байналмилалӣ, дар муайянкунии рейтинг нишондиҳандаҳои вазъи тавармумро зарур дониста, баррасии пешниҳодҳо ва таҳияи механизми корбарии барномаҳои мушаххасро муҳим ва зарур шуморид.

Бо истифода аз имкониятҳои бадастомада роҳбарони воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар машварати корӣ ширкат доштанд, дар бораи ҷанбаҳои муаррифии пешниҳодгардида ва самтҳои алоҳидаи муайянкунии нишондиҳандаҳои рейтингӣ фикру ақидаҳои худро манзур намуданд.

Намояндагони ширкати "Moodys Investors Service" дар ҷараёни сафари кории худ бо роҳбарияти як қатор вазорату идораҳои кишвар, аз қабили Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати энергетика ва захираҳои об, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, намояндагиҳои доимии Бонки Осиёии Рушд, Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки Ҷаҳонӣ, сафирони Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Федератсияи Русия вохӯрию мулоқотҳо доир намуда, дар раванди онҳо масъалаи баҳогузорӣ намудани рейтинги кишварро баррасӣ карданд.

## ВУСЪАТИ ҲАМКОРӢ БА ХОТИРИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРӢ

Як рӯз баъд аз машварати корӣ Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев бо ҳамроҳии намояндагони Ширкати рейтингии байналмилалии "Moody's Investors Service" ҷаноби Матю Киркоста, коршиноси ширкати "Oppenheimer" хонум Натали Маршик ва мушовири Бонки миллии Тоҷикистон ҷаноби Аксел Сауер барои шинос шудан бо рафти корҳои сохтмонӣ дар ҶСК "НБО Роғун"






ба нирӯгоҳи номбурда сафар карданд.

Дар ҷараёни сафар Ҷамолиддин Нуралиев ба меҳмонон оид ба аҳамияти бузург доштан ва судманд будани сохтмони иншооти мазкур на танҳо барои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки бо фароҳам омадани имкониятҳои васеъ барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ва кишварҳои ҳамсоя аз Осиёи Ҷанубӣ маълумот дод. Дар робита ба ин, номбурда дар бораи хусусияти минтақавӣ ва бартарияти муқоисавӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон доштани лоиҳаро таъкид намуда, иброз дошт, ки дар сурати фароҳам омадани шароити мусоид дастрасии кишварҳои минтақа ба барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин мегардад.

Зимни пешвози меҳмонон директори генералии ҶСК "НБО Роғун" Хайрулло Сафарзода оид ба рафти сохтмони иншооти бузурги аср дар Тоҷикистон ва корҳои дар ин самт анҷомшуда маълумоти муфассал пешкаш намуд.

Оид ба таърихи оғози бунёди лоиҳаи мазкур, рафти татбиқи лоиҳа ва нақшаҳои минбаъда ба намояндагони Ширкати рейтингии байналмилалии "Moody's Investors Service" ва ширкати "Oppenheimer" муовини директори генералии ҶСК "НБО Роғун" М. Шамсуллозода бо муаррифии мушаххас суханронӣ кард. Дар рафти муколама байни ҳозирин меҳмонон ба суолҳои худ оид ба бехатарии лоиҳа, бартарияти он ва баҳрабардории молиявӣ ва иқтисодӣ дар минтақа посухҳои мукаммал гирифтанд.

Коршиносони ширкатҳои номбурда зимни ин сафари корӣ, дар баробари ба ҷараёни корҳои сохтмонӣ аз наздик шинос гаштан, бо мутахассисони ҶСК "НБО Роғун" низ мулоқот доир намуданд.

Тавре маълум гардид, ҷаноби Матю Киркоста, хонум Натали Маршик ва ҷаноби Аксел Сауер аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда таассуроти баланд бардоштанд. Масалан, коршиноси ширкати "Oppenheimer" хонум Натали Маршик зикр намуд, ки имкони аз наздик шинос шудан бо татбиқи лоиҳаи ҶСК "НБО Роғун" барояш муҳим буд: "раванди кор дар ин ҷо аз он шаҳодат медиҳад, ки корҳои зиёде анҷом дода шудаанд ва таассуроти мо барои ҳамкориҳои минбаъда заминаи хубе фароҳам хоҳад овард".

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳамкорӣ бо ширкати "Moody's Investors Service" соли 2013 оғоз ёфтааст ва дар ин давра ширкати мазкур рейтинги соҳибихтиёрии кишвари моро муайян менамояд.

Ҳамзамон бояд иброз дошт, ибтидои фаъолияти Ширкати рейтингии байналмилалии "Moody's Investors Service" ба даҳаи аввали асри XX, яъне соли 1909 рост меояд ва он ҳамчун яке аз ширкатҳои бонуфузтарини рейтингии ҷаҳонӣ шинохта шудааст. Айни замон дар ширкати мазкур зиёда аз 10 000 корманд дар 26 давлати дунё фаъолият менамоянд ва дороии он ба 3,5 млрд. доллари ИМА баробар аст.

**Таҳияи**
**Абдуғаффор Қурбонов,**
**"БТҶ" бо истифода аз www.nbt.tj**

# БМТ: Ба гардиши пули нақд ва ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад

Шакли ҳисоботии №23 оид ба "Гардиши пули нақд" ва тарзи дурусти пешниҳоди он, лоиҳаи Дастурамали №173 "Оид ба ташкили корҳои хазинавӣ дар БМТ, ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ" аз ҷумлаи масъалаҳое буданд, ки 20 июни соли равон дар вохӯрии Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Салимова Лола бо кормандони бахшҳои муомилоти пули нақд ва хазинаи вазорату мақомотҳо ва ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳамоиши мазкур бо иқдоми Департаменти муомилоти пулӣ ва амалиёти хазинадорӣ дар ҳамкорӣ бо воҳидҳои сохтории марбутаи БМТ баргузор гардид.

Лола Салимова дар ибтидо оид ба тартиби таҳияи Шакли ҳисоботии №23 оид ба гардиши пули нақд ва назорати қатъии риояи талаботҳои он дар ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати устувории сиёсати пулию қарзӣ сухан ронд. Номбурда бо такя ба омӯзишу таҳлили маълумотҳои мавҷуда изҳор дошт, ки бархе аз ташкилотҳои қарзӣ дар омода намудани шакли ҳисоботии мазкур беаҳамиятӣ зоҳир намуда, рамзҳоро аз рӯи амалиётҳои воридоти пули нақд нодуруст пешниҳод менамоянд. Дар идомаи суханронӣ муовини Раис намояндагони ташкилотҳои қарзиро хушдор дод, ки ба ин бахши фаъолияти ташкилоти худ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намоянд, зеро дар нимсолаи оянда назорат пурзӯртар хоҳад шуд.

Изатулло Маҳмудов, сардори Идораи суботи молиявӣ дар мавзӯи "Гардиши ҳаҷми пули миллӣ" дар назди ҳозирин бо муаррифии муфассал баромад намуда, оид ба сатҳи таъминнокии иқтисодиёти кишвар бо пули нақд ва масъалаҳои марбут ба гардиши пули нақдро бо таҳлили мушаххасу асоснок манзур кард.

Дар ҷараёни нишасти корӣ роҳбарони воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон оид ба лоиҳаи Дастурамали №173 "Оид ба ташкили корҳои хазинавӣ дар БМТ, ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ", зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ва қабули пешниҳодҳо ба ин санад, инчунин "Тартиби ба муомилот баровардани сабикаҳои ченакии тиллои Бонки миллии Тоҷикистон ва гузаронидани амалиёт бо онҳо"-ро муҳокима намуданд.

Иштирокдорони ҷаласа дар муҳокимаи муаррифӣ ва мавзӯъҳои дигар фаъолона ширкат варзида, дар баробари пешниҳоди андеша ҷиҳати такмил додани лоиҳаи Дастурамали зикршуда, инчунин ба саволҳои худ посуххои мушаххас гирифтанд.

Ҳамзамон аҳли нишасти корӣ инчунин





масъалаи тавсеа бахшидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдиро баррасӣ намуда, иброз доштанд ки рушди иқтисодиёти миллӣ зарурати афзоиши самаранокии гардиши маблағҳо ва зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро дар ҳаҷми умумии муомилоти пулӣ талаб менамояд. Бинобар ин, дар ҳаллу фасли ин масъала на танҳо Бонки миллии Тоҷикистон, балки ташкилотҳои қарзиро низ зарур аст, ки фаъолияти хешро ҷоннок намуда, барои рушди низоми пардохт дар таҳия ва таъмини заминаи ҳуқуқии навовариҳо саҳмгузор бошанд.

Муовини Раиси БМТ Лола Салимова дар анҷоми машварати корӣ таъкид намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади тоза намудани муомилоти пули нақд аз пулҳои фарсуда ва корношоям, ташкилотҳои қарзии ҷумҳуриро вазифадор намудааст, ки пулҳои фарсудаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъиро ба пулҳои эмиссионӣ ё коршоям ва тангаҳои филизӣ бемамоният ва ба таври ройгон иваз намоянд. “Маҳз бо ин мақсад Бонки миллии Тоҷикистон ташкилотҳои қарзиро бо пулҳои нав таъмин намуда истодааст”, - зикр намуд ӯ.

Ва ниҳоят қайд кардан бамаврид аст, ки баргузор кардани чунин нишастҳо барои таҳкиму тақвият бахшидани сатҳи касбият ва малакаи кории кормандони бахшҳои муомилоти пули нақд ва хазинавии ташкилотҳои қарзии кишвар шароити мусоиди рушд ва таъсири мусбат хоҳад дошт.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

# Аҳди истисноъ

Хонандаи гиромӣ, ҳайати эҷодии маҷалла тасмими қаблан гирифтаи худ оид ба нашри силсиламақолаҳо дар бораи маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкдории исломиро идома медиҳад. Ин дафъа дар шумора мақола дар бораи яке аз намудҳои хизматрасонии бонкдории исломӣ – Аҳди истисноъ манзури хонандагон гардонида мешавад.

## ТАЪРИФИ ИСТИСНОЪ

Аҳди истисноъ, қабл аз ҳама, аз бастани шартнома бо истеҳсолкунанда барои анҷом додани амали муайян, ки истеҳсолкунанда ба зиммаи худ мегирад, шуруъ мешавад. Бо ибораи дигар гӯем, шартнома барои харидани ин ё он чизе баста мешавад, ки истеҳсолкунанда онро дар оянда истеҳсол мекунад. Дар ин маврид муҳим он аст, ки ашёи хом барои истеҳсоли маҳсулот ва иҷрои кор аз ҳисоб ва аз ҷониби истеҳсолкунанда амалӣ мешавад. Агар ашёи хом барои истеҳсол на аз тарафи истеҳсолкунанда, балки аз ҷониби фармоишгар таъмин шавад, дар ин ҳолат шартнома

> Шартномаи "истисноъ" метавонад байни бонк ва фармоишгар баста шавад, агар бонк қабл аз бастани шартнома предмети шартнома ва ё ашёеро, ки аз он тайёр карда мешавад, ба даст оварда бошад.

байни онҳо шартномаи иҷора мешавад, на шартномаи истисноъ. Дар ин маврид, баъзе донишмандони улуми фиқҳ бар ин назаранд, ки шартнома танҳо барои анҷоми амал баста мешавад, зеро "истисноъ" талаби истеҳсол аст, ки он иборат аз анҷом додани амал аст.

Муассисаи Муҳосибот ва Аудит барои Институтҳои молиявии исломӣ "истисноъ"-ро чунин муаррифӣ намудааст: "истисноъ иборат аст аз бастани шартнома барои фурӯши чизи мушаххас ва муайяни ба зимма гирифташуда, ки истеҳсоли он дар оянда талаб шудааст".

Шартномаи истисноъ бо пешниҳоди фармоишгар ва қабули истеҳсолкунанда баста мешавад. Дар ин намуди шартнома фармоишгар, яъне харидорро "мустасниъ", фурӯшанда ва ё истеҳсолкунандаро "сониъ" ва предмети истеҳсолшавандаро "маснуъ" меноманд. Барои мисол, ду нафар барои истеҳсоли пойафзол, зарфҳои гуногун ё қолинҳо ва ғайра шартнома мебанданд. "Истисноъ" танҳо дар чизҳое, ки дар таъомули байни мардум вуҷуд дорад, истифода мешавад.

"Истисноъ" шартномаест, ки ба шартномаи "салам" шабоҳат дорад, зеро он фурӯхтани чизи вуҷуд надоштаро, ки баъд сохта мешавад ва истеҳсоли он ба уҳдаи истеҳсолкунанда\ фурӯшанда гузошта мешавад, дар назар дорад. Вале дар баробари ин, аз салам бо он фарқ мекунад, ки маблағ дарҳол пардохт карда намешавад ва ҳамчунин муддат барои истеҳсол ва таҳвили мол муайян карда намешавад ва шарт нест, ки навъи муайяни моли фармоишшуда дар бозорҳо вуҷуд дошта бошад.

Инчунин "истисноъ" ба аҳди иҷора низ монандӣ дорад, лекин фарқи ягонаи онҳо ин аст, ки дар "истисноъ" ашёи хоми

зарурӣ барои истеҳсолро худи истеҳсолкунанда таъмин менамояд.

### ҚОНУНМАНДИИ АҲДИ “ИСТИСНОЪ”

Қонунмандии аҳди истисноъ бо амалкарди Паёмбар (с) собит шудааст. Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) рӯзҳои ҷумъа ба дарахте ё дарахти хурмое такя мекарданд. Пас зане аз ансор – ё марде-гуфт: Эй Паёмбари Худо (с) оё барои шумо минбаре насозем? Паёмбар (с) фармуданд: Агар хоҳед бигузор чунин шавад. Пас барои он Ҳазрат (с) минбаре сохтанд. Имом Бухорӣ аз Абуҳозим ва ӯ аз Саҳл ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) ба зане аз муҳоҷирон, ки ғуломи наҷҷоре дошт, нафаре фиристода ба ӯ фармуд: “ғуломи худро бифармо то барои мо минбаре бисозад.” Он зан ғуломи худро фармуд ва барои он Ҳазрат (с) минбаре сохта, ба масҷидаш оварда гузоштанд. (Умдатулқори шарҳи Саҳиҳи Бухорӣ, ҳадиси № 3584) (Саҳиҳи Бухорӣ 908/2). Ҳамчунин Имом Бухорӣ (р) ҳадиси Паёмбар (с), ки оиди талаби истисноъ (фармоиши сохтан)-и ангуштарии тиллоӣ аст, зикр кардааст. (Саҳиҳи Бухорӣ 2205/5 ва Саҳиҳи Муслим ҳадиси № 1655/3)

Истисноъ танҳо ваъда нест, балки шартномаи хариду фурӯши зарур аст ва дар ин бора қарори Маҷмаъаи фиқҳи исломии байналмилалӣ таҳти рақами № 65 (7/3) содир шудааст.

> Дар баробари ин, бонк наметавонад дар шартномае, ки байни фармоишгар ва тарафи дигар баста шудааст, нақши маблағгузорро иҷро намояд, хусусан дар ҳолате, ки фармоишгар дар пардохти ҳаққи тарафи дигар оҷиз мондааст, баробар аст, ки ин ҳолат пеш аз оғози амали шартнома бошад ё баъд аз он.

Дар мазҳаби имом Абуҳанифа тибқи қоидаи “истеҳсон” ва урфу одати мардум ин гуна хариду фурӯшро ҷоиз донистаанд. Зеро мардум дар тӯли асрҳо бидуни шакку тардид ва инкор аз ин тарзи хариду фурӯш истифода бурдаанд. Пас худи ин иттифоқ бар дурустии ин гуна аҳд аст ва дар ин ҳолат қиёсро тарк кардаанд. Паёмбар (с) фармудаанд: “уммати ман бар гумроҳӣ ҷамъ намешаванд”. Ибни Масъуд гуфтааст: “онҷиро мусалмонон нек шумориданд, пас он назди Худованд нек аст”.

Бояд иброз намоем, ки мазҳабҳои дигар низ “истисноъ”-ро ҷоиз донистаанд.

Бонк барои маълум намудани андозаи хароҷот ва ҳаҷми тақрибии фоидаи худ метавонад аз рӯйхати нархномаҳое, ки муштарӣ аз дигар ҷой ба даст овардааст, истифода барад.

Дар баробари ин, бонк наметавонад дар шартномае, ки байни фармоишгар ва тарафи дигар баста шудааст, нақши маблағгузорро иҷро намояд, хусусан дар ҳолате, ки фармоишгар дар пардохти ҳаққи тарафи дигар оҷиз мондааст, баробар аст, ки ин ҳолат пеш аз оғози амали шартнома бошад ё баъд аз он.

### ШАРТҲОИ “ИСТИСНОЪ”

Барои дуруст таҳия шудани шартномаи “истисноъ” шартҳои зерин зарур мебошанд:

1. Баёни мол, навъ, сифати предмети истеҳсолшаванда, маълум будани маблағ ва миқдори маҳсулоте, ки сохта мешавад. Ин маълумотҳо низ барои пурра мушаххас ва муайян гардидани предмети шартнома бояд пешниҳод шаванд.
2. Аҳди истисноъ барои он моле баста шавад, ки байни мардум роиҷ аст, мисли зарфҳо, пойафзолҳо ва ғайра.
3. Шарти дигар ин аст, ки муҳлати таҳвили моли истеҳсолшуда набояд зикр гардад. Имом Абуҳанифа бар ин назар аст, ки агар муҳлат нишон дода шавад, ин аҳди “салам” мешавад ва дар ин сурат лозим меояд, шартҳои дигари салам, аз қабили пардохти фаврии маблағ дар вақти шартномабандӣ анҷом дода шавад. Аммо шогирдони Имом Абуҳанифа - Абумуҳаммад ва Абуюсуф, бар ин назаранд, ки дар ҳарду ҳолат, хоҳ муҳлат муайян гардад ё

муайян нагардад, шартномаи “истисноъ” ба ҳисоб меравад, зеро одати мардум бо таъйини муҳлати истисноъ ҷорӣ аст. Назари дуюми мазҳаби Абуҳанифа мувофиқи шароити амалии ҳаёт қобили татбиқ аст.

## СИФАТИ “ИСТИСНОЪ”

Шартномаи “истисноъ” мувофиқи таълимоти Имом Абуҳанифа ва шогирдаш Абумуҳаммад, қабл ва баъд аз сохта шудани предмети шартнома характери илзомӣ (ҳатмӣ ё маҷбурӣ) надорад, яъне ҳарду тараф, то аз ҷониби харидор дидани предмети истеҳсолшуда, фурсати даст кашидан аз шартнома ва ё давом додани онро доранд. Аммо, Абуюсуф шогирди дигари Абуҳанифа бар ин назар аст, ки агар предмети шартнома тибқи сифатҳо ва хусусиятҳои дар шартнома дарҷгардида сохта шуда бошад, муштарӣ бояд онро қабул намояд ва талаботи шартномаро то охир иҷро намояд. Барои пешгирии нофаҳмиҳо дар шароити имрӯза назари дуюм қобили қабул ва истифода аст. Хусусан, ҳангоми мавҷуд будани шартнома барои сохтани иншоотҳои бузург ва гаронарзиш, ба монанди ҳавопаймоҳо, киштиҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ. Дар ин ҳолатҳо аз рӯи мантиқ нахоҳад буд, ки иншоот баъд аз сохта шуданаш баргардонида шавад. Аммо, агар предмети шартнома тибқи мувосифот ва мушаххасоти дар шартнома дарҷгардида сохта нашуда бошад, муштарӣ, яъне “мустасниъ” ихтиёр дорад, ки онро рад намояд.

Қисмати ниҳоии аҳди “истисноъ” бар асоси шартномаи бастешуда амалӣ мегардад ва баъд аз сохта шудани предмети шартнома эҳтиёҷ ба бастани шартномаи дигар вуҷуд надорад. Ин бар хилофи аҳди “муробаҳа дар асоси амри харидор” аст, ки дар он баъд аз ба моликияти худ даровардани предмет бонк бо муштарӣ шартномаи дуюмро ба имзо мерасонад.

> Ҷонибҳо метавонанд муддатеро барои заманати бартарафсозии камбудию айбҳои моли истеҳсолшуда ва ё барои уҳдадории ҳифозати он зарур аст, муайян намоянд.

Ҷоиз нест, ки амалиёти “истисноъ” ва раванди иҷрои марҳилаҳои он ба сурате анҷом пазирад, ки онро ҳилае барои маблағгузории рибавӣ гардонад. Ба монанди ин ки муассиса аз истеҳсолкунанда маҳсулот ва ё таҷҳизотеро бо маблағи нақд харидорӣ карда, сипас онро бо маблағи насия ва қимматтар фурӯшад ё фармоишгари маҳсулот худи истеҳсолкунанда бошад.

## ПРЕДМЕТИ ШАРТНОМАИ “ИСТИСНОЪ” ВА ТАЪМИНОТИ ОН

*Ҳукмҳои марбут ба предмети шартномаи “истисноъ”*

Аҳди “истисноъ” танҳо барои чизҳое ҷоиз аст, ки онҳоро аз ҳолати табииашон хориҷ ва ё ба ҳолати табииашон дохил кардан мумкин аст, яъне чизҳое, ки дар саноату сохту сози инсон дохил намешаванд, мисли маҳсулоти зироатӣ, меваҷот ва сабзавот объекти аҳди “истисноъ” шуда наметавонанд, зеро мавзӯи аҳди “истисноъ” аз фурӯши материалҳое, ки саноату сохту соз дар он шарт гузошта шудааст, иборат аст.

Шартномаи “истисноъ” метавонад барои истеҳсоли чизҳо бо васфҳои хосе, ки истеҳсолкунанда мехоҳад, баста шавад, гарчанде амсоли онҳо дар бозор вуҷуд надошта бошад, ба шарте, ки он чизҳо бо сифатҳо ва мушаххасот шинохта ва муайян карда шаванд. Ҳамчунин предмети “истисноъ” метавонанд чизҳое бошанд, ки монанди онҳо дар бозор вуҷуд дорад ва ҳар яки он ба сабаби дорои сифатҳои якхела буданашон метавонанд ҷойгузини якдигар гарданд. Дар ин ҷо фарқ надорад, ки предмети сохташуда барои истеҳлок (яъне истеъмол бо аз байн рафтани асли предмет) равона шавад ва ё танҳо барои истифода бурдан.

*(Давом дорад...)*

**Давлатбек Ҳалимов,**
**Бозраси пешбари Идораи бозрасии якуми Департаменти назорати бонкии БМТ**

# «СКОРОСТЬ И МАСШТАБ ЦИФРОВОЙ ТРАНСФОРМАЦИИ БИЗНЕСА НЕДООЦЕНИВАЮТСЯ ВЛАДЕЛЬЦАМИ БАНКОВ»

**Риски цифровой трансформации для банков, когнитивные технологии как ответ на рост информационных потоков, социальные последствия дигитализации и другие актуальные «цифровые» темы — в большом интервью генерального директора IBM в России Андрея Филатова для портала** *Bankir.Ru.*

## РЕВОЛЮЦИЯ IT-ИНСТРУМЕНТОВ И КОНКУРЕНЦИЯ

**– Как можно охарактеризовать процессы, происходящие в IT? Это эволюция или революция?**

— Сегодня IT-инструменты, которые мы привыкли использовать, претерпевают революционные изменения. За несколько лет появились компании, которые целые отрасли преобразуют с такой скоростью, с какой раньше это было невозможно,— вспомним Uber, Alibaba, Airbnb и т. д. Сейчас уже сложно вспомнить, как же мы без них раньше жили.

У Uber капитализация больше, чем у «Газпрома». Если раньше у Uber не было своих производственных средств, то сейчас они стали закупать автомобили и вторгаться в смежные отрасли, такие как доставка корреспонденции, доставка посылок. То есть они начинают конкурировать не только с фирмами такси, но и с такими компаниями, как DHL.

**– Насколько эти революционные изменения затрагивают консервативный финансовый сектор?**

— Финансовый сектор, конечно, это тоже затрагивает. Посмотрите на плодящиеся с неимоверной скоростью компании, которые занимаются онлайн-микрокредитами, p2p-кредитованием через интернет и т. д. Правда, мы уже видели и первые скандалы в этой отрасли; впрочем, не исключено, что они были специально инспирированы, чтобы чуть-чуть снизить ажиотаж. Но факт остается фактом: появились компании, которые вошли на рынок финансовых услуг со своими инструментами и фактически стали отъедать клиентов у традиционных игроков. Телекоммуникационные компании тоже уже не скрывают, что они заинтересованы предоставлять финансовые услуги. Кто-то из них покупает банки, кто-то вступает с банками в альянсы.

Ритейлеры также вторгаются в эту сферу. Они начинают выдавать свои пластиковые карты. «Ашан» сегодня выпускает свою кредитную карту в партнерстве с банком. Но со временем «Ашан» сможет сам стать финансовым оператором, предоставляющим какие-то финансовые услуги.

## РИСК ПРЕВРАТИТЬСЯ В ТРУБУ

**– Говорят, что телекомы раньше банков пали жертвой глобальной цифровой трансформации...**

— У телекомов трансформируется бизнес-модель. Благодаря нашествию мессенджеров они острее и быстрее всех почувствовали, что клиент сегодня есть, а завтра его может и не быть. Сегодня ты прокачиваешь миллионы долларов за счет тарифов на мобильные звонки и СМС, а завтра эти деньги уходят в никуда, потому что твои конкуренты-мессенджеры предоставляют те же услуги бесплатно.

В современном бизнесе идет борьба за каждого конкретного человека, за каждую душу. Тот, кто имеет непосредственный выход на клиента, конкретного индивидуума, тот и заказывает музыку. Он получает деньги рекламодателей, может делать новые бизнес-предложения. Это точка доходности, а остальные превращаются в трубу.

**– С банками тоже труба будет?**

— Банки рискуют превратиться в трубу по выдаче кредитов, потому что они могут потерять клиентов на определенные финансовые услуги либо из-за крупных ритейлеров, либо из-за телеком-операторов, либо из-за кого-то еще. Самое главное в борьбе за клиента — знание деталей, владение информацией. Сейчас больше всего информации о клиенте — у сотовых операторов. У банков данные об их клиентах фрагментарны, поскольку у многих клиентов

открыты счета в разных банках, они пользуются разными финансовыми сервисами. Между собой банки практически не общаются и полную картину собрать не могут.

А сотовый оператор всегда знает, где клиент находится, куда он звонит в рабочее время, куда — в выходные, куда он ездит отдыхать, в каких магазинах и что он покупает, какими карточками расплачивается и т. д.

**— При этом сами банки, кажется, уверены в своей неуязвимости...**

— Какие у банка сегодня преимущества? В первую очередь это репутация, доверие. Банку мы традиционно доверяем свои деньги, а сотовому оператору как-то не очень. Мы стараемся на счетах операторов держать ровно столько денег, сколько необходимо, а еще лучше — говорить в кредит.

Это касается доверия к банкам как к институтам. Лояльность к конкретному банку размывается. Имея счета в разных банках, я могу быстро переместить свои финансы из одного банка в другой, если там предложат какие-то более выгодные условия. Или если банк будет более современный и предложит мне более удобные сервисы.

Но концептуально я больше готов доверить хранение денежных средств банку, чем сотовому оператору. Это у нас сидит в подкорке.

## КОГНИТИВНЫЕ ТЕХНОЛОГИИ КАК ОТВЕТ НА ЭКСПОНЕНЦИАЛЬНЫЙ РОСТ ИНФОРМАЦИИ

**— Когда мы говорим об обилии данных, мы неизбежно приходим к технологиям их анализа – Big Data...**

— Big Data — это уже не актуально. Big Data подразумевает, что мы создаем где-то очень большое хранилище и складываем в него очень много данных. На самом деле это бессмысленное занятие. Во-первых, во многих случаях это невозможно реализовать. Во-вторых, собирание данных — это временные и технологические затраты. Надо анализировать данные там, где они создаются, там, где они «живут». Не надо пытаться делать какие-то копии, куда-то переносить, создавать хранилища, складывать...

**— Хорошо хоть хранить данные становится все дешевле. И их хранят все в большем объеме.**

— Мы еще не столкнулись с настоящим наплывом данных. С развитием интернета вещей данные будут плодиться все больше и больше. Генерация данных будет увеличиваться экспоненциально. И это вызовет необходимость еще большего удешевления хранения данных, потому что хранить возрастающие объемы данных будет все равно дорого.

**— «Когнитивное» — значит, в чем-то уподобляющееся человеческому мозгу? Что-то, что работает, как наш мозг?**

— Традиционные компьютерные системы анализа анализируют, можно сказать, по-компьютерному: они используют двоичные вычисления. Есть базы данных, таблицы с данными, можно одно поле сравнить с другим и выдать разницу. Это традиционные способы обработки информации. А если информация неструктурирована, если она не может быть оцифрована в традиционную базу данных? Если это видеоинформация, например? А если это требует еще и распознавания объектов? Ни одна из традиционных автоматизированных систем безопасности не способна отлавливать угрозы, распознавать объекты. Даже если пройдет человек с пистолетом, система может на него никак не среагировать.

> Я больше готов доверить хранение денежных средств банку, чем сотовому оператору. Это у нас сидит в подкорке

**— Что нового делают Watson и другие системы когнитивных вычислений, чтобы помочь разобраться в этих огромных объемах данных?**

— С одной стороны, это использование суперкомпьютерных технологий, которые позволяют при необходимости обрабатывать огромные массивы данных. С другой — их не всегда приходится обрабатывать. Анатолий Вассерман на презентации Watson привел пример отличия между тем, как работает мозг человека и как работает компьютер. Представим, что в игре «Что? Где? Когда?» задали вопрос: сколько раз в произведении сэра Артура Конан Дойла о Шерлоке Холмсе встречается фраза «Элементарно, Ватсон».

Знатоки, которые сидят за столом, понимают, что они не могут проанализировать все произведения Артура Конан Дойла. Значит, в вопросе есть подвох. И они, скорее всего, быстро догадаются, что правильный ответ: ни разу. Что сделает компьютер? Компьютер

проанализирует все тексты, пролистает все страницы, будет искать совпадение этих слов, не найдет и скажет: «Ни разу».

Технология Watson принимает решение так же, как это сделал бы человек: не искать ответ, который заложен в семантике вопроса, а разобрать семантику вопроса и понять, что это неправильный вопрос, он содержит подвох. И Watson ответит на него исходя из этого.

### УМНЫЕ ВЫЧИСЛЕНИЯ ДЛЯ БАНКОВ

**— И как это поможет банкам не превратиться в трубу?**

— Сейчас доступно огромное количество информации о клиентах. Она позволяет выявлять зависимости, паттерны. Watson может создать точный портрет клиента, потому что он может обрабатывать информацию очень быстро, выявлять зависимости и сравнивать с потребительским поведением других клиентов, выявлять группы. Появляется возможность объединять людей в более компактные группы для того, чтобы делать для них более интересные целевые предложения.

Возьмем пример из wealth management. Клиент private banking хочет, чтобы банк помог ему заработать больше денег. При этом клиент банка попадает в зависимость от конкретного специалиста — от его личного субъективного понимания, куда стоит вкладывать деньги, а куда не стоит. Понятно, что специалисты пользуется какими-то инструментами, какой-то аналитикой. В банках есть целые команды аналитиков, делающих прогнозы, исходя из которых размещаются финансовые средства. Но если попросить Watson проанализировать эту же информацию и дать какие-то рекомендации, то, скорее всего, аналитик даст более взвешенную и правильную рекомендацию. И шансы на то, что клиент заработает больше денег, будут выше.

Второй по величине банк Японии Mizuho Bank поставил во все свои отделения подключенных к Watson роботов, которые общаются с посетителями. Эти роботы могут давать консультации по банковским продуктам. Интересно, что у роботов есть возможность распознавать эмоции. Когда человек шутит или сердится, робот может распознать эмоциональность и скорректировать реакцию.

Следующий шаг — call-центры. Сейчас уже есть коммерчески используемые call-центры, построенные на Watson. Наша технология существенно повышает качество работы call-центра. Известно, что в таких местах высокая текучка кадров. Операторы часто допускают ошибки. В среднем, по статистике, 50% обращений в call-центр оказываются неуспешными. Клиенты остаются неудовлетворенными. Они не получают того, что за чем обращались в call-центр. 10% обращений гарантированно приводят к эскалации конфликта. А Watson помогает поднять процент удовлетворенных клиентов до 90–95%.

### СОЦИАЛЬНЫЕ ВЫЗОВЫ ТРАНСФОРМАЦИИ

**— Если бы я был оператором call-центра, я всерьез бы задумался о переквалификации. Все эти технологии сделают большое число людей ненужными...**

— Я думаю, самые сложные вызовы технологической революции, которые стоят в будущем перед человечеством, это вызовы социального характера. Робототехника преобразует конвейерное производство. Умные автомобили могут убить профессию таксиста. И так далее... В США 3,5 млн водителей-дальнобойщиков. Если они останутся без работы, куда они пойдут, что они будут делать? Как их занимать?

И с банками то же самое. Традиционные отделения уходят в прошлое. Банки закрывают их сотнями.

**— Да, действительно, на Западе происходит стремительное сокращение сетей отделений, но у нас вроде бы пока нет.**

— У нас тоже. Может быть, у нас этот процесс чуть-чуть задерживается. Но все крупные банки в России говорят, что будут сокращать отделения, будут оставлять их только для private banking, для вип-клиентов, а всех массовых клиентов переводить в дистанционные каналы.

Это действительно может привести к социальной катастрофе. Когда так много людей остаются без работы, государство должно что-то с этим делать. И возможно, это тоже станет сдерживающим фактором для проникновения технологий.

### ИНТЕГРИРОВАТЬСЯ, А НЕ ВЫБРАСЫВАТЬ. БАНКОВСКИЕ LEGACY SYSTEMS

**— Поговорим о более «скучном» — о банковских информационных системах. Банкинг — одна из первых отраслей, где стали широко использоваться информационные технологии. И сейчас банки попали в ловушку: их ключевые информационные системы устарели, а бизнес предъявляет к ним все более высокие требования. Что делать? Все менять? А ведь доходы банков падают, маржинальность бизнеса снижается. Где взять деньги на такие перемены?**

— Не уверен, что менять надо все. Хотя наверняка какие-то legacy

systems (устаревшие системы.— Bankir.Ru) действительно менять надо. Если говорить про core banking (АБС), то надо смотреть, во что банку обходится поддержка этих систем, сколько стоит внесение изменений, насколько это соответствует стратегии банка. Здесь всегда много аргументов «за» и «против»: менять или не менять.

Современные технологии разработки позволяют многое надстраивать или выстраивать рядом с legacy systems. Есть хорошие интеграционные продукты, которые позволяют не выбрасывать АБС, а интегрироваться с ними. Есть новые облачные платформы, которые позволяют быстро вести разработку новых сервисов. Они позволяют буквально за считаные дни, а то и часы разрабатывать полноценные приложения, быстро их обкатывать, тестировать и выпускать «в бой».

**— Имеются в виду облачные решения, разработанные IBM?**

— Есть открытые системы, есть такие, которые предлагают корпорации, IBM в том числе. Мы, кстати, предлагаем решения, которые основываются на открытых платформах. Мы используем платформу Open Stack для подобного плана решений, а не создаем proprietary-решения. Но облака — это действительно тренд, позволяющий заказчикам создавать современные сервисы, которые нужны клиенту. Например, мобильный банкинг.

Зачем убивать или менять АБС? На какую систему ее будем менять? Посмотрите на эволюцию core banking систем, как российских, так и международных. Там нет каких-то особо прорывных технологий.

> Технология Watson принимает решение так же, как это сделал бы человек.

## СТАНДАРТИЗАЦИЯ API

**— Мне кажется, раньше считалось, что открытое программное обеспечение неприемлемо для каких-то больших промышленных решений. А сейчас вы приходите к его использованию?**

— На самом деле мы давно уже к этому пришли. Это можно назвать другим словом: «стандартизация» — когда появляются стандартные интерфейсы, стандартные API, стандартные протоколы.

**— Где же это они появляются? У нас пока не видно...**

— На самом деле они появляются. Появляются открытые интерфейсы, открытые протоколы, но для того, чтобы здесь появились стандарты, должно пройти время. Даже стандарты электрических вилок и розеток в мире до сих пор разные. Какая огромная экономия была бы для всего человечества, если это унифицировать, но все равно — пока розетки разные.

В IT таких разных «вилок с розетками» очень много, но API появляются, они открыты. Если кто-то публикует спецификацию на свои интерфейсы, значит, кто-то другой может к этому интерфейсу пристыковаться. Дальше весь вопрос в том, какая технология станет более массовой, более востребованной. Она и займет в итоге большую часть рынка, станет стандартным решением.

**— Сейчас этот путь, похоже, проходит блокчейн.**

— Совершенно верно. Есть как минимум семь разновидностей блокчейна, которые на слуху. Все должно стандартизоваться, иначе не полетит, иначе будет слишком много несовместимых друг с другом технологий, которые в рамках глобализации и глобальной интеграции будут выступать тормозом.

**— Что делать обычному среднему банку с его унаследованной системой, зоопарком приложений и платформ? Ему надо думать о том, чтобы как-то все это стандартизовать?**

— Честно говоря, я думаю, что большое количество таких банков не переживет следующего этапа развития технологий.

**— То есть им не надо об этом думать?**

— Думать им надо. Но сегодня мы слышим много разговоров и видим мало банков, которые реально что-то делают. Скорость и масштаб бизнес-трансформации недооцениваются топ-менеджерами и владельцами банков. Они считают, что у них есть еще лет десять впереди, и они спокойно посмотрят, что сделают другие, и что-то поменяют. С такой позицией они не переживут этот цикл перемен.

# ДАСТУРАМАЛИ №223 "ОИД БА ТАРТИБИ ОГОҲ НАМУДАН ДАР БОРАИ АНҶОМИ АМАЛИЁТИ АСЪОРИИ МАРБУТ БА ҲАРАКАТИ САРМОЯ": ЗАРУРАТИ ТАҲИЯ ВА ҚАБУЛИ ОН

Муносибатҳои асъорӣ байни субъектҳои хоҷагидорӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" ба роҳ монда мешаванд. Бо мурури замон ва баробари рушду нумӯи соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар ва тағйир ёфтани талаботи ҷомеъа зарурати даровардани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии-ҳуқуқӣ ба миён меояд.

Аз ин рӯ, бо мақсади таъмин намудани қобилияти харидории пули миллӣ, ҷалби бештари сармояи хориҷӣ, содда кардани тартиби анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор"(№964 аз 13 июни соли 2017) қабул гашт.

Барои дар сатҳи зарурӣ дар амал татбиқ намудани ин қонун зарурати мутобиқгардонии муқаррароти дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии батанзимдарорандаи амалиёти асъорӣ ва муносибатҳои асъорӣ пайдо шуд.

Маҳз бо ҳамин мақсад Дастурамали №191 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ вобаста ба ҳаракати сармоя аз тарафи резидент" (Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №139 аз 30 июни соли 2011) ва Дастурамали №188 "Дар бораи кушодани суратҳисобҳои резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асъори хориҷӣ дар бонкҳои берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №92 аз 20 майи соли 2011) аз нав таҷдиди назар гашта, муқаррароти онҳо мувофиқ ба талаботи қонуни нав дар доираи як санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ Дастурамали №223 "Оид ба тартиби огоҳ намудан дар бораи анҷоми амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармоя" (минбаъд Дастурамали 223) ба тасвиб расонида шуданд.

Бинобар ин, бояд махсус қайд намоем, ки пас аз интишори расмӣ ва мавриди амал қарор гирифтани Дастурамали мазкур санадҳои пешина - Дастурамали №191 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ вобаста ба ҳаракати сармоя аз тарафи резидент" ва Дастурамали №188 "Дар бораи кушодани суратҳисобҳои резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асъори хориҷӣ дар бонкҳои берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз эътибор соқит карда шуданд.

Дастурамали №223 бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо №64 аз 2 июни соли 2017 тасдиқ гардида, 17 июли соли 2017 бо №634 "а" дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Дастурамали №223 мутобиқи қисми 5 моддаи 11, моддаи 15 ва қисми 1 моддаи 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" таҳия шуда, тартиб ва расмиёти аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ - резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бонкҳои ваколатдор огоҳ намудани Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи анҷоми амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармояро муқаррар менамояд.

Мутобиқи талаботи Дастурамали №223 резидентҳое, ки амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармояро анҷом медиҳанд, бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон тибқи талаботҳои муқарраркардаи Дастурамали №205 "Дар бораи пур намудани шакли ҳисоботи омории №1-АМ "Амалиётҳои молиявии берунаи субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ"" ҳисобот пешниҳод намоянд.

Ҷанбаи дигар ва муҳими дар Дастурамали №223 қайдшуда он аст, ки масъулияти бонкҳои

ваколатдорро ҳангоми анҷом додани амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармоя баландтар бардоштааст. Аз он ҷумла, дар банди 12 Дастурамали №223 қайд карда шудааст, ки: "Бонкҳои ваколатдори хизматрасон уҳдадоранд талаботи Дастурамали мазкурро ба маълумоти мизоҷонашон расонанд ва иҷрои онро дар раванди хизматрасонии бонкӣ таъмин намоянд". Яъне ташкилоти қарзии хизматрасон ҳамчун агенти назорати асъор уҳдадор аст, ба муштарияш фаҳмонад, ки баъди оғози амалиёти асъорӣ марбут ба ҳаракати сармоя вай бояд, ҳатман Бонки миллии Тоҷикистонро огоҳ намояд.

Ва ниҳоят хотиррасон менамоем, ки резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бонкҳои ваколатдори хизматрасон дар сурати риоя накардани муқаррароти Дастурамали №223, тибқи талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Идораи танзим ва назорати асъори Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъори БМТ**

Дар Вазорати адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
№634 "а", 17 июли соли 2017
"ба қайд гирифта шудааст"

Бо Қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз "2" июни с.2017, №64
"тасдиқ шудааст"

# ДАСТУРАМАЛИ №223
# "ОИД БА ТАРТИБИ ОГОҲ НАМУДАН ДАР БОРАИ АНҶОМИ АМАЛИЁТИ АСЪОРИИ МАРБУТ БА ҲАРАКАТИ САРМОЯ"

Дастурамали №223 "Оид ба тартиби огоҳ намудан дар бораи анҷоми амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармоя" мутобиқи қисми 5 моддаи 11, моддаи 15 ва қисми 1 моддаи 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" таҳия шуда, тартиб ва расмиёти аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ - резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бонкҳои ваколатдор огоҳ намудани Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи анҷоми амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармояро муқаррар менамояд.

**1. Муқаррароти умумӣ**

1. Резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадоранд оид ба амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармоя (минбаъд - амалиёти ҳаракати сармоя) тамоми ҳуҷҷатҳои асосноккунанда, ҳисобот, маълумот ва иттилооти заруриро то оғози пардохт ва ҳисоббаробаркуниҳои ба амалиёти мазкур вобастаро ба бонки ваколатдори хизматрасон пешниҳод намоянд.

2. Ба амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармоя амалиёти зерин мансубанд:

а) сармоягузориҳои мустақими резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷӣ – сармоягузориҳои фаромарзӣ (резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаи резиденти мамлакати дигарро назорат мекунад ё дар идоракунии он таъсиру нуфузи зиёд дорад). Муносибатҳои бевоситаи сармоягузориҳои мустақими резидентҳо ба кишварҳои хориҷӣ он вақт ба вуҷуд меоянд, ки дар натиҷа резидент 10% ё бештари сармояи оинномавии шахси ҳуқуқии сармоягузоришавандаро соҳиб мешавад (аз ҷумла, ҳангоми таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ, шахси ҳуқуқии

муштарак, харидани (ба даст овардан) шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ҳадди ақал 10 фоизи ҳиссаи он ё зиёд кардани ҳиссаи резидент дар он);

б) сармоягузориҳои маҷмӯии резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷӣ – сармоягузории пулӣ ва воситаҳои моддӣ ба коғазҳои қиматнок, аз ҷумла қарзӣ, саҳмияҳои ширкатҳои хориҷӣ, ки камтар аз 10% иштироки сармоягузорро дар сармояи шахси ҳуқуқӣ таъмин мекунанд (аз ҷумла харидани (ба даст овардан) коғазҳои қиматнок, иштирок дар ташаккули сармояи оинномавӣ, сармоягузорӣ ба қоғазҳои қимматноки ташкилотҳои байналхалқӣ ва давлатҳои хориҷӣ, саҳмияҳои хазинаҳои маблағгузорӣ);

в) аз тарафи резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додани амалиёт бо коғазҳои қиматноки ҳосилавии кишварҳои хориҷӣ – қоғазҳои қиматноке, ки механизми бароириш ва муомилоти онҳо бо ҳуқуқи аз нав бадаст овардан ва ё фурухтани коғазҳои қиматнок, сарватҳои молиявӣ ва моддӣ дар муҳлати тибқи шартнома муқарраркардашуда ба роҳ монда мешавад (созишномаҳои форвардӣ, фючерсӣ, опсионҳо, сертификатҳои пасандозӣ ва ғ.);

г) аз ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтан ва ё ба онҳо додани қарз бо асъори хориҷӣ, аз ҷумла тамдиди муҳлати пардохти арзиши мол, кор ва хизматрасониҳои содиркардашуда ва муҳлати баргардонидани пешпардохти арзиши мол, кор ва хизматрасониҳои воридотӣ ё муҳлати ворид кардани онҳо, ба муҳлати бештар аз 1 (як) сол;

д) аз ҷониби резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба истисснои бонкҳои ваколатдор) дар бонкҳои хориҷӣ кушодани суратҳисобҳои бонкӣ (суратҳисобҳои пасандозӣ, амонатӣ, ҳисоббаробаркунӣ);

е) дигар амалиёте, ки мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ ҳамчун амалиёти марбут ба ҳаракати сармоя эътироф карда мешаванд, аз он ҷумла аз тарафи резидентҳо харидан ва ё ба даст овардани амволи ғайриманқул дар хориҷа, додани қарзҳои тиҷоратӣ ба ғайрирезидентҳо ва ғайраҳо.

3. Резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд бо тартиби муқарраркардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" ва Дастурамали мазкур бемаҳдудият амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармояро анҷом диҳанд, аз он ҷумла дар бонкҳои ғайрирезидент бе маҳдудияти шумора ва таъинот, бо риояи талаботи низоми муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, суратҳисобҳои бонкӣ бо асъори хориҷӣ кушоянд.

**2. Тартиби огоҳ намудан дар бораи анҷоми амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармоя**

4. Аз ҷониби резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармояи дар банди 2 Дастурамали мазкур пешбинишуда, бо шарти огоҳ намудани Бонки миллии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд.

Дар Огоҳинома маълумоти зерин муфассал оварда мешавад:

а) мушаххасоти резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) хусусиятҳои амалиёти ҳаракати сармоя, аз ҷумла намуд, моҳият, маблағ, асъор, фоизҳо, санаи оғоз ва анҷоми амалиёт, тартиби пардохт ва ҳисоббаробаркуниҳои ба ин амалиёт вобаста;

в) ном ва мушаххасоти тарафи дигари амалиёт;

г) мушаххасоти суратҳисоби бонкӣ ва бонки ваколатдори хизматрасони ин амалиёт;

д) маблағҳои асъории вобаста ба ин амалиёт пардохтшуда ё гирифташуда;

е) мушаххасоти суратҳисоби бонкии дар бонки хориҷӣ бо асъори хориҷӣ кушодашуда, аз ҷумла навъ, асъор, таъинот, санаи кушодашавии он, шарту шароити пардохт ва ҳисоббаробаркуниҳо тавассути ин суратҳисоби бонкӣ, ном ва дигар мушаххасоти шинохти бонки хориҷӣ;

ё) нусхаи ҳуҷҷат ва санадҳои асосноккунанда вобаста ба намуди амалиёти асъории марбут

ба ҳаракати сармоя, аз ҷумла асоснокии техникию иқтисодии лоиҳаҳои муштарак, таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар хориҷа ё иштирок дар он, ҷалби қарзҳо, нусхаи шартномаҳои қарзӣ.

5. Резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи талаботи қонунгузорӣ ва амалияи фаъолияти хоҷагидорӣ амалиёти ҳаракати сармояро оғоз карда, дар муҳлати на дертар аз 5 рӯзи корӣ аз санаи оғози он ва дар ҳолати кушодани суратҳисоби бонкӣ дар бонки хориҷӣ дар муҳлати на дертар аз 10 рӯзи корӣ аз санаи кушодани он Бонки миллии Тоҷикистонро дар шакли замимаҳои 1 ва 2 огоҳ менамоянд.

6. Резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати кушодани суратҳисоби бонкӣ дар бонки хориҷӣ дар муҳлати на дертар аз 10 рӯзи корӣ аз санаи кушодани он мақомоти андози маҳаллӣ бақайдгириашонро низ, огоҳ менамоянд.

7. Резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд Бонки миллии Тоҷикистонро оид ба суратҳисоби бонкии дар бонки хориҷа кушодаашон, тавассути "Равзанаи огоҳинамоӣ" дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон (www.nbt.tj) ҷойгиршуда низ, огоҳ намоянд.

8. Огоҳиномаи ба Бонки миллии Тоҷикистон фиристодаи резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои аз ҷониби бонки ваколатдори хизматрасон анҷом додани хизматрасониҳои бонкии ба амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармояи мазкур вобаста, асос мебошад.

9. Бонки миллии Тоҷикистон дар муҳлати на дертар аз 5 рӯзи корӣ аз санаи гирифтани огоҳинома ба резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати тасдиққунанда дар шакли "хабарнома" медиҳад.

**3. Муқаррароти хотимавӣ**

10. Бонкҳои ваколатдори хизматрасон дар ҳолати аз ҷониби резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод нашудани огоҳиномаи ба шартҳои дар банди 4 боби 2 Дастурамали мазкур пешбинишуда мувофиқ (ҳуҷҷат, маълумот ва ё иттилоот) анҷом додани пардохт ва ҳисоббаробаркуниҳои ба ин амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармоя дахлдоштаро рад менамоянд.

11. Резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ҷумла бонкҳои ваколатдор) оид ба анҷом додани амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармоя ҳар семоҳа (то санаи 20-уми моҳи якуми баъди семоҳаи ҳисоботӣ оянда) тибқи талаботи Дастурамали №205 "Дар бораи пур намудани шакли ҳисоботи омории №1-АМ "Амалиётҳои молиявии берунаи субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ""(бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №69 аз 22.04.с.2014 тасдиқ шудааст) ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод менамоянд.

12. Бонкҳои ваколатдори хизматрасон уҳдадоранд талаботи Дастурамали мазкурро ба маълумоти мизоҷонашон расонанд ва иҷрои онро дар раванди хизматрасонии бонкӣ таъмин намоянд.

13. Резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бонкҳои ваколатдори хизматрасон, ҳангоми риоя накардани муқаррароти Дастурамали мазкур тибқи талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Замимаи 1.**
*Ба Дастурамали №223*
*"Оид ба тартиби огоҳ намудан дар бораи*
*анҷоми амалиёти асъории марбут ба*
*ҳаракати сармоя"*

**Ба Раиси Бонки миллии Тоҷикистон**
**муҳтарам ______________________________**
**аз номи резидент ________________________**
*(ному насаби шахси воқеӣ, номи шахси ҳуқуқӣ)*

**ТЕЛ:**____________________

**ОГОҲИНОМА**

______________________________________________________________________________________________
*(ному насаби резидент, номи шахси ҳуқуқӣ)*

Бонки миллии Тоҷикистонро огоҳ менамоям, ки дар санаи ____________________________________________
*(руз, моҳ ва сол)*

дар бонки ғайрирезиденти ____________________________________________________________________
*(номи бонки хориҷӣ)*

давлати__________________________________________________________________________суратҳисоби
*(давлате, ки бонки ғайрирезидент дар он ҷо фаъолият мекунад)*

№_______________________________бо асъори хориҷии____________________________________________
*(рақами суратҳисоб)* *(номи асъор)*

бо мақсади__________________________________________________________кушодаам.
*(нишон додани мақсади кушодани суратҳисоб)*

*Замима: нусхаи шиноснsocmaи шахсӣ (барои шахси воқеӣ), нусхаи иқтибос аз феҳрасти бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ (барои шахсони ҳуқуқӣ), нусхаи маълумотнома оид ба кушодани суратҳисоб дар бонки хориҷӣ.*

Огоҳкунанда __________________________ _______________________________________________
имзо *(ному насаби шахси воқеӣ, ному вазифаи роҳбари шахси ҳуқуқӣ)*

_______________________________
Санаи навиштани огоҳинома

**Замимаи 2.**
*Ба Дастурамали №223*
*"Оид ба тартиби огоҳ намудан дар бораи*
*анҷоми амалиёти асъории марбут*
*ба ҳаракати сармоя"*

**Ба Раиси Бонки миллии Тоҷикистон**
**муҳтарам ______________________________**
**аз номи резидент ______________________**
*(ному насаби шахси воқеӣ, номи шахси ҳуқуқӣ)*

**ТЕЛ:____________________**

**ОГОҲИНОМА**

______________________________________________________________________
*(ному насаби шахси воқеӣ, номи шахси ҳуқуқӣ)*

Бонки миллии Тоҷикистонро оид ба анҷом додани амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармояи зерин (амалиёти дар банди 2 дастурамали мазкур овардашуда) ба маблағи ___________________________________

______________________________________________________________________
*(маблағи амалиёт бо рақам ва ҳарф)*

аз/ ба ғайрирезидент__________________________________________________
*(номи ғайрирезидент)*

давлати______________________________________________________________
*(давлате, ки ғайрирезидент дар он ҷо фаъолият мекунад)*

ба муҳлати ____________________________ бо мақсади ______________________________

____________________________ огоҳ менамоям.

**Замима:** *маълумотномаи мухтасар оид ба амалиёти анҷомдодашаванда, нусхаи шартнома (созишнома), нусхаи гувоҳинома дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда, нусхаи маълумотнома оид ба кушодани суратҳисоб дар бонки хориҷӣ.*

Огоҳкунанда __________________________ ______________________________________________
имзо *(ному насаби шахси воқеӣ, ному вазифаи роҳбари шахси ҳуқуқӣ)*

______________________________
Санаи навиштани огоҳинома

# МУАММОҲО ДАР ГАРДИШИ ҲАҶМИ ПУЛИ МИЛЛӢ

Масъалаҳои тағйирёбии сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пули нақд, аз ҷумла ҷанбаҳои дигари марбут ба гардиши пули нақд ва аз соли 2016 инҷониб бо суръати баланд афзудани ин нишондиҳанда таваҷҷуҳи масъулин ва коршиносони соҳаро ба худ ҷалб кардааст. Ин амал беҳуда нест, зеро тағйирёбӣ дар сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пул (монетизатсия) ва дар гардиши пули нақд метавонад зимни ташаккули нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҷумҳурӣ таъсири манфӣ расонанд. Дар робита ба ин, қайд кардан бамаврид аст, ки чораҳои мушаххаси аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон андешидашаванда имкон доранд дар самти коҳишдиҳии фишорҳои қурбӣ, зиёд намудани захираҳои байналмилалӣ ва солимгардонии бонкҳои ватанӣ ҳамчун омилҳои асосӣ мусоидат намоянд.

Сараввал бояд иброз намуд, ки ҳаҷми пулҳои захиравӣ дар интиҳои моҳи майи соли равон ба маблағи 11 760,0 млн. сомонӣ баробар шуда, ҳиссаи пулҳои нақди он дар муомилот 77,7 фоизро ташкил дод, ки ин дар қиёс ба меъёрҳои ҷаҳонӣ ниҳоят баланд аст. Дар ҷараёни

Диаграммаи 1. **Гардиши пули нақд тавассути низоми бонкӣ**




Диаграммаи 2. **М0/ММД дар кишварҳо (бо %)**




таҳлили гардиши пули нақд аз рӯи санади меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон – Шакли ҳисоботи №23 “Гардиши пули нақд” маълум гардид, ки дар моҳҳои январ – майи соли 2017 коэффитсиенти воридоти пули нақд ба ташкилотҳои қарзӣ, бо назардошти бақияи пули нақд дар хазинаи онҳо раванди афзоиш дошта, ба ҳисоби миёна 81,6 фоизи ҳаҷми пули нақд дар муомилотро ташкил намуд *(Диаграммаи 1)*.

Ҳолати мазкур, яъне нисбатан кам будани нишондоди мазкур, аз мушкилиҳои молиявии низоми бонкӣ, сатҳи пасти миёнаравии молиявӣ ва гаронии низоми номукаммали андозбандӣ барои рушди бахши хусусӣ шаҳодат медиҳад. Зеро, дар сурати ба таври муътадил фаъолият намудани низоми бонкӣ ва баланд будани эътимоди аҳолӣ ба он, коэффитсиенти мазкур бояд зиёда аз 150 - 200 фоизро ташкил намояд. Зиёд будани ҳаҷми пули нақд дар муомилот ва берун аз низоми бонкӣ гардиш ёфтани ҳиссаи асосии он, пеш аз ҳама, барои татбиқи босамари сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Бонки миллии Тоҷикистон мушкилиҳо эҷод намуда, метавонад суръати рушди иқтисодиёти кишварро ба маротиб коҳиш диҳад.

Нишондиҳандаи сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пули нақд (М0/ММД)[1] дар кишварҳои алоҳида вобаста ба рушди иқтисодии онҳо гуногун мебошад. Барои мисол, тибқи маълумотҳои оморӣ нишондиҳандаи мазкур дар аввали соли 2015 дар Русия 10 фоизро ташкил дода буд, ки дар муқоиса бо кишварҳои минтақаи Евро (9,4 фоиз) ва Хитой (9,3 фоиз) фарқияти зиёд надорад. Дар баъзе аз давлатҳо, аз қабили Белорусия, Қазоқистон, Британияи Кабир ва Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ, ин нишондиҳанда дар сатҳи на зиёда аз 4 фоиз ба қайд гирифта шудааст. Дар ИМА сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо

[1] Пули нақди берун аз бонкҳо (М0) нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД)

Диаграммаи 3. **Сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пули нақд**




Диаграммаи 4. **М0/М3 дар соли 2014 (бо %)**




пули нақд ба 7 фоиз расида, нишондиҳандаи аз ҳама баландтарини он дар Ҷопон буд, ки 17,8 фоизро ташкил медод *(Диаграммаи 2)*.

Дар муддати 15 сол (солҳои 2000-2015) дар Русия ҳаҷми пулҳои нақд раванди афзоишро ба худ касб намуд ва танҳо дар давоми 5 соли охири давра (2010-2015) ин нишондиҳанда 1,9 маротиба зиёд шуд. Афзоиши ҳаҷми пулҳои нақд на танҳо дар Русия, балки дар кишварҳои Олмон, Фаронса, Италия, Канада, Бразилия ва ИМА низ ба андозаи чашмрас ба назар мерасад. Тавре тадқиқотҳои Бонки марказии Аврупо нишон доданд, сабаби асосии ин тамоюл, харочоти ҷамъияти аз ҳама паст доштани пардохтҳои нақдӣ (барои як амалиёт) ва суръати баланди анҷомёбии он ба шумор меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тайи солҳои охир фоизи миёнаи нишондиҳандаи мазкур 8,5-9 фоизро ташкил дода, соли 2016 вобаста ба таъсири омилҳои дохилию берунӣ ва номуътадилиҳои низоми молиявӣ-бонкӣ бо андешидани чораҳои мушаххасиислоҳотӣ, ҳаҷми пулҳои нақд дар муомилот якбора суръати баланди афзоишро соҳиб гардид. Дар моҳи апрели соли ҷорӣ бошад, ин нишондиҳанда 14 фоизро ташкил намуд *(Диаграммаи 3)*.

Бинобар дар сатҳи пасти рушд қарор доштани бахши воқеӣ ва ба таври кофӣ аз худ нагардидани ҳаҷми пул (М3) дар иқтисодиёт, хавфҳои қурбӣ ва таваррумӣ зиёд гардида, метавонанд боварӣ ва эътимоди аҳолиро ба пули миллӣ, низоми бонкӣ ва иқтисодиёти миллӣ пайваста коста гардонанд.

Ҳиссаи пулҳои нақд дар ҳаҷми пули миллӣ ҳамчун нишондиҳандаи эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Аз меъёр зиёд будани ин нишондиҳанда дар сатҳи паст қарор доштани боварии мардум нисбат ба фаъолияти ташкилотҳои қарзиро нишон медиҳад. Тавре дар боло қайд гардид, айни ҳол (дар интиҳои моҳи майи соли равон) нишондиҳандаи мазкур барои Тоҷикистон қариб 80 фоизро ташкил медиҳад *(Диаграммаи 4)*.

Дар дигар кишварҳои ҷаҳон бошад, ҳиссаи пулҳои нақд дар ҳаҷми пул ба маротиб кам буда, аз рушд ёфтани бахши бонкӣ дар иқтисодиёти онҳо бо пешниҳоди васеи хизматрасониҳои нави бонкӣ, пурра ҷорӣ гардидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва мавҷуд будани сатҳи баланди эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ шаҳодат медиҳад.

Дар Федератсияи Русия тайи даҳ соли охир, бо пайваста андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва маҳдуд сохтани истифодаи пули нақд дар муомилот, нишондиҳандаи М0/М2 раванди коҳишёбӣ дошта, дар ҷамъбасти соли 2015 –ум 22,3 фоизро ташкил медод. Аз ҷумлаи тадбирҳои андешидаи ин кишвар инҳоанд[2]:

-пайваста такмил ва таҳким намудани заминаи ҳуқуқӣ ва методологие, ки истифодаи шаклҳои электронии воситаҳои пардохтро ба танзим медарорад;

-барои шахсони воқеӣ ҳаҷман маҳдуд намудани пардохтҳои нақдӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ (дар Русия 600 ҳаз. рубл, дар Фаронса 3000 евро, дар Итолиё 1000 евро, Булғория 15 ҳаз. лев);

-ҳатмӣ гардонидани интиқоли музди меҳнат, нафақа ва дигар кӯмакпулиҳо танҳо ба кортҳои бонкӣ;

-бо мақсади поймол накардани ҳуқуқи шаҳрвандон дар дастрасии молу хизматрасониҳо, ба ақидаи

[2] Деньги и кредит – 2/2013, "Наличное денежное обращение: современный этап и перспективы развития", Г.И.Лунтовский, Первый заместитель Председателя Банка России.

Диаграммаи 5. **М0/М3 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон М0/М2 дар Федератсия Русия**







Бонки маркази Русия дар давраи минбаъда якбора андешидани чораҳои маъмурӣ мувофиқи мақсад набуда, балки андешидани тадбирҳо барои ҳавасмандгардонии иқтисодии аҳолӣ, соҳибкорон ва дигар иштирокчиёни бозор ба мақсад мувофиқ мебошад.

Таҷрибаи Украина нишон медиҳад, ки тадбирҳои соли 2011 дар самти таъмини рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо ҳатмӣ гардонидани насби терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ ба андозаи на кам аз 50 фоизи шумораи мошинаҳои назорати хазинавӣ андешидашуда, босамар анҷом дода шуданд. Дар натиҷа, дар ҷамъбасти сол шумораи терминалҳои электронӣ 17,6 фоиз афзуда, ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ҳаҷми умумии пардохтҳои савдои чакана аз 6,5 то 8,1 фоиз ва дар шумораи умумии пардохтҳои савдои чакана бошад, аз 17,5 то 24,5 фоиз зиёд гардиданд *(Диаграммаи 5)*.

Мутаассифона, чунин тамоюл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида намешавад ва ҳолати мазкур моро водор месозад, ки ҳарчи зудтар дар якҷоягӣ бо мақомоти дахлдор қарорҳои мушаххас қабул намоем.

Таҳлилҳои начандон амиқи иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки новобаста аз зиёд шудани ҳиссаи ҳаҷми пули нақд дар муомилот назар ба солҳои гузашта, низоми бонкии Ҷумҳуриро зарур аст, ки ҷиҳати коҳиш додани он ва зиёд намудани ҳаҷми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар иқтисодиёт тадбирҳои зарурӣ андешад ва дар самти баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, ҷалби маблағҳои озоди аҳолӣ ба бонкҳои ватанӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои наву муосири бонкӣ, нақшаю иқдомҳои ҷадидро рӯйи даст бигирад.

Ҳамзамон, имрӯз дар ҷаҳони муосир бо роҳҳои илмӣ-амалӣ ҷустуҷӯ намудани роҳҳои ҳалли ин мушкилӣ яке аз масъалаҳои актуалӣ ба ҳисоб меравад ва ҳар як кишвар вобаста ба вазъи иқтисодӣ-молиявӣ ва сатҳи некуаҳволии мардуми худ метавонад ва вазифадор аст, ҷиҳати кам намудани истифодаи пули нақд дар хариду фурӯши молу амвол ва амалиётҳои хизматрасонӣ тавассути зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ҳаҷми умумии муомилоти пулӣ чораҳои дахлдори самаранок андешад.

**Изатулло Маҳмудов,**
**Сардори Идораи суботи молиявии БМТ.**



# MasterCard бо TJS кор мекунад!

Бонки миллии Тоҷикистон ва ширкати низоми пардохтҳои байналмилалии MasterCard барои татбиқи ҳисоббаробаркунии амалиётҳо бо кортҳои байналмилалии низоми пардохти MasterCard дар низоми миллии ҳисоббаробаркунии Тоҷикистон ҳамкориҳои худро густариш медиҳанд. Ширкати низоми пардохтҳои байналмилалии MasterCard аз ибтидои моҳи августи соли ҷорӣ дар ҳудуди Тоҷикистон низоми ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ бо пули миллӣ ба воситаи кортҳои MasterCard-ро ба кор даровард. Бояд таъкид намуд, ки дар ин низом Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун бонки ҳисоббаробаркунанда амал мекунад. Барои дар амал татбиқ шудани лоиҳаи мазкур чанде қабл Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ ва хазинадори корпоративии ширкати MasterCard Алфред Кибе шартномаеро дар саридораи ин ширкат дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико имзо намуда буданд.

Дарвоқеъ, метавон гуфт, ки имзои ин шартнома қадами ҷиддие дар роҳи тавсиа бахшидани пардохтҳои ғайринақдӣ ба воситаи кортҳои пардохтӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Ширкати MasterCard яке аз низомҳои пешрафтаи пардохти байналмилалӣ мебошад ва маҳз барои ҳамин бонкҳои Тоҷикистон бо он ҳамкории зич доранд ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ анҷом медиҳанд. Хурсандиовар аст, ки то имрӯз бархе аз бонкҳои Тоҷикистон узви ин низоми пардохти байналмилалӣ шудаанд ва кортҳои пардохтии MasterCard-ро ба миқдори беш аз 35822 адад ба муомилот ворид намудаанд.

Бинобар ин, имзои шартномаи ҳамкорӣ бо ширкати MasterCard барои татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №815 “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ” мусоидат намуда, барои афзоиши ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва ҷиҳати рушди минбаъдаи бозори кортҳои пардохтӣ кумак менамояд.

Мутобиқи қарори зикршуда бо мақсади кам кардани харидуфурӯши молу амвол бо пули нақд дар кишвар истифодаи кортҳои бонкӣ дар фурӯшгоҳҳо ба роҳ монда мешавад ва ҳамчунин як қатор

чорабиниҳои дигар ичро мегарданд. Бо пешниҳоди Бонки миллии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ шудани ин қарор чандин чорабиниҳо дар кишвар гузаронида шуд, ки яке аз онҳо ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии кишвар барои ҳатмӣ намудани насби терминалҳои электронӣ дар марказҳои савдо ва нуқтаҳои хизматрасонӣ аст. Ҳатмӣ намудани ин амал барои он зарур буд, ки минбаъд соҳибкорон аз насби терминалҳои электронӣ барои истифодаи кортҳои бонкӣ худдорӣ нанамоянд.

То оғози соли ҷорӣ, ҳарчанд шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ дар кишвар башиддат афзоиш меёфт, вале истифодаи онҳо ҳангоми пардохти арзиши молҳо ва хизматрасониҳо хеле кам сурат мегирифт. Аксарияти соҳибони кортҳои пардохтӣ аз онҳо ҳамчун воситаи гирифтани пули нақд истифода мебаранд ва ба ин сурат шакл гирифтани вазъият омилҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ, инфрасохторию меъёрӣ ва психологӣ боис шудаанд. Бинобар ин, барои рафъи ҳар яке аз ин омилҳо бояд тадбирҳое, андешида мешуд, ки қулай бошанд ва тамоми тарафҳои муносибатҳои пардохтнамо-



Барои низомҳои пардохтии MasterCard ва VISA фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушди амалиёт бо кортҳо дар бонкҳо ва тавсеаи пардохтҳои электронӣ дар байни муштариёну бахши тиҷоратӣ масъалаи муҳим ба шумор меравад.

иро фаро гирифта тавонанд.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ” бо назардошти ин мушкилот, таҷрибаи байналхалқӣ, зарурияти зиёд намудани ҳиссаи муомилоти ғайринақдӣ ва ташкили муомилоти пулии муосир тасдиқ шудааст.

Имзои шартнома байни Бонки миллии Тоҷикистон ва ширкати низоми пардохтҳои байналмилалии MasterCard барои татбиқи ҳисоббаробаркунии амалиётҳо бо кортҳои байналмилалии низоми пардохти MasterCard дар низоми миллии ҳисоббаробаркунии Тоҷикистон низ барои ҳали мушкилоти мавҷудаи соҳа ва иҷрои қарори мазкури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст. Зеро ин имкон медиҳад, ки амалиётҳо бо кортҳои байналмилалии низоми пардохти MasterCard, ки дар бозори кортҳои пардохтии кишвар мавқеи муайянеро

соҳиб гаштаанд ва дар бозори байналмилалӣ ҷойгоҳи хосса доранд, дар дохили кишвар минбаъд бо пули миллӣ анҷом дода шаванд.

Дар асоси ин шартнома Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд ҳангоми хариду фурӯши мол ва пардохти ҳаққи хизматрасониҳо амалиёти ҳисоббаробаркунӣ бо кортҳои MasterCard-ро дар кишварамон бо пули миллӣ амалӣ мегардонад. Бонки миллии Тоҷикистон дар ин ҷо ҳамчун бонки ҳисоббаробаркунанда амал менамояд. Ба андешаи мутахассисон, анҷом додани ин амалиёт тариқи низоми миллии ҳисоббаробаркуниҳо танҳо дар ҳолате имконпазир мешавад, ки агар Бонк – эмитент, Бонк – эквайер ва нуқтаи савдо дар қаламрави Тоҷикистон ҷойгир бошанд ва асъоре, ки бо он амалиёт анҷом дода мешавад, пули миллиамон - сомонӣ бошад.

Манфиатҳои дигари анҷом додани ин амалиёт аз ташаккули иқтисодиёти шаффоф, афзоиши ҳаҷми амалиёт бо кортҳои пардохтӣ дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ ва афзоиши ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ҳаҷми умумии муомилоти пул иборат мебошанд. Ҳамчунин низоми миллии ҳисоббаробаркуниҳо бо кортҳои бонкӣ ба бонкҳо барои дар байни аҳолӣ густариш додани пардохтҳои инноватсионӣ, бехатар ва мусоид шароит фароҳам месозад.

Пештар аз ин Бонки миллии Тоҷикистон бо ширкати байналхалқии Visa International Service Association - низоми пардохтҳои байналмилалии дигар, низ чунин шартномаеро ба имзо расонида буд. Тибқи ин шартнома аз моҳи январи соли 2016 дар Тоҷикистон низоми миллии ҳисоббаробаркуниҳои Tajikistan National Net Settlement System (TJ NNSS) ба фаъолият оғоз кард, ки барои гузаронидани ҳисоббаробаркуниҳо бо пули миллӣ аз рӯи амалиётҳои иҷрошаванда бо кортҳои VISA имкон фароҳам овард. Дар ин низом низ бонки ҳисоббаробаркунанда Бонки миллии Тоҷикистон мебошад. Ҷорӣ кардани ин низом марҳилаи муҳиме дар рушди бозори пардохтҳои ғайринақдӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ шуд.

Ба андешаи мутахассисон низоми миллии ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи амалиёт бо кортҳо ба бонкҳо барои дар байни аҳолӣ густариш додани пардохтҳои иноватсионӣ, бехатар ва осон бо кортҳои VISA шароит фароҳам овардааст. Ҳамчунин ин низом барои афзоиши шумораи суратҳисобҳои бонкии муштариён бо пули миллӣ ва гузаштан ба пардохтҳои ғайринақдӣ, ҷалби шумораи бештари муштариён ба бозори ғайринақдӣ ва афзоиши шаффофияти иқтисодиёти миллӣ муфид аст.

Татбиқ намудани ин низомҳо аз бонкҳо барои фаъол намудани он хароҷот талаб намекунад. Масалан, низоми TJ NNSS дар заминаи VISA NET низоми глобалии протсессингии VISA, ки қобилияти коркарди зиёда аз 65 ҳазор амалиётро дар як сония дорад ва зиёда аз 14 ҳазор институтҳои молиявиро дар 200 кишвари дунё муттаҳид месозад, амалӣ карда мешавад.

Ин низом ба талаботи бозори бонкии Тоҷикистон мувофиқ шуда, ба ташкилотҳои қарзӣ тамоми он афзалиятҳоеро, ки онҳо ҳангоми коркарди транзаксияҳои байналхалқӣ дар ихтиёр доранд, аз ҷумла, хизматрасонии техникӣ, идорасозии хавфҳо ва кӯмак дар ҳалли масъалаҳои баҳсбарангезро кафолат медиҳад.

Ба роҳ мондани ин низомҳои ҳисоббаробаркунии амалиётҳо бо кортҳои байналмилалии низоми пардохти MasterCard ва VISA дар низоми миллии ҳисоббаробаркунии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки баъзе мушкилоте, ки бо он дорандагони кортҳои пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ дучор мешуданд ва ҳангоми анҷом додани онҳо барои амалиёти конверсионӣ сарфи маблағи иловагии муштариён зарур мешуд, аз байн меравานд. Ҳали ин мушкилот дар навбати худ, метавонад сатҳи эътимоди аҳолӣ нисбат ба воситаҳои муосири пардохт ва умуман низоми бонкиро боло барад. Илова бар ин, дар амал ҷорӣ намудани ин низомҳо ба тавсеаи бештари воситаҳои муосири пардохт дар байни аҳолӣ ва таҳкими низоми миллии пардохт мусоидат хоҳад кард.

Барои низомҳои пардохтии MasterCard ва VISA фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушди амалиёт бо кортҳо дар бонкҳо ва тавсеаи пардохтҳои электронӣ дар байни муштариёну бахши тиҷоратӣ масъалаи муҳим ба шумор меравад. Бинобар ин, онҳо низ дар навбати худ барои тавсеаи ҳарчи бештари ҳамкорӣ бо Тоҷикистон ҳавасманд мебошанд.

Бонки миллии Тоҷикистон низ рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ба воситаи кортҳои бонкиро дар кишвар аз вазифаҳои худ ҳисобида, онро барои давлат боманфиат медонад. Аз як тараф, ин имкон медиҳад, ки амалиёти хариду фурӯш зери назорат гирифта шавад, маблағи бештар ҳамчун андоз ба буҷети кишвар ворид шавад ва мизони иқтисоди соягӣ коҳиш ёбад. Аз тарафи дигар, ин иқдом истифодаи пули нақдро дар кишвар кам карда, ба устувории қурби пул мусоидат хоҳад кард. Инчунин амали мазкур то андозае аз фарсуда шудани пулҳои коғазӣ пешгирӣ мекунад ва зарурати анҷом додани хароҷоти зиёдатиро барои интишори пулҳои нави коғазӣ ва аз як минтақа ба минтақаи дигар кашонидани онҳоро коҳиш медиҳад. Аз ҷониби дигар, истифодаи кортҳои пардохтӣ ҳангоми муомилот амнияти шаҳрвандонро таъмин карда, хавфи аз даст додани онро ҳангоми бо худ гирифта гаштани пули нақд рафъ менамояд.

Феълан, бино ба иттилои Бонки миллии Тоҷикистон 16 ташкилоти қарзӣ барориш ва хизматрасонии кортҳои пардохтии бонкиро ба роҳ монда, бо Низоми пардохти миллии “Корти миллӣ” ва низомҳои пардохтии байналмилалии VISA, MasterCard, UnionPay ва ғайра ҳамкорӣ менамоянд.

Дар кишвар истифодаи кортҳои пардохтӣ бо суръат меафзояд. Бино ба омори БМТ ташкилотҳои қарзӣ то 1 апрели соли равон зиёда аз 1 666 000 дона кортҳои пардохтиро ба муомилот баровардаанд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, 8,7 фоиз зиёд мебошад ва нисбати ду соли пеш ин афзоиш бештар аз 40 фоизро ташкил медиҳад.

Аз ин миқдор, 78,3 фоиз кортҳои Низоми пардохти миллии “Корти миллӣ”, 16,0 фоиз кортҳои низомҳои пардохтии байналмилалӣ (VISA ва MasterCard), 5,2 фоиз кортҳои пардохтии низомҳои дохилии ташкилотҳои қарзӣ 0,5 фоиз кортҳои пардохтии муштарак (UnionPay - ”Корти миллӣ”) мебошанд.

Ҳамчунин аз рӯи омори БМТ насби банкоматҳо ва терминалҳои электронӣ низ дар кишвар дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Барои хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтӣ то 1 апрели соли ҷорӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ 746 банкомат ва 2398 терминалҳои электронӣ насб шудаанд ва дар хизмати мардум қарор доранд.

Тавре мебинем, дар кишвар тамоми заминаҳо барои рушди муомилоти ғайринақдӣ фароҳам оварда шудаанд. Бидуни шубҳа, ба роҳ мондани низоми ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ бо пули миллӣ ба воситаи кортҳои MasterCard ва VISA дар кишвар, барои тавсеаи бештари бозори ғайринақдӣ мусоидат хоҳад кард.

**Аслам Мӯминов,**
**хабарнигори “БТҶ”**

# Рублро чӣ интизор аст?




Воқеан, тайи чанд соли охир бозори асъори Федератсияи Русия ҳолати тағйирёбандаю нооромИ бахри пуртуғёнро мемонад. Лаппишҳои ҷиддӣ ба ҳарду самт – гоҳе ба боло ва гоҳе якбора ба поён рафтани қурби рубли русӣ ба мушоҳида мерасад. Чун ин гуна номуайяниҳо дар бозори молиявии ин кишвари бузург ба миён меоянду рушди бомароми иқтисодиёти мамлакатро халалдор месозанд, натиҷааш он аст, ки сатҳи некуаҳволии аҳолӣ рӯ ба коҳиш овардааст ва гуфтузорҳо дар ин самт рӯз то рӯз зиёд гардидаанд.

Максим Орешкин, вазири рушди иқтисоди Русия бар ин андеша аст, ки вақтҳои наздик қурби рубли русиро ягон тағйирот ё лаппишҳои ҷиддие интизор нест. Бо ин мавқеи худ вай аз бисёр шаҳрвандони ин кишвар - аз се як ҳиссаи онҳо дар интизори поён рафтани курби рубл дар давоми сол мебошанд, фарқ мекунад. Дар робита ба ин, коршиносон низ чунин мешуморанд, ки арзиши рубл аз будаш зиёд нархгузорӣ шудааст.

Ба пиндори Максим Орешкин дар ин самт тағйироти ҷиддие пешбинӣ нашудааст. Қурби феълии доллари ИМА дар атрофи 60 рубл ва қурби Евро тақрибан 68 рубл “то андозае муътадил” мемонанд, изҳор дошт зимни суханронии хеш дар ҷаласаи ҳукумат сарвари Вазорати рушди иқтисоди Русия.

Ҷаноби вазир мегӯяд, вақте ки дурнамои Вазорати рушди иқтисод таҳия шуда буд, дар он қимати нефт 40 доллари ИМА барои як баррел ба назар гирифта шуда буд ва қурби доллар то охири сол бояд ба 68 рубл ва Евро ба 72 рубл баробар шавад.

“Он нархгузориҳое, ки мо имрӯз дар бозори асъор мебинем, онҳо воқеан ҳам дар маҷмуъ ба он дурнамое, ки дар аввали сол карда будем, мутобиқат мекунанд. Бинобар ин, дар ин қисмати кор дарояндаи наздик ягон тағйироту лаппишҳои ҷиддию нигаронкунандаро интизор нестем,- иброз дошт Максим Орешкин.

Вале боз ҳам коршиносон чунин мешуморанд, ки баҳои рубл бар ивази нефт аз будаш зиёд нархгузорӣ шудааст. Барои мисол, дар шарҳи “Комментарии о государстве и бизнесе”-и донишкадаи “Маркази инкишоф”-и Мактаби олии иқтисодӣ коршиносон амал ё рафтори рублро барои дурнамои кӯтоҳмуддат баҳогузорӣ намуда, чунин хулоса баровардаанд, ки қимати асъори русӣ нисбат ба нефт аз будаш зиёд нархгузорӣ шудааст.

Вақтҳои охир мушоҳида мешавад, ки хосияти чандирии қурб нисбат ба нефт каме зиёд шудааст,- таъкид намудаанд коршиносон дар шарҳи номбурда. Масалан, дар давоми охири моҳи май ва ду даҳаи аввали моҳи июн арзиши як баррел нефт ба андозаи қариб

$9 афтид, ки дар натиҷа қурби рубли Русия дар муқобили доллари ИМА ба андозаи 4 рубл паст шуд.

Коршиноси пешбари "Маркази инкишоф" Сергей Пухов навиштааст: "Агар вақтҳои пеш дар шароити бад шудани вазъи ҷаҳонии пастравии нархи нефт ба андозаи 10$ барои як баррел ба болоравии қурби доллар на зиёда 3 рубл оварда мерасонид, ҳозир ин таносуб ба 4,5 рубл баробар шудааст".

Дар робита ба ин масъала, муовини директори "Маркази инкишоф"-и Мактаби олии иқтисодӣ Валерий Миронов чунин ақида дорад, ки дарояндаи наздик сармоягузорон ба ҳама гуна тағйирёбиҳои иқтисодӣ аксуламали тезутунд нишон хоҳанд дод, аз ҷумла маблағҳои худро аз Русия берун мебаранд. "Мо истисно намекунем, ки дар айни замон баҳои рубл дар муқобили нефт то як андозаи аз будаш зиёд нархгузорӣ шудааст. Вақте ки дафъаи охир нархи як баррел нефт $43 меистод, қурби мубодилавӣ барои 1$ аз 64 рубл баландтар буд. Ва баръакс, вақте қурби доллари ИМА 60 рублро ташкил медод, арзиши 1 баррел нефт дар сатҳи 55$ қарор дошт", оварда шудааст дар ҳисоботи "Маркази инкишоф".

Тавре коршиносон зимни таҳлилҳои худ иброз медоранд, ба ғайр аз нархи нефт вақтҳои охир ба қурби рубл аз ҷониби Вазорати молия харидорӣ шудани асъори хориҷӣ таъсир расонид. Бо ин мақсад вазорати номбурда тибқи нақша дар муддати як моҳ барои харидорӣ намудани асъор 45,1 млрд рубл равона месозад, дар ин бора вазорат қаблан хабар дода

> Нишондиҳандаи 4,4% дар моҳи июн барои ман ҳам ногаҳонӣ буд, вале боз ҳам болоравии таваррум дар семоҳаи дуюм ногузир буд, мо онро дар сатҳи 4,2-4,3% пешгӯйи карда будем. Сабабаш маълум аст: дар охири март ва аввали апрел рубл аз мустаҳкамшавӣ боз истод, дар моҳи май ба заифшавӣ шуруъ кард ва илова бар ин, ҳиссаи воридоти маҳсулоти хӯроквории зиёд гардид.

буд. Бо ибораи дигар гӯем, вазорат ҳамарӯза ба маблағи 2,1 млрд. рубл асъори хориҷӣ харидорӣ хоҳад кард. Ба ҳамин тартиб, дар ниҳояти кор ҳаҷми хариди асъор панҷ маротиба меафзояд.

Дар баробари ин, афтидани арзиши нефт дар вақтҳои охирро коршиносон дар баландшавии босуръати пешниҳоди нефт бар талаботи он мебинанд. "Дар моҳҳои апрелмайи соли ҷорӣ пешниҳоди аз ҳад зиёди нефт дар Бразилия ва ИМА, ҳамчунин ба боздоштани истеҳсоли нефт аз ҷониби кишварҳои узви ОПЕК+ нигоҳ накарда, дар баъзе аз кишварҳои картел (аз ҷумла, Арабистони Саъудӣ ва Ливияю Нигерия, ки дар созишномаи боздоштани истеҳсоли ин намуди сӯзишворӣ иштирок намекунанд), мушоҳида гардид. Мо ҳамчунин он амалро низ истисно намекунем, ки дар оғози интизориҳои оптимистии иштирокдорони бозор марбут ба созишнома оид ба боздоштани истеҳсоли нефт аз ҷониби кишварҳои аъзои ОПЕК+ танзим ё ислоҳи нарх вуҷуд дошт, ки дар натиҷа дар охири соли 2016 арзиши як баррел нефт аз $50 баланд шуд, навиштаанд онҳо ва илова кардаанд, ки коҳишёбии минбаъдаи қимати нефт аз эҳтимол дур аст.

"Маркази инкишоф" барои моҳҳои наздик баҳои як баррел нефтро дар сатҳи $50 пешгӯии кардааст. Ба андешаи мутахассисони ин ташкилот, дар ин сурат ва ҳолатҳои дигар қурби мубодилавии доллари ИМА метавонад дар сатҳи 57-62 рубл қарор гирад.

Сардори шуъбаи амалиётҳои брокерии РосЕвроБанк чунин меҳисобад, ки дар айни замон арзиши рубл то як андозаи аз будаш зиёд нархгузорӣ шудааст. "Мо ҳолатҳои ба ин монандро баррасӣ карда истодаем ва бино ба андешаю баҳои коршиносони мо, дар сурати бо нархи $47-50 барои як барелл пешниҳод шудани нефт, қурби рубл нисбати доллари ИМА бояд 61-64 рублро ташкил намояд.

## ШАҲРВАНДОН НИЗ ИНТИЗОРИ КОҲИШ ЁФТАНИ ҚУРБИ РУБЛ ҲАСТАНД

Тавре аз маълумотҳои назарпурсии моҳи июни "инФОМ", ки бо фармоиши Бонки Русия (назарпурсӣ дар байни аҳолии аз 18 сола боло дар давраи аз 6 то 13 июни соли 2017 баргузор гардид) гузаронида шуда буд, қариб сеяки аҳолии Русия дар интизори онанд, ки баъди як сол қурби рубл назар ба доллари ИМА поин меравад. Ба шаҳрвандан дар бораи арзиши рубли русӣ назар ба доллари ИМА савол дода шуда

буд. Аз ҷумла, 29% пурсидагон посух доданд, ки қурб "паст" мешавад, 38% муштариён бар ин боваранд, ки таносуби қурби асъорҳо тағйир намеёбад, 14% онҳо бошад, ҷавоб доданд, ки қурби рубл дар муқобили доллар боло меравад. Ва ниҳоят 22% шаҳрванд дар посух ба суол ба душворӣ мувоҷеҳ шуданд.

Зимни шарҳи ин масъала сардори шуъбаи амалиётҳои брокерии РосЕвроБанк Евгений Волков иброз дошт, ки нархи аз ҳад баланди рубл марбут ба ворид шудани сармояи қаллобӣ аст, ки рублро ҳамчун асъори мақсаднок дар амалиётҳои carry trade истифода бурд, дар натиҷа дар бозори асъор ба истилоҳ як ташаннуҷият ба миён омад, ки бо суст шудани ҷараёни даромади сармоя ба Вомбарги заёми федералӣ ба коҳиш ёфтани қурби рубл оварда мерасонад.

## КОРШИНОСОН АЗ БУРУНРАФТИ САРМОЯИ БУЗУРГ АЗ РУСИЯ ХАБАР МЕДИҲАНД

Сармоягузорони хориҷӣ ҷойгиркунии маблағҳоро ба хазинаҳое, ки ба бозорҳои Русия равона карда шудаанд, дар се соли охир то ҳади ақал кам кардаанд. Вале коршиносони "Российская газета" ин камшавии сармояро хатарнок намеҳисобанд.

Рӯзномаи "Коммерсант бо истинод ба маълумотҳои Emerging Portfolio Fund Research ва "Ренессанс Капитал" хабар дод, ки дар як ҳафтаи охири моҳи июни соли равон бурунрафти маблағҳои сармоягузорон аз ин хазинаҳо бештар аз 83 млн. доллари ИМА-ро ташкил намуд. Аз охири моҳи феврал бошад ин амал характери пай дар пай дошта, маблағи умумии тарки маблағҳо дар ин давра ба 1,6 млрд. доллари ИМА баробар шуд.

Ба гуфтаи сарикдисодчии Бонки рушди Авросиё Ярослав Лисоволик, ки ба "Российская газета" иброз доштааст, аз Русия сармоягузориҳои маҷмуъӣ берун мераванд. Ба андешаи вай омилҳои аввалини дигар шудани сиёсати сармоягузорони хориҷӣ, қабл аз ҳама паст шудани нархи нефт, ҳамчунин карорҳои Низоми захиравии Федеролиии ИМА ва Бонки Русия оид ба сиёсати пулӣ ва қарзӣ ба шумор мераванд. Омилҳои сиёсӣ (дилсардии сармоягузорон оид ба гармшавии муносибат байни Русия ва ИМА, ҳамчунин тақвияти эҳтимолии таҳримро Ярослав Лисоволик омили дуюмдараҷаи бадар рафтани сармоя мешуморад.

Аммо механизми carry trade, ки ҳамчун яке аз омилҳои калидии воридшавии сармояи хориҷӣ ба ФР арзёбӣ мешавад, рӯ ба коҳишёбӣ овардааст, - мегӯяд Ярослав Лисоволик. Сабабгори бурунрафти сармоя аз Русия метавонад фишор ба рубл дар нимаи дуюми соли равон бошад, илова намуд ӯ.

"Ҳол он ки аз нуқтаи назари сифатнокӣ коҳишёбии сармояи ҳаннотӣ он қадар хатарнок нест, - изҳор менамояд коршинос. Ба андешаи ӯ, сармояи мустақими хориҷӣ ба Русия дар соли 2017 метавонад дар сурати тағйирёбии мусбати ММД ва боло рафтани нархи нефт, афзоиш ёбад.

Дар нимаҳои моҳи июни соли ҷорӣ нархи нефт то ҳади ақали ҳафтмоҳа – 45 доллари ИМА барои як баррел поин рафт. Дар ибтидои моҳи июл бошад, тибқи маълумоти биржаи ICE нархи як баррел нефти навъи аврупоии Brent дар атрофи 49 доллар қарор дошт.

Ҳамчунин дар миёнаи моҳи июн Кумитаи оид ба бозорҳои озоди Низоми захиравии Федеролиии ИМА меъёри заминавиро аз 0,75-1 фоиз то 1-1,25 фоиз боло бардошт. Ду рӯз баъдтар аз ин Бонки марказии Русия меъёри калидиро то 9 фоиз коҳиш дод. Маҳз ҳамин қарорҳо даромаднокии маблағҳои дар чорчӯбаи carry trade ба дороиҳои Русия воридкардаи сармоягузорони хориҷиро кам кард.

## ЧУНИН ТАВАРРУМРО БОНКИ РУСИЯ ИНТИЗОР НАБУД

Баланд шудани таваррум баъди ҷамъбасти он дар моҳи июн то 4,4% Бонки Русияро дар ҳиҷолат мононд. Таваррум аз рӯи ҷамъбасти моҳи июни соли равон 4,4%-ро ташкил намуд, ки назар ба нишондиҳандаи моҳи май зиёд аст. Бисёриҳо бар ин назаранд, ки агар чунин тамоюл минбаъд низ идома ёбад, гумон аст, ки Бонки марказӣ меъёри калидиро паст намояд. Дар ниҳояти кор ин ба он оварда мерасонад, ки паст кардани фоизҳои қарзҳо қатъ гардида, фаъолнокии сармоягузорӣ ва рушди иқтисод ба таъхир меафтанд.

Директори Департаменти сиёсати пулию қарзии Бонки Русия Игор Дмитриев изҳор намуда буд, ки таварруми моҳи июн ҳадяи ғайри чашмдоштро мемонад. "Вале тухфаи мазкур маънои онро надорад, ки дар моҳи июл низ чунин суръати таваррум идома меёбад. Ана ҳосили нави картошка, ки дар

нишондиҳандаи таваррум нақши пешбарро иҷро мекунад, ба бозорҳо ворид шуд. Имкон дорад таваррум дар ҳамон сатҳ нигоҳ дошта шавад ва ҳатто каме паст гардад".

Ба андешаи вай, ҳар замон пасту баланд шудани нархҳои маҳсулоти меваю сабзавот дар моҳи июн, ки аз интизориҳои мо барвақттар оғоз ёфт, гунаҳгор аст.

Таварруми пай дар ҳами феълӣ мухолифи интизориҳои ҳукумат мебошад. Дар дурнамои барои имсол, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисоди Русия омода шудааст, адади 3,8% монда шудааст.

Вазири рушди иқтисод Максим Орешкин мегӯяд, ки чанд ҳафтаи охир нархҳои сабзавот ниҳоят баланд шуданд, вале ин бештар аз ҳама ба хунук омадани баҳор, сардии тобистон ва омилҳои дигари иқлимӣ марбут буданд. Мо бар инем, ки аллакай дар моҳҳои июл ва август нарху наво ба маҳсулоти сабзавот баробари ворид шудани ҳосили нав поин хоҳанд рафт, иброз дошт ӯ.

Вале коршиносон чунин мепиндоранд, ки бо назардошти вазъи феълӣ, ҳамчунин заифшавии рубл комёб шудан ба нишондиҳандаи беҳтар мушкил хоҳад буд.

Дар робита ба ин, сариқтисодчии Гурӯҳи молиявии БКС Владимир Тихомиров аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод эълон намудани таваррумро барои соли равон дар сатҳи 3,8% ҳавобаландона номида, рақами воқеии онро ба 5% баробар донист.

"Нишондиҳандаи 4,4% дар моҳи июн барои ман ҳам ногаҳонӣ буд, вале боз ҳам болоравии таваррум дар семоҳаи дуюм ногузир буд, мо онро дар сатҳи 4,2-4,3% пешгӯйӣ карда будем. Сабабаш маълум аст: дар охири март ва аввали апрел рубл аз мустаҳкамшавӣ боз истод, дар моҳи май ба заифшавӣ шуруъ кард ва илова бар ин, ҳиссаи воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ зиёд гардид. Семоҳаи дуюм маъмулан даврае мебошад, ки таваррум аз ҳисоби баландшавии талаботи мавсимӣ ба маҳсулоти воридотӣ зиёд мешавад. Агар дар ин сурат рубл заиф шавад, таъсири он ду баробар зиёд мегардад", - изҳор намуд ӯ. Болоравии таваррум, ба фикри вай, аз ҳосили имсола ва қурби рубл вобаста мебошад.

> Рӯзномаи "Коммерсант" бо истинод ба маълумотҳои Emerging Portfolio Fund Research ва "Ренессанс Капитал" хабар дод, ки дар як ҳафтаи охири моҳи июни соли равон бурунрафти маблағҳои сармоягузорон аз ин хазинаҳо бештар аз 83 млн. доллари ИМА-ро ташкил намуд.

Дар ин маврид Владимир Тихомиров он қадар некбин нест ва мегӯяд, ки чун обу ҳаво сард аст ва ба ҳосили баланд умед баста нашояд, дар моҳҳои август-сентябр фаровонии маҳсулот ба даст намеояд, яъне ин маънии онро дорад, ки таварруми баланд нигоҳ дошта мешавад. Ба замми ин, агар нархи нефт паст шавад, қурби рубл поин меравад ва ин дар навбати худ метавонад сабабгори болоравии таваррум гардад.

"Дар шароити ба ин андоза афзудани фишори таваррумӣ ба назар аҷоиб хоҳад расид, агар Бонки марказӣ сиёсати худро мулоим намояд. Ба андешаи мо, баръакс дар ҷаласаҳои моҳҳои наздик дар гирифтани тасмим оид ба меъёри бозтамвил барои як муддат танаффус эълон карда мешавад. Баъдтар, эҳтимол зина ба зина як каме поин кардани меъёри калидӣ дар назар аст. То охири сол аз рӯи интизориҳои ман пастшавии ин меъёр то 8,5 фоизро ташкил медиҳад",- фикрашро хулоса намуда гуфт Владимир Тихомиров.

Бояд бигӯем, ки фикру андешаҳои коршиносон ва мутахассисони соҳа дар ин маврид зиёду мухталифанд ва дар аксари мавридҳо мавқеи онҳо якхела нест. Як қисмати аъзами онҳо бар ин назаранд, ки агар Бонки Русия таваққуф намуда, меъёри калидиро поин нафарорад, ин амал, аниқтараш беамалӣ ба иқтисодиёти кишвар таъсири манфӣ хоҳад расонид. Дар натиҷа қарзҳо аз арзоншавӣ бозмеистанд, дар навбати худ барқароршавии сармоягузорӣ ва талаботи истеъмолӣ ба таъхир меафтанд.

Ва дар маҷмуъ, ҳамаи ин омилҳо дар ниҳояти кор имкон нахоҳанд дод, то ки интизориҳои Вазорати рушди иқтисоди Русия дар мавриди то охири сол ба даст овардани рушди иқтисод то 2 фоиз дар амал татбиқ гардад.

**Шарҳи**
**Абдуғаффор Қурбонов,**
**"БТҶ"**

# НАЦИОНАЛЬНАЯ ВАЛЮТА С ВЫСОКИМ СТЕПЕНЕМ ЗАЩИТЫ

С целью укрепления степени защиты национальной валюты от подделок, улучшения дизайна и качества бумажных банкнот достоинством в 100 сомони, а также модификации элементов защиты посредством считывающих машин второго уровня и внедрения защитного элемента третьего уровня купюр номиналом в 10, 20, 50, и 100 сомони, Национальным банком Таджикистана 31 августа текущего года в обращение введены новые банкноты выпуска 2017 года с дополнительными степенями защиты.

Следует отметить, что банкноты номиналом 10, 20, 50 и 100 сомони выпуска 2017 года будут действовать в обороте наравне с бумажными купюрами номиналом 10, 20, 50, и 100 сомони образца 1999 года.

Бумажные банкноты достоинством в 50 и 100 сомони выпуска 2017 года изготовлены из 100% хлопкового волокна.

## Дополнительные степени защиты обновленной банкноты 100 сомони

### Водяной знак

Портрет Исмоила Сомони виден при просмотре банкноты на свет.

### RollingStar*

Защитная нить с оптическим кинетическим эффектом, фрагменты которой плавно меняют цвет с золотого на зеленый.

### LEAD*

Голограмма с портретом Исмоила Сомони, цифрой 100 и гербом Респулики Таджикистан.

### Радужная краска

При наклоне банкноты видна переливающаяся в дух цветах полоса с повторяющимся мотивом.

### PEAK* Dynamic

При наклоне банкноты мотив напходится в движении.

### Фосфорный блок

Квадрат с цифрой 100, выполненный фосфорной краской и видимый в ультрофиолетовом цвете.

### Флуоресценция или свечение

Разного цвета волокна и участки печати, светящиеся в ультрофиолетовом цвете.

**Департамент денежного обращения
и кассовых операций НБТ**

# ПУЛИ МИЛЛӢ БО УНСУРҲОИ БАЛАНДИ ҲИМОЯВӢ

Бо мақсади беҳтар кардани ороиши пули коғазии арзиши номиналии 100 сомонӣ, инчунин такмили унсурҳои тавассути мошинҳо хондашавандаи сатҳи дуюм ва ҷорӣ кардани унсури ҳимоявии сатҳи сеюм дар пулҳои коғазии арзишҳои номиналии 10, 20, 50, 100 сомонӣ тибқи қарордоде, ки байни Ширкати пулбарории “Гизеке ва Девриент”(Олмон) ва Бонки миллии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2016 баста шудааст, пулҳои коғазӣ бо арзишҳои номиналии 10, 20, 50, 100 сомонии намунаи соли 2017 чоп ва 31 августи соли равон ба муомилот бароварда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки пулҳои коғазӣ бо арзишҳои номиналии 10, 20, 50, 100 сомонӣ, намунаи соли 2017 дар қатори пулҳои коғазӣ бо арзишҳои номиналии 10, 20, 50, 100 сомонӣ, намунаи соли 1999, ки айни замон дар муомилот мебошанд, баробар гардиш менамоянд.

Бонки миллии Тоҷикистон пайваста ҷидду ҷаҳд мекунад, ки сатҳи унсурҳои ҳимоявии пули миллиро баланд бардошта, дараҷаи ҳифозатии онро аз тақаллубкорӣ пурзӯр намояд. Аз ҷумла, соли 2010 пулҳои коғазии арзишҳои 200 ва 500 сомонӣ ба муомилот бароварда шуданд, ки дар онҳо унсурҳои ҳимоявии “ранги тағйирёбанда” (адади “500”), дар рӯи “тасмача”-и голографӣ (дар пули 200 сомонӣ) “дизайни ҳимояи лазерӣ” ва “равзана”-и ҳимоявӣ (дар пули 500 сомонӣ) истифода шудаанд. Ба ғайр аз ин, соли 2012 дар пулҳои коғазии арзишҳои 5 ва 10 сомонӣ унсури ҳимоявии “кинеграмма”, моҳи марти соли 2013 дар пулҳои коғазии арзишҳои 20, 50, 100 сомонӣ унсури нави ҳозиразамони лазерӣ , ки се адади охири силсилавии пул дар рӯи навори голографӣ бо тарзи лазерӣ чоп шудааст ва ҳангоми ламс кардани ададҳои мазкур барҷастагӣ эҳсос карда мешавад, илова карда шуданд.

Пулҳои коғазӣ бо арзишҳои номиналии 50 ва 100 сомонии намунаи соли 2017 сад дар сад аз нахи пахта омода гардидаанд.

### Такмили унсурҳои ҳимоявӣ дар пули коғазии арзиши номиналии 100 сомонӣ

**Нишонаи обӣ**

Тасвири бисёртобишаи расми Исмоили Сомонӣ ҳангоми дар муқобили рӯшноӣ нигоҳ доштан, намудор мешавад.

**RollingStar***

Риштаи ҳимоявӣ бо эффекти оптикии кинетикӣ, ки қисматҳои он ноаён аз ранги тиллоӣ ба ранги сабз мубаддал мешаванд.

**LEAD***

Голограмма бо расми Исмоили Сомонӣ, адади 100 ва Нишони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Рангҳои ҷилодор**

Ҳангоми тағйир додани кунҷи биниш навори аз як ранг ба ранги дигар ивазшаванда такроран намудор мешавад.

**PEAK* Dynamic**

Ҳангоми тағйир додани кунҷи биниш навори хурди рӯшноӣ аз боло ба поён ва баръакс ҳаракат мекунад.

**Ҳимояи фосфорӣ**

Чоркунҷа бо адади 100, ки бо ранги фосфорӣ иҷро шудааст, зери шуоъҳои ултрабунафш намудор мешавад.

**Ҳимояи флуоресенсӣ (зери шуоъ дурахшанда)**

Нахҳои гуногунранг ва қисматҳои чопӣ, ки зери шуоъҳои ултрабунафш ҷило медиҳанд.

**Департаменти муомилоти пулӣ**
**ва амалиёти хазинадории БМТ**

## Меҳмонони гиромӣ!
## Ташрифи Шуморо ба Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар ш. Хоруғ, ки барои гузаронидани курсҳои баланд бардоштани ихтисоси кормандони низоми бонкӣ сохта шудааст, хайра мақдам мегӯем.









**Маркази таълимии БМТ дар яке аз мавзеъҳои зеботарини Боғи ботаникии ш. Хоруғ, дар баландии 2,200 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, барои пешвозу ҷойгир кардани меҳмонон ва дар сатҳи зарурӣ гузаронидани чорабиниҳои гуногун тамоми шароитҳо муҳайё карда шудаанд.**

Нишонии мо: ВМКБ, ш. Хоруғ, к. Усмон Холдоров Тел: (992 44) 600-46-71, : (992 44) 600-46-75
Моб: + (992) 93-501-01-59, E-mail: khorog.mt@mail.ru

# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
# НАЦИОНАЛЬНЫЙ БАНК ТАДЖИКИСТАНА

## ПУЛИ ТАКМИЛШУДАИ 100 СОМОНӢ
## ОБНОВЛЁННАЯ БАНКНОТА 100 СОМОНИ

1



**Нишонаи обӣ**

Расми Исмоили Сомонӣ ҳангоми дар муқобили рӯшной дидан намудор мешавад.

**Водяной знак**

Портрет Исмоила Сомони виден при просмотре банкноты на свет.

Рӯйи пул    Лицевая сторона




Шакли 156 x 65 мм    Формат 156 x 65 мм

2



**RollingStar®**

Риштаи ҳимоявӣ бо эффекти оптикии кинетикӣ, ки қисматҳои он ноаён аз ранги тиллой ба ранги сабз мубаддал мешаванд.

**RollingStar®**

Защитная нить с оптическим кинетическим эффектом, фрагменты которой плавно меняют цвет с золотого на зелёный.

3



**LEAD®**

Голограмма бо расми Исмоили Сомонӣ, адади 100 ва Нишони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**LEAD®**

Голограмма с портретом Исмоила Сомони, цифрой 100 и гербом Республики Таджикистан.




Паси пул    Оборотная сторона

4



**Рангҳои ҷилодор**

Ҳангоми тағйир додани кунҷи биниш навори аз як ранг ба ранги дигар ивазшаванда такроран намудор мешавад.

**Радужная краска**

При наклоне банкноты видна переливающаяся в двух цветах полоса с повторяющимся мотивом.

5



**PEAK® Dynamic**

Ҳангоми тағйир додани кунҷи биниш навори хурди рӯшной аз боло ба поён ва баръакс ҳаракат мекунад.

**PEAK® Dynamic**

При наклоне банкноты мотив находится в движении

6



**Ҳимояи фосфорӣ**

Чоркунҷа бо адади 100, ки бо ранги фосфорӣ иҷро шуда, зери шӯоъҳои ултрабунафш намудор мешавад.

**Фосфорный блок**

Квадрат с цифрой 100, выполненный фосфорной краской и видимый в ультрафиолетовом свете.



**Ҳимояи флуоресенсӣ (зери шӯоъ дурахшанда)**

Наххои гуногунранг ва қисматҳои чопӣ, ки зери шӯоъҳои ултрабунафш ҷило медиҳанд.

**Флуоресценция или свечение**

Разного цвета волокна и участки печати, светящиеся в ультрафиолетовом свете.

© Giesecke + Devrient, 2017


**Бонки миллии Тоҷикистон**

734003, ш.Душанбе
хиёбони Рӯдакӣ 107А
Тел.: + (992) 44 600-32-27
info@nbt.tj

**www.nbt.tj**

**Национальный банк Таджикистана**

734003, г.Душанбе
проспект Рудаки 107А
Тел.: + (992) 44 600-32-27
info@nbt.tj